**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК
БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

ТДУ-338:6П
ТКБ-65.9 (2)30
Э-93

*Бо ҳуқуқи дастнавис*



**ЭШБОЕВ ҶОНИБЕК АБДУМАЛИКОВИЧ**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси
08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**:
**Исмоилов М.М.**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор

**ХУҶАНД 2024**

## МУНДАРИҶА

**Муқаддима**............................................................................................. 5
**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ**.............................................................7
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ ТАҲҚИҚИ ИҚТИСОДИЁТИ ШАБАКАВӢ** ...................................................................14
1.1.Асосҳои назариявии таҳқиқи иқтисодиёти шабакавӣ................................14
1.2.Равияҳои методии баҳодиҳии сармояи зеҳнии иқтисодиёти шабакавӣ...........................................................................................33
1.3.Таҷрибаи ҳориҷии ташаккул ва рушди иқтисодиёти шабакавӣ ...........................................................................................50
**БОБИ 2. ҲОЛАТИ МУОСИР ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ШАБАКАВИИ ВИЛОЯТИ СУҒД**………………………………...….66
2.1.Ҳолати муосири рушди соҳибкории шабакавӣ ……………………......66
2.2.Соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт....................................................................82
2.3.Самаранокии соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат ............................................95
**БОБИ 3. ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ШАБАКАВИИ ВИЛОЯТИ СУҒД ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**..110
3.1. Мукаммалгардонидании ҳамкории давлат ва тиҷорат ...........................110
3.2. Васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ва танзими давлатии он......................................................................................127
3.3.Ҷойгиркунӣ ва рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд…………………………………………….….………...….141
**ХУЛОСАҲО ВА ПЕШНИҲОДҲО**…………………………………........154
**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** ……………...…...........157

## Рӯйхати ихтисораҳо

| | |
|---|---|
| ВАО | Васоити ахбори омма |
| ВМКБ | Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон |
| СШ | Соҳибкории шабакавӣ |
| СШИ | Соҳибкории шабакавӣ –иттилоотӣ |
| ДРСШ | Дараҷаи рушди соҳибкории шабакавӣ |
| ИДМ | Иттиҳоди давлатҳои мустақил |
| ИМА | Иёлоти муттаҳидаи Амрико |
| КДМ | Коэффисиенти даромаднокии меҳнат |
| $КИ_и$ | Коэффисиенти инноватсионӣ |
| $КИ_с$ | Коэффисиенти ихтисос |
| КИТТК | Корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ |
| СИС | Соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат |
| ССТ | Соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат |
| ККҶ | Коэффисиенти қобилияти ҷисмонӣ |
| КМ | Коэффисиенти маълумот |
| КН | Коэффисиенти навоварӣ |
| КОА | Комиссияи олии аттестатсионӣ |
| КС | Коэффисиенти саломатӣ |
| КУ | Коэффисиенти устуворӣ |
| КҲМ | Коэффисиенти ҳосилнокии меҳнат |
| МДТ | Муассисаи давлатии таълимӣ |
| ММД | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| МММ | Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ |
| НТҶ | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| СЗШ | Сармояи зеҳнии шабака |
| СИШ | Самаранокии соҳибкории шабакавӣ |

| | |
|---|---|
| СИСШ | Сармояи иттилоотӣ-соҳибкории шабака |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| ТБМ | Ташкилоти Байналмилалии меҳнат |
| ТИК | Технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ |
| ФША | Фонди шуғли аҳолӣ |

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Раванди бемайлон ва босуръати ҷаҳонишвӣ, ташаккули вазъи мувофиқу муносиби ташаккули технологияи ҷадиди муосири истеҳсолот ба рушду нумӯи навҳои комили хоҷагидорӣ, аз ҷумла иқтисодиёти шабакавӣ, технологияи нави фаъолияти иқтисодиёти шабакавӣ, яъне соҳибкории шабакавӣ бешубҳа мусоидат намуд.

Иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ нисбат ба шаклҳои анъанавии фаъолияти иқтисодӣ афзалиятнокии зиёд дошта, самаранокии ислоҳоти иқтисодиро таъмин менамояд.

Санаи 23.12.2022 дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон чунин садо дод, ки «…соли 2022 корҳо ҷиҳати устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ тақвият пайдо карда, рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи 8 фоиз таъмин карда шуд... Ҳамчунин, дар панҷ соли охир шумораи қарзгирандагон аз 564 ҳазори соли 2018 то ба 2 миллиону 336 ҳазор дар соли 2022 расида, 4,1 баробар афзоиш ёфтааст, ки фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ ва соҳибкоронро нишон медиҳад.Дар ин давра ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 55 миллиард сомониро ташкил кард, ки 36 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд».[1]

Вобаста ба иқтисоди Тоҷикистон аҳаммияти иқтисодиёти шабакавӣ беназир буда, самаранокии низоми иқтисодиро таъмин менамояд, зеро он қобилият ва хусусияти эҷодкории соҳибкориро нишон медиҳад.

Ғайр аз ин, соҳибкории шабакавӣ омили асосии рушди иқтисодии муосири рақамӣ (инноватсионӣ) мебошад, зеро мақсади рушди соҳибкорӣ

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23.12.2022, шаҳри Душанбе

дар кишвар, пайдо ва зиёд намудани фоида, бештар қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ба молу хизматҳо мебошад.

Бинобар ин соҳибкории шабакавӣ технологияи нави фаъолият ва усули хоҷагидории бозорӣ мебошад ва рақобатпазирии иқтисодии вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд.

Соҳибкории шабакавӣ ба рушди муҳити устувори соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Дар навбати худ, муҳити соҳибкорӣ муносибатҳои истеҳсолӣ-шабакавиро ташаккул дода, ҳамкории соҳибкорон, ширкатҳо ва муассисаҳоро такмил медиҳад. Аз ин рӯ, ба соҳибкорон, аз ҷумла соҳибкорони вилоят, дигар минтақаҳо барои шикат намудан, амалисозии равобити иқтисодӣ ва ҳам фаъолияти тиҷоратӣ дар бозори ҷаҳонӣ соҳибкории шабакавӣ мусоидат менамояд.

Ин ва дигар нуктаҳои марбут ба он моҳият ва аҳаммияти ҳам назариявӣ ва ҳам методии инкишоф ва рушду нумӯи соҳибкории шабакавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос намуда, аз ин нуқтаи назар зарурияти таҳқиқи масъалаи мазкур дар заминаи соҳибкории шабакавӣ дар вилояти Суғд вуҷуд дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Муаммоҳои назарияи соҳибкорӣ дар умум аз ҷониби як қатор олимони хориҷиву ватанӣ аз ҷумла М. Кастелс, Ф. Котлер, А. Н. Асаул, И. Р. Сивелев, Й. Шумпетер, Р. Каплан, Ф. Махлуп, Д. Ю. Мирополский, С. П. Курдюмов, С. А. Дятлов, Р. А. Гаврилова, Е. М. Мезентсев, Г. Бенеско, М. Ю. Шерешева, О. У. Юлдашева, А. М. Юнусов ва дигарон таҳқиқ шудааст.

Аз байни олимони ватанӣ асарҳои Асрорзода У.С. (рушди соҳибкории саноатии минтақа), Бойматов А.А., (назарияи маркетинг дар соҳибкорӣ), Қодиров А. Л. (фаъолияти тиҷорати электронӣ), Ҷӯрабоев Г. (соҳибкории саноатӣ дар иқтисодии бозорӣ), Исмоилов М. М. (унсурҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёти шабакавӣ), Комилов С. Ҷ. (рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар), Ризозода Т. Р. (рушди назарияи соҳибкорӣ ва иқтисодёти минтақаҳо), Назаров А. А. (низоми иқтисоди рақамӣ), Раҷабов Р.

К. (шаклҳои соҳибкории инноватсионии кишвар), Шарифзода М.М. (рушди назарияи соҳибкорӣ ва самаранокии маркетинг), Шаропов Ф. Р. (технологияи рақами дар шабакаҳои савдо), Хоҷаев В. Ф. (Нақши технологияи иттилоотӣ дар низоми идоракунӣ), Дадоматов Д. Н. (ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ), Ҳабибов С.Ҳ. (муаммоҳои рушди соҳибкории инноватсионӣ), Хоҷаев П.Д. (рақобатпазирии корхонаҳои саноати дар рушди иқтисодии минтақа), Фақеров Ҳ. Н. (рушди соҳибкории тиҷоратӣ), Аҳмедов Ф. В. (соҳибкории корхонаҳои хурд дар минтақа) ва дигаронро қайд кардан ба маврид дониста мешавад.

Дар корҳои мавриди назар сохтори шабакавӣ ва рушди соҳибкорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ таҳқиқ шудааст. Аммо таҳқиқот оид ба ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусан, дар мисоли соҳибкории шабакавии ҳам ҷумҳурӣ ва ҳам вилоят кофӣ нест, ки сабаби интихоби мавзуи таҳқиқотро муайян менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуи илмӣ.** Кори диссертатсионӣ ва натиҷаҳои он дар чаҳорчӯбаи СМР мамлакат дар давраи то соли 2030, дар амал тадбиқ намудани Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва раванди саноатикунонии босуръат нигаронида шуда, ба раванди индустрикунонии истеҳсолот ва ташаккули иқтисодиёти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон иртибот дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти** ташаккул ва рушду соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли соҳибкории шабакавӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои таъмин кардани самаранокии он мебошад.

Бинобарон, чунин вазифаҳои таҳқиқот муайян шудаанд:

- иқтисодиёти шабакавӣ ва асосҳои назариявии онро тасниф ва ҳам низомбандӣ намудан;
- сармояи зеҳнии иқтисодиёти шабакавиро арзёбӣ намудан;
- асарбахшии фаъолияти тиҷории шабака дар минтақа мавриди арзёбӣ кардан;

- заминаҳои беҳбуди механизми тавсеаи тиҷорати онлайн таъйин намудан.
- муайян намудани роҳҳои баланд бардоштани самаранокии рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот:** муносибатҳои иқтисодие, ки бо иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд.

**Предмети таҳқиқот** ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар бахши шабакавии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи таҳқиқот** фарогири рушди назарияи иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ, рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии миллиро таъмин менамояд ва барои ҳалли Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадафи 4-уми Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – саноатикунонии босуръат нигаронида шуда, бо «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» ва табдили модели рушди саноатӣ-аграрии мамлакат иртибот дорад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» солҳои 2015-2023 ба анҷом расидааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Мавриди таҳқиқ қарор додани асоси масоили марбут ба инкишоф ва ташаккули соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории шабакавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи истифода аз методҳои умумии илмӣ: синтез, муқоиса, индуксия ва дедуксия, таҳлили оморӣ ва таҳқиқоти монографӣ сурат гирифтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро коркарди консептуалии классикиву муосири иқтисодӣ дар заминаи масъалаҳои ташаккул ва рушди соҳибкорӣ ташкил медиҳад. Ҳамчунин, зимни таҳияи рисолаи мазкур диссертант таҳқиқотҳои назариявии олимони ватанӣ ва ҳам бурунмарзиро перомуни ҷанбаҳои гуногуни ташаккули соҳибкории шабакавӣ, иқтисодиёт, аз ҷумла иқтисоди бозорӣ ва ҷойгоҳи иқтисоди миллӣ дар шароити муосир, барномаҳои давлатӣ, инчунин

ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ҳуқуқӣ дар раванд ва соҳаи фаъолияту танзими соҳибкории шабакавиро дида баромада, андешарониҳои амиқ кардааст.

**Сарчашмаи маълумотҳо** маводи расмии нашргардидаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарраёсати он дар вилоятҳо, аз ҷумла вилояти Суғд, нашрияҳо, нашриёти расмӣ, маълумотҳои ҷории корхонаҳо, инчунин, маълумотҳои аввалини ҳисоботи корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз рушди назарияи соҳибкорӣ дар мисоли соҳибкории шабакавӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои истифодаи дар муҳити соҳибкории миллӣ мебошад.

Натиҷаҳои зерин муҳимтарин навгонии илмии таҳқиқот маҳсуб мешаванд:

1. Дар асоси **низомбандии** асосҳои назариявии иқтисодиёти шабакавӣ мафҳуми онро боз ҳам ғанӣ сохта, ҳамчун мукаммалтарин навъи ё худ шакли хоҷагидорӣ, тавассути истифода намудани шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ташкил намудани навъи дигари истеҳсолоти инноватсионӣ маҳсуб гашта, дорои самаранокии баланди иҷтимоӣ - иқтисодӣ мебошад, пешниҳод шудааст. Иқтисодиёти шабакавӣ ва шакли калидии он - соҳибкории шабакавӣ рушди муносибатҳои иқтисодии бозориро дар иқтисодиёти миллӣ таъмин менамояд.

2. Дар натиҷаи арзёбии сармояи зеҳнии иқтисоди шабакавӣ **муайян гаштааст**, ки ташаккул ва рушди иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ бо дараҷаи афзоиши истифода бурдани иттилоот алоқаманд мебошад, ки барои иштирок дар рушди иқтисоди миллӣ ҳамчун субъекти баробар шароит фароҳам меорад. Зеро доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло «нокифоя» буда, асосан фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолот ва тиҷорат ба назар мерасад.

3. Барои арзёбии самаранокии фаъолияти соҳибкории шабакавӣ усуле **пешниҳод шудааст**, ки ба низоми нишондиҳандаҳои асосии соҳибкорӣ

асос ёфтааст: зичӣ ва дараҷаи ҳамоҳангии шабака, зичӣ ва устувории робитаҳои тиҷоратӣ, тавозуни сохторӣ, дараҷаи расмисозии робитаҳои тиҷоратӣ дар соҳибкории шабакавӣ.

4. **Исбот гаштааст,** ки такмили сохтории рушд ва ташаккули соҳибкории шабакавӣ ба афзоиши самараи ҳамкории давлат бо бизнес, пешгӯӣ ва ташаккули амалкарди соҳибкории шабакавӣ ва таъсири навъҳои инноватсионӣ вобастагӣ дорад. Танзими давлатии соҳибкорӣ барои ҳамгироии ҷанбаҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, мавҷуд будани асимметрия ё маълумоти нокифоя ва эҳтимолии истифода ва ғайраро ба назар гирифта, ба рушди он таъсир мерасонад.

5. **Муайян карда шудааст,** ки роҳҳои баландсозии самараи фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории шабакавӣ аз муайянсозии талаботи иқтисодиёти Тоҷикистон, ҳамчунин талаботи иҷтимоӣ, иқтисодии аҳолӣ, стратегияи рушд, ҷойгирсозӣ ва ҷобаҷокунии қувваи истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ мабут мебошад.

**Нуктаҳои зерин асосӣ ҳисобида шуда, барои дифоъ пешниҳод мешавад:**

- иқтисодиёти шабакавӣ ва асосҳои назариявии он тасниф ва ҳам низомбандӣ карда шуд;
- арзёбии сармояи зеҳнии иқтисодиёти шабакавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт;
- асарбахшии фаъолияти тиҷории шабака дар минтақа мавриди арзёбӣ қарор гирифт;
- заминаҳои беҳбуди механизми тавсеаи тиҷорати онлайн таъйин шуд.
- роҳҳои баланд бардоштани самаранокии рушди шабакаҳои соҳибкорӣ дар вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуданд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар таъмини назариявию методӣ ва мустанад гардонидани тадбирҳои амалӣ ифода ёфта, ба муайян кардани рушди соҳибкории шабакавӣ ва истифодаи босамари он дар минтақа нигаронида шудааст. Он аҳаммияти фаъолияти соҳибкории шабакавӣ,

саноатӣ-шабакавӣ ва тиҷоратӣ-шабакавии иқтисодии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор менамояд.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот** дар хулосаҳои илмии бадастомада ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба татбиқи тадбирҳои минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба рушди соҳибкорӣ, соҳибкории шабакавӣ дар давраи дигаргунсозӣ бо назардошти хусусият ва сатҳи рушди иқтисодиёти кишвар мебошад.

**Муқаррароти назариявии диссертатсия** дар МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар раванди омӯзиши фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёти корхона», «Иқтисодиёти соҳаҳо» бо мақсади тайёр намудани мутахассисони соҳаи иқтисодӣ (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти №01/8360 аз 08-уми декабри соли 2023) ва корхонаҳои саноатию-шабакавӣ вилояти Суғд истифода шудааст (маълумотнома таҳти № 22 аз 6-уми декабри соли 2023).

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқот тавассути таҳлили пурраи кори муаллифони гуногун дар мавзуи таҳқиқшуда, СМР то соли 2030, Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», иртиботи маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти иқтисодиёти шабакавӣ, соҳибкорӣ шабакавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои назарсанҷии муаллиф ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот таъмин карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шуданд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ мутобиқ аст: 1. Рушди назария ва

методологияи соҳибкорӣ; 4. Пешгӯии тағйироти сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; 5. Таҳқиқи фаъолияти соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ-идоракунӣ; 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи аломатҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ; аз рӯйи миқёси фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва ғ.); 13. Ташкили низоми ҳамкории соҳибкории хурд ва калон. Ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавӣ бо назардошти мақсаднокии иқтисодии он. Франчайзинг ҳамчун намуди махсуси фаъолияти соҳибкорӣ; 23. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани он.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳилаҳои амалигардонии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шуданд. Диссертатсия кори мустақилонаи илмӣ–таҳқиқии муаллиф ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби унвонҷӯ ба таври мустақилона аҳаммияти мавзуъ асоснок ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқ муайян шудаанд, асосҳои назариявӣ рушд дода шуда, тавсияҳои илмиву амалӣ оид ба рушди соҳибкории шабакавӣ ва иқтисодёти шабакавӣ коркард гардидаанд. Муаллиф ба рушди консепсияи иқтисодёти шабакавӣ, соҳибкории шабакавӣ ва идоракунӣ ҳамчун парадигмаи рушди иқтисодиёти кишвар саҳми назаррас гузоштааст, ки дар ҳаллу фасли муаммоҳои иҷтимоию иқтисодии миллӣ инъикос мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар силсилаи маводи конференсияҳои гуногун байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилӣ аз ҷумла «Дастоварди муҳаққиқон» (ш. Хуҷанд, соли 2016), «Уфуқи илмӣ» (ш. Хуҷанд, соли 2017), «Технологияҳои иттилоотӣ ва накши он дар рушди иқтисоди рақамӣ» (ш. Хуҷанд, 28 декабри соли 2022), «Равишҳои муосир ба азхудкунии муштараки технологияҳо ва имкониятҳои фазои кайҳонӣ дар таъмини рушди технологӣ, инноватсионӣ ва рақамикунонии истеҳсолот дар ҳошияи амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат» ( ш. Кӯлоб, 23декабри соли 2023) баррасӣ шудаанд. Вобаста ба мавзуи таҳқиқ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи апрелии

омӯзгорони МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» маърӯзаҳо кардааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар 15 мақола дар ҳаҷми умумии 5,6 ҷ. ч. инъикос гардидаанд, ки аз ҷумлаи онҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо, феҳрасти адабиёт (167 номгӯй) иборат аст. Он аз 179 саҳифаи матни чопӣ, 36 ҷадвал, 3 диаграмма ва 16 расм иборат мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ ТАҲҚИҚИ ИҚТИСОДИЁТИ ШАБАКАВӢ

## 1.1. Асосҳои назариявии таҳқиқи иқтисодиёти шабакавӣ

Пешравиҳои соҳаҳои технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ фаъолияти башариятро бо назардошти имкониятҳои сохтори нави ташкилӣ ва инстутсионалӣ ташаккул дод. Иқтисодиёти шабакавӣ ва навъи асосии он дар радифи соҳибкории шабакавӣ қарор дошта, шакли сифатан нави низоми иқтисодӣ ба шумор меравад ва “муносибатҳои иқтисодии шаклҳои бозорӣ ва иерархӣ вобаста ба иқтисодиёти миллӣ”[2] инкишоф ёфтааст ва пеш аз ҳама, мақсади асосии он ислоҳоти иқтисодӣ низ маҳсуб меёбад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон перомуни умдарин масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ андешаронӣ карда, аз ҷумла қайд месозанд, ки «Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт».[3]

Иқтисодиёти шабакавӣ яке аз самтҳои асоси иқтисодӣ ва фаъолияти босуръат буда, имкониятҳои соҳибкориро нишон медиҳад.

Зеро соҳибкории шабакавӣ сохтори ба таври систематикӣ ташкилшудаи доираи муносибатҳо дар шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва интернет мебошад, ки маълумот оид ба роҳҳои истеҳсоли мол, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯи технологияи нав ва гардиши молу хизматҳои дар рақамикунонии иқтисодиёт таҷассум мекунад.

---

[2] Исмаилов М.М., Эшбоев Ҷ.А. Мақоми сохтори шабакавии инноватсионӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ. [Матн] / Ҷ.А Эшбоев, М.М. Исмаилов// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе. 2023. №1(45) -С. 148-154. ISSN 2308-054X.

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022

Олими ватанӣ Ризоқулов Т. Р. қайд менамоянд, ки “фаъолнокии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди инноватсиониву рақамикунонӣ чандон чашмрас нест. Лекин дар муқоисаи нишондиҳандаҳо бо солҳои пеш дарк кардан мумкин аст, ки сол аз сол рушди он ба назар расида истодааст”.[4]

Дар ташаккули модели рушди саноатӣ-аграрӣ ба иқтисодиёти шабакавӣ ҳамчун “фаъолияти асосии инноватсионӣ”[5] диққати асосӣ дода мешавад.

Иқтисодиёти шабакавӣ шакли хоҷагидориест, ки фаъолияти он ва истифодаи телекоммуникатсияи рақамӣ (шабакаҳои электронӣ) “самаранокии баланди иқтисодиро таъмин менамояд”.[6]

Назарияи иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ низ вижагӣ ва хусусиятҳои низоми иҷтимоӣ-иқтисодии асри XXI-ро эзоҳ медиҳад ва бунёди ҷамъияти иттилоотии «иқтисодиёти шабакавӣ» маҳсуб меёбад.

Мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ», ки И.Маъсуд пешниҳод кардааст, “марҳилаи пешрафтаи ҷомеаи иттилоотӣ мебошад, ки ба эҷоди оммавии дониш асос ёфтааст, аллакай дар ибтидои асри XXI ташаккул ёфтааст”.[7]

Бояд гуфт, ки асоси ҷомеаи иттилоотиро пеш аз ҳама «иқтисодиёти шабакавӣ» ташкил медиҳад. Мафҳуми мазкур ҳарчанд аз ҷониби ҳамагон мавриди истифода қарор нагирифтааст, аммо ҳамрадифи он мафҳумҳои дигар, ба монанди иқтисодиёти иттилоотӣ, иқтисодиёти робитаҳои мустақим ва низ истифода карда мешаванд.

Барои омӯзиши соҳибкории шабакавӣ, ба андешаи мо, шароити ташаккули иқтисодиёти шабакавӣ, миқёс ва хусусиятҳои фаъолияти онро таҳлил кардан лозим аст.

---

[4] Ризоқулов Т. Р. Нақши интернет-савдо дар ташаккули иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т. Р. Ризоқулов /АХБОРИ ДДҲБСТ Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. Хуҷанд.-2021. №4(89)-с.73-81. ISSN: 2411-1945

[5] Исмаилов М.М., Эшбоев Ҷ.А. Мақоми сохтори шабакавии инноватсионӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ. [Матн] / Ҷ.А Эшбоев, М.М. Исмаилов// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе. 2023. №1(45) -С. 148-154. ISSN 2308-054X.

[6] Усманова Т.Ҷ. Рушди технологияҳо ва рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун омили беҳтар намудани хизматрасонии шуғли аҳолӣ [Матн] / Т.Ҷ. Усманова, С. Ҷурахонзода / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе -2022. №2 (41). с- 228-234. ISSN 2308-054X.

[7] Гаврилова Р.А. Интеллектуальный капитал в информационно-сетевой экономике: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.01 / Р.А. Гаврилова. – СПб., 2013. – 39 с.

Шарти ташаккул ва рушди иқтисодиёт ва соҳибкории шабакавӣ ин гузаштан аз сохтори технологии 4-ум (инкишофи мошинсозии махсус ва кимиёкунонии истеҳсолот) ба 5-ум (технологияи навтарини ҳисоббарор ва иттилоотӣ, робитаи кайҳонӣ, нахи оптикӣ, технологияи биологӣ (биотехнология)) ба шумор меравад.

Ҳамчунин, иқтисодиёти шабакавӣ барои тиҷорат, бастани шартнома, додугирифти маълумот ё новгонии шабакави (ноу-хау), инчунин барои қонеъ кардани дархости онҳо зарур мебошад. Болоравии иқтисодиёти шабакавӣ аз ниёҳои асосӣ ва ҳамзамон, муҳими иқтисоди шабакавӣ иборат мебошад.

Инчунин иқтисодиёти шабакавиро ҳамчун рақамикунонии иқтисоди ҷаҳонӣ маънидод карда метавонем.

Натиҷа ҳамин аст, ки дар иқтисодиёти шабакавӣ истеҳсолоти автоматиконидашуда, роботҳо, асбобҳо, дастгоҳҳо ва мошинаҳо, инчунин одамон бо ҳам алоқамананд.

Сарчашмаи рушди иқтисодиёти шабакавӣ ба назарияи Г.Бенеско рабт дорад.

Чунонки Г. Бенеско зикр мекунад, "пояи рушди ҷаҳонии соҳибкорӣ ва иқтисодиёти шабакавӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ аз тиҷорати электронӣ вобаста мебошад". [8]

Истилоҳи «шабакаи иҷтимоӣ» аз ҷониби ҷомеашинос Ҷ. Барнс соли 1954 ворид карда шудааст. Аз бисёр асарҳо асари С. Найдел «Назарияи сохтори иҷтимоӣ»[9] сазовори таваҷҷӯҳи махсус аст. Он мафҳумҳои «сохтор» ва «функсия»-ро ҷудо мекунад, ки ба принсипҳои муосири рушди соҳибкории шабакавӣ мувофиқат мекунад.

Найдел менависад: «Мо сохтори ҷомеаро тавассути шумораи мушаххаси аҳолӣ ва тарзи рафтор ё шабакаҳо (ё системаҳо)-и муносибатҳое, ки актёрон

---

[8] Бенеско Г.С. электронным бизнесом в третье тысячелетие / Г.С. Бенеско // Commerce World. 2008.- № 4. – С. 12-16.

[9] Мезенцев Е.М. Развитие системы сетевых взаимодействий субъектов предпринимательства: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / Мезенцев Е.М. –Екатеринбург, 2020. – 13 с.

тавассути иҷрои нақшҳои муштарак ва ба ҳамдигар нигаронидашуда ба даст меоранд, муайян мекунем».[10]

Рушди иқтисодиёти шабакавӣ дар кишварҳои гуногун ва замонҳои гуногун далели заминаҳои технологии рушди шабака, масъалаҳои шабакавӣ ва соҳибкорӣ мебошад.

Шарти назариявии рушди иқтисодиёти шабакавӣ тамоюли ҷустуҷӯи захираҳои нав ва роҳҳои самараноки истифодаи онҳо мебошад.

Дар системаи иқтисодӣ ба иқтисодиёти шабакавӣ нақши воситаи тақсимоти самараноки захираҳои маҳдуд гузошта шудааст.

Барои ҳал намудани масоили ташаккули иқтисодиёти шабакавӣ бояд моделҳои иқтисодӣ-математикии мавҷуда, такмили онҳо, коркарди моделҳои дигар сохта шаванд.

Барои мусоидат ба барномаҳои мухталифи марбут ба рушди иқтисодиёти шабакавӣ ба миён овардани шароити мувофиқи иқтисодӣ тадбирҳои мушаххасро бояд ба анҷом расонд ва аз соли 1969 то имрӯз дар чаҳорчӯбаи назарияҳои мазкур иқтисодиёти шабакавӣ такмилу устувор гаштааст.

Оиди зарурати технологияи иттилоотӣ ва МЭҲ дар соҳибкорӣ, Қодиров А. Л., чунин фикрро ба пеш мебаранд «мамлакатҳои муттараққӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки истеҳсоли молҳои доирашон начандон васеътарро ба роҳ монда онро беҳтар намояд ва дар рақобат бо дигар мамолик ба комёбӣ ноил гарданд. Инҳо, автомобил, МЭҲ ва дигар молҳо. Баъзан интихоб хеле душвор мегарад. Мамлакатҳои сустараққикарда чунин қашшоқанд, ки кушиши қисми зиёди қувваи корӣ танҳо барои хуронидану пушонидани аҳолӣ сарф мешаваду бас».[11]

Ба гурӯҳҳо ҷудо кардани рушду нумуи иқтисодиёти шабакавӣ вобаста ба давраҳо панҷ марҳиларо дар бар мегирад, ки, аз ҷумла,  солҳои 1960—1970

[10] Воронкин А.С. Социальные сети: эволюция, структура, анализ / А.С. Воронкин // Образовательные технологии и общество. – 2014. – Т.17. – №1. – С. 650-675.
[11] Қодиров А. Л. Асосҳои соҳибкорӣ ва маркетинг / А. Л. Қодиров, А.А. Бойматов // Хуҷанд «Хуросон» с.2002 с-8-9.

марҳилаи аввал ба ҳисоб рафта, он ба миён омадани МЭҲ (мошинҳои электронии ҳисоббарор), тартиб дода шудани низоми шабакаҳои ҳисоббарор, ба вуҷудоии модели мубодилаи иттилоот рабт дорад; солҳои 1970—1980 давраи ё худ марҳилаи дуюм буда, таҳия гардидани аввалин микропротсессор ва корти хотира, таҳияи консепсияи ташаккули шабакаҳои компютерӣ ба ин марҳила рост меояд; марҳилаи сеюм солҳои 1980–1990-ро дар бар мегирад, марҳилаи чорум ба солҳои 1990–2000 рост меояд; ва охирон, марҳилаи панҷум, яъне соли 2000 – замони муосир маҳсуб ёфта, рушди муқаррарии корбарони интернет, ташкили сомонаи тиҷорати электронӣ ба шумор рафта, тариқи почтаи электронӣ сурат мегирифт ва ин яке аз падидаҳои аслии ин марҳила маҳсуб мешавад;

Дар ин робита шоёни зикр аст, ки назарияи иқтисодии шабакавӣ бар усули зер устувор аст:

- фурсатҳои номаҳдуд дар иқтисод барои истифодаи густарда аз фанноварихои иттилоотиву мухобиротӣ;
- дар асоси ба назар гирифтани хусусиятҳо ва тафаккури аҳолии ҷумҳурӣ мувофиқати раванди фаъолияти ягонаи субъектҳои саноатӣ ва савдо ба амалияи ҷаҳонӣ;
- дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан одӣ будани шароити ба роҳ мондани технологияи иттилоотӣ, интернет;
- аз ҷониби бозор ва давлат мавриди “назорат ва танзим қарор дода шудани фаъолият;”[12]
- мавриди истифода қарор гирифтани анвои гуногуни соҳибкорӣ, аз ин қатор шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
- истеъмолкунандагонро гуруҳбанди намудан;
- истифодаи технологияи иттилоотӣ ва самаранокии он.

Арзёбии рушд ва ташаккули назарияи иқтисодиёти шабакавиро дар асоси омӯзиши меъёрҳои зерин метавон амалӣ кард:

[12] Хоҷаев П. Д. Таҳқиқи омилҳои асосии ба сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда / П.Д. Хоҷаев, Ш.Ф. Сулаймонзода, М.Н. Раҳимзода // Паёми политехникӣ. Бахши интеллект. Инвеститсия. Душанбе - 2022. № 3 (59) - 85-89. ISSN: 2520-2235

- суръати интернет, фарогирии интернет;
- мавҷуд будани низоми пардохтҳои электронӣ ва сифати амалкарди он;
- шуғли аҳолӣ дар доираи «соҳаи тиҷорати рақамӣ»[13];
- соҳаи иқтисодиёти рақамӣ ва заминаи қонунгузории кишвар оид ба он;
- теъдоди мағозаҳои онлайнӣ;
- миқдор ва ҳаҷми муомилот ба воситаи ҳамёни электронӣ.

Масъалаи дар Тоҷикистон гузариш ба иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ бевоиста бо иқтисодиёти шабакавӣ, хусусиятҳои хоси ин соҳа марбут буда, он дарки мантиқии кулли равандҳои иқтисодиро ифода месозад.

Рушди иқтисодиёти шабакавӣ ва шакли калиди он соҳибкории шабакавӣ бо таҳияи технологияи муосир ва кам кардани хатарҳо алоқаманд аст.

Рушд додани бастаи иқтисоди шабакавӣ ба монанди соҳибкории шабакавӣ барои самаранокии устувор, баланд бардоштани иқтисодӣ, пурзӯр кардани низоми иқтисодӣ, зиёд намудани ҳаҷми ширкат ва гуногунии (диверсификатсияи) он, ба муайян намудани самтҳои шахсӣ ва афзоиши манфиятҳои умумии ширкат мусоидат менамояд.

С.П.Курдюмов як қатор муҳимтарин "технологияи иқтисодиёти шабакавӣ муайян кардааст": [14]

1) тарҳрезии оянда;

2) технологияи баланд;

3) алгоритмҳои коркарди доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ.

Истилоҳи «иқтисодиёти шабакавӣ» маънои онро дорад, ки инфрасохтор фаъолияти иқтисодиётро бо истифода аз технологияи интернетӣ таъмин мекунад. Дар натиҷа системаи иқтисодӣ ва унсурҳои алоҳидаи он, соҳибкории шабакавӣ, ҳамоҳангсозӣ ва тағйир додани институтҳои бозорӣ инкишоф меёбанд.

---

[13] Шаропов Ф.Р. Ташаккул ва рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана / Ф.Р. Шаропов, М.Д. Лутфулоев, Қ.М. Кабутов, С.С. Амонов / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе -2021. №1 (35). с- 112-123. ISSN 2308-054X.

[14] Капица С. П. Синергетика и прогнозы будущего. Монография / С.П. Капица, С.П. Курдюмов, Г.Г. Малинецкий . – М.: Эдиториал УРСС, 2003. – 288 с.

Иқтисодиёти шабакавӣ ин ташкил ва истифодабарии фишанги таъминкунандаи нигаҳдории самаранок, гирифтан ва додани ахборот ба ҳисоб меравад.

Иқтисодиёти шабакавӣ дар асоси “иқтисодиёти зеҳнӣ ва инноватсионии он ташаккул меёбад”.[15]

Иқтисодиёти шабакавӣ ва замимаҳои инкишофи он аз инҳо иборатанд:

- аз ҷомеаи индустриалӣ ба постиндустриалӣ гузаштан;
- инфраструктураи истеҳсолро ба вуҷуд оварда, ҳамзамон ҳаракати неъматҳои моддӣ ба миён овардан;
- зуҳур, пайдоиш ва паҳншавии суръатноки интернет.

Асосҳои консептуалии ташаккули иқтисодиёти шабакавӣ, аз як ҷониб модели иқтисодии ҷомеаи шабакавӣ ва аз тарафи дигар усули воридшавии иқтисодиёти миллӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад.

Иқтисодиёти шабакавӣ - ин муҳитест, ки дар он ҳамаи намуди ширкат ва индивиди дар нуқтаи гуногуни системаи иқтисодӣ қарордошта, метавонад ба таври осон ва бо ҳароҷоти кам бо дигар ширкат ва ё индивид аз рӯи технологияи ташкили истеҳсолот алоқа намуда, дигаргунсозии ташкилиҳо дар соҳибкории шабакавӣ хати амудии иерархиро дар иқтисодиёт инъикос мекунад.

Дар асоси тезисҳо мо метавонем муайян кунем, ки иқтисодиёти шабакавӣ як роҳи усули хоҷагидорӣ мебошад, ки бо ёрии он маҳсулоти истеҳсолшуда одилона тақсим карда мешавад.

Асосҳои консептуалии ташаккули иқтисодиёти шабакавӣ зери таъсири консепсияҳои зерин ташаккул ёфтааст:

- Консепсияи ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ
- Консепсияи бой гардондани қисми аҳолии фаъол
- Консепсияи нақши фаъоли давлат дар рушди соҳибкорӣ
- Консепсияи кумак ба табақаҳои камдаромади аҳолӣ

---

[15] Эшбоев Ҷ.А. Мазмун ва роҳҳои ташаккулёбии соҳибкории шабакавӣ. [Матн] / Ҷ. А Эшбоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе 2023. №3( 48) -С. 302-306. ISSN 2308-054X

- Консепсияи дараҷаи баланди ҳосилнокии меҳнат
- Консепсияи самти оммавӣ барои ноил шудан ба муваффақияти шахсӣ
- Консепсияи ноил шудан ба баробарии иҷтимоӣ

Ташаккул ва инкишофи иқтисодиёти шабакавӣ ва асосҳои консептуалии он, соҳибкории шабакавӣ дар асоси истифода намудани шабакаҳои гуногунанвои иттилоотӣ ба миён омадааст.

Дар иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ, пеш аз ҳама, шабакаҳои иттилоотиро аз рӯи сатҳи ҳамгироӣ ба тариқи поёнӣ дастабандӣ кардан ба мақсад мувофиқ мебошад:

- шабакаҳои гуногуни корпоративӣ (интранет);
- шабакаҳои шарикии тиҷоратӣ (экстранет);
- шабакаҳои ҷаҳонӣ (масалан, интернет).

Рушди иқтисодиёти шабакавӣ шарҳи таҳқиқотии мавзӯи диссертатсиониро нав мекунад.

Хусусиятҳои консептуалии ташаккули иқтисодиёти шабакавӣ:

1. Амалҳои такрорӣ ва автоматиро беэътибор мегардонад ва тасаввуроти арзишӣ, эҷодкорӣ, асолатро зиёд мекунад;

2. Маҳсулоти истеҳсолкардаи соҳибкории шабакавӣ аз нигоҳи экологӣ тозаву ва арзон мебошад;

3. Дар шароити шабака вобастагии шахс аз истеҳсолкунандагони мушаххаси молу хидматҳо аз байн меравад, зеро барои ҳар кадоми онҳо иқтисодиёти шабака метавонад ивазкуниро пешниҳод кунад.

Ташаккули иқтисодиёти шабакавӣ, соҳибкории шабакавӣ ва ворид шудан ба иқтисодиёти шабакавии глобалӣ бо шакли дастрас дар расми 1.1.1. инкос ёфтааст.




Расми 1.1.1. – Ташаккули иқтисодиёти шабакавии глобалӣ

*Таҳияи муаллиф*

Рушди иқтисодиёти шабакавӣ бо формулаи дар поён овардашуда ифода карда мешавад: **Шакли ибтидоии хоҷагидорӣ + манбаъҳои иттилоот ва технология + соҳибкории шабакавӣ = иқтисоди шабакаи ҷаҳонӣ.**

Рушди иқтисодиёти шабакавӣ дар иқтисодиёти миллӣ бояд инҳоро таъмин кунад:

- доимо дастрас будани маълумоти зарурӣ;
- қобилияти таҳлил ва арзёбии иттилооти гирифташуда;
- пайдоиши харидори дуруст;
- ворид шудан ба иқтисодиёти шабакавии глобалӣ.




Расми 1.1.2. – Ворид шудан ба иқтисодиёти шабакавӣ глобалӣ

*Таҳияи муаллиф*

Вижагиҳои ташаккули иқтисодиёти шабакавӣ аз инҳо иборатанд:

- дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ тағйир додани сохтори шуғл тавассути ба гурӯҳҳо тасниф намудани хизматрасонӣ;
- дар марҳилаи рушди баъди саноатӣ дигаргунсозии нақши омилҳои муҳити атроф, ғуншавии партовҳои саноатӣ дар муҳити табиат ва вобаста будани он бо рушди истеҳсолоти ҷаҳонӣ;
- ба рушди раванди ҷомеашавӣ соҳибкории шабакавӣ мусоидат мекунад;
- аз ҳисоби дастрасӣ кам шудани хатари истеъмолкунандагон оид ба иттилооти камарзиш ва комили ба пешгӯии муайяни ҳодисаҳои имконпазир мусоидаткунанда.

Ҷиҳатҳои зерини инкишоф ва рушди иқтисодиёти шабакавиро метавон дар мадди назар дошт:

- иқтисодиёти шабакавӣ ва тавсеаи доираи фаъолияти он;
- дар шароити мутобиқшавӣ ба ҷаҳонишавӣ ба назар гирифтани раванди ташаккул, рушду нумуи соҳибкории шабакавӣ бо паҳлуҳои хусусиятҳои аҳолӣ, инкишофи таърихӣ ва амсоли он;
- дар шароити кишвар нисбатан одӣ ва сода будани рушди соҳибкории шабакавӣ;
- фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчунин инкишофи соҳибкории шабакавӣ бо назардошти ба танзимдарории давлати ва имконияҳои бозорӣ;
- корхонаҳои гуногуннавъ ва роҳҳои инкишофи он ҳамчун соҳибкории шабакавӣ;
- соҳибкории шабакавӣ ва имкониятҳои он, комилан қонеъ сохтани талаботи аҳолӣ ва ҳамчунин муайян намудани омилҳои ташаккули он.

Нисбатан одӣ ва сода будани ташаккули иқтисодиёти шабакавӣ дар шароити кишвар, имконияти танзими давлатӣ ва бозории рушди соҳибкории шабакавӣ, ташаккули соҳибкории шабакавӣ дар шаклҳои гуногуни моликият ва имконияти пурратар қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ва муайян намудани омилҳои рушди он, инъикос меёбад.

Мақсади рушди иқтисодиёти шабакавӣ чунин мебошад:

- истифодабарии васеи технологияи нави иқтисодӣ;
- васеъ шудани доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ;
- мутобиқшавӣ ба ҷараёни ҷаҳонишавӣ;
- танзими давлатии рушди соҳибкории шабакавӣ.

Ташкил намудани шароит, ки дар он ширкат, шахси мустақил дар низоми иқтисодии мавриди назар метавонад бидуни мушкилот ва бо хазинаҳои нисбатан кам бо як ширкат барои фаъолияти шахси дигари муштарак табодули донишу иртибот ҳамкорӣ намояд ва ин иқтисоди шабакавӣ маънидод мегарад.

Дар асоси ин таркиби иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавиро муайян менамоем.

Сенарияҳои шабакавӣ метавонанд ба тиҷорати хурд, аз ҷумла истеҳсолкунандагони маҳсулоти баландтехнологӣ (био ва нанотехнология, дорусозӣ, IT ва ғайра) татбиқ карда шаванд.

Вижагиҳои такомул ва рушди иқтисодиёти шабакавӣ аз ин нуктаҳои зерин иборатанд:

- дар иқтисодиёти шабакавӣ муносибати инфиродиро бо харидорон амалан татбиқ намудан;
- эҷоди рақобат, аз ҷумла рақобати ҷаҳонӣ, ки дар фароянди чунин рақобат маҳалли тавлиди маҳсулот ва бренд муҳим нест, аммо дар ин маврид, кайфияту сатҳи хадамоти муҳим маҳсуб мешавад;
- ҳузури воситаҳои иттилоотӣ дар тиҷорати шабакавӣ дар назар гирифта мешавад;
- дар корофаринии шабакавӣ коҳиши хароҷот дар хароҷоти маркетингӣ бошад, ҳамчунин таблиғот, алоқа, нархи мол дар назар мебошад;
- дар соҳибкории шабакавӣ сохти корхона ва ҳамчунин ширкатҳое, ки мавҷуданд,  тағйир додани сохтори онҳо муҳим аст;
- дар соҳибкории шабакавӣ равандҳои соҳибкорӣ ба таври автоматӣ роҳандозӣ карда мешаванд.

Ин ва соири ҷанбаҳои иқтисоди шабакавӣ, корофаринии шабакавӣ бо эҷод, бозофаринии нармафзорҳо, микросхемаҳои компютерӣ, иртибототи мобилӣ ва монанди он, ба таври куллӣ анвоъи фаъолиятҳои инсонӣ ки мустақиман бо шаклгирии фаннӣ дар ҳавзаи фанноварии иттилоот муртабит аст.

Айни ҳол, иқтисоди шабакавӣ бо ҳавзаҳои иқтисодӣ робитаи устувор дорад ва он ба сатҳу сифати истифода намудан аз технологияи иттилоот дар истеҳсолот вобастагӣ дорад.

Ба онҳо тиҷорати электронӣ, бонкдорӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Афзалиятҳои асосии ин ҷараён:

1. Сарфакорӣ дар ҳароҷотҳои сафарӣ аз ҳисоби кам кардани таъсиррасонии омилҳои маҳдудкунандаи ҳолати ҷуғрофии тарафҳои фаъолияти якҷоя.

2. Ихтисори ҳароҷот ба ташаккули доираи ахбории корхона.

3. Зиёд кардани самаранокӣ ва мувофиққунонии дохилаи корхона аз ҳисоби ташкил кардани манбаҳои маълумоти коллективӣ.

4. Осонгардонии ташкккули шабакаҳои мансубии институтсионалии сохтор.

Бо мувафаққият истифода кардани технологияҳои ахборӣ дар соҳибкории шабакавӣ ташкилотро ба сохтори шабакавӣ мубадал мегардонад, ки ба он намуд ва сифати навро медиҳад, аз ҷиҳати оморӣ бо шакли анъанавии пешинаи мавҷудияти он муқоисанашаванда мебошад.

Беҳтарии асосии ин аз афзалиятгардонии истифодабарии ҳамаи маълумотҳои ташкилот барои рушд додани чандирии он ва мутобиқшавӣ ба масъалаҳои дохила ва беруна, барои баланд бардоштани сифати қарорҳои қабулшаванда ҳамчунин мутаносибан баланд бардоштани рақобатпазирӣ иборат мебошад.

Мафҳумҳои гуногуни иқтисодиёти шабакавӣ дар илми иқтисодӣ мавҷуд мебошад. Ақидаи хеле паҳнгашта дар адабиётҳои иқтисодӣ дар бораи соҳибкории шабакавӣ ва иқтисодиёти шабакавӣ ҳамчун натиҷаи системаи нақшавӣ ба ҳисоб меравад. Соҳибкории шабакавӣ дар ин ҳолат тарзи мавҷудияти бозор ва баҳамалоқамандии онҳо ба ҳисоб меравад.

Дар асоси ин иқтисодиёти шабакавиро таҳлил намуда, мафҳуми муаллифро пешниҳод кардан мумкин аст.

Якчанд мафҳумҳои иқтисодиёти шабакавиро дар мавзӯи таҳқиқшаванда дида мебароем.

Консепсияи муносибати маконии мақсаднок дар шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва интернетӣ аз иқтисодиёти шабакавӣ, сохтори

муташаккили бисёрҷабҳа иборат аст, ки соҳаи истеҳсолот, ҳифз, ихтироъ ва интиқоли технологияҳо, “маводи нави иттилоотиро ифода менамояд”. [16]

Дар иқтисодиёти шабакавӣ шабакаҳои иттилоотиро аз рӯи вазъи ҳамгироӣ чунин дастабандӣ кардан мумкин мебошад:

- шабакаҳои гуногуни корпоративӣ;
- шабакаҳои шарикии тиҷоратӣ ва шабакаҳои ҷаҳонӣ.

Фарқияти асосии иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ ин ташкил ва истифодабарии фишанги таъминкунандаи нигаҳдории самаранок, табодули ахборот аст, ки ба асоси соҳибкории шабакавӣ андешаҳо перомуни сохтори муносибатҳои одӣ ва ҳам технологияи инноватсинӣ пешниҳод гаштааст.

Комиссияи Аврупо иқтисодиёти шабакавиро ба таври зерин муайян намудаанд: муҳите, ки дар он ҳар як ширкат ё шахс бо қарор доштан дар ҳар як нуқтаҳои иқтисодӣ метавонад ба осонӣ, зуд ва бо маблағи кам бо ҳар як ширкат ва шахсони дигар тиҷорат намояд, ҳамкорӣ кунад, табодули ғояҳо ва ноу-хауро ба роҳ монад, инчунин “ба хотири дилхушӣ ба таври одӣ муносибат намояд”. [17]

Хусусиятҳои ин мафҳум дар он аст, ки иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ аз ҷамъияти глобалӣ то дар сатҳи фаъолияти таҷрибавӣ маънидод карда мешавад.

Ҳамчунин, муҳаққиқ И. Р. Сивелев шабакаи иқтисодиро ба гунаи зерин муайян кардааст: “шабакаи иқтисодӣ – рушди технологияи иттилоотӣ, кафолати рушд ва инкишофи механизмҳои танзими ғайрибозорӣ ва сармояи шабакавии зеҳнӣ, рушди иқтисоди муосир ва низоми ташкилотӣ ба ҳисоб меравад”.[18]

---

[16] Гаврилова Р.А. Интеллектуальный капитал в информационно-сетевой экономике / Р.А. Гаврилова. – СПб., 2013. – 40 с.
[17] Гаврилова Р.А. Интеллектуальный капитал в информационно-сетевой экономике: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.01 / Р.А. Гаврилова. – СПб., 2013. – 40 с.
[18] Цвылев Р.И. Постиндустриальное развития. Уроки для России. Монография / Р.И. Цвылев. – М.: Наука, 1996. – 206 с.

Хусусияти асосии иқтисодиёти шабакавӣ ин баҳам алоқаманд кардани тартиботи амалиётҳо ва иқтисодиёти бозорӣ гузошта шудааст.

Ҳамчунин М. Кастелс аломатҳои соҳибкории шабакавӣ ва иқтисодиёти шабакавиро шабакаи нави корпоратсия ном гузошта, мафҳуми «иерархияи ҳамвор»-ро пешниҳод кардааст. [19]

Ба якҷоя кардани принсипҳо ва нақшаҳо мафҳуми «иерархияи ҳамвор» матуносуб мебошад, гарчанде муносибатҳои ҳамвори уфуқӣ барои бозор, иерархия хос мебошад.

Барои азхудкунии ин муаммо Дмитрий Миропольский Селешеваро аз нуқтаи назари синтези назариявӣ дида баромада аст.[20]

Чунонки, ки Майкл Фрумкин ва Брэдфорд Де Лонг зикр мекунанд «технологияи муосир бо сифати самаранок  низоми бозорро бо дасти ноаён ба роҳ мемонад ва барои барбоддодани воситаи амалкунандаи ташкили истеҳсолот ва таснифоти маҳсулот оғоз менамояд».[21]

Бино ба гуфтаҳои С. Дятлов ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳангоми гузариш ба соҳибкории шабакавӣ ва иқтисодиёти шабакавӣ, аз худ намудани масъалаҳои беқурбшавӣ ва буҳрон дар иқтисодиёти бозоргонӣ бо иттилооти таҳтонӣ (фундаменталӣ) «муносибатҳои маҳдуди ғайрибозоргонӣ ва бозоргонӣ» ба миён меояд». [22]

Истилоҳи «иқтисоди шабакавӣ» нисбатан нав аст ва аксар вақт на ҳама онро якранг қабул мекунанд. Аз ин рӯ, иқтисодиёти шабакавӣ баъзан ҳамчун «иқтисоди иттилоотӣ», «иқтисоди иттилоотӣ-шабакавӣ», «иқтисоди зеҳнӣ-инноватсионӣ», «иқтисоди шабакавии мустақим» дар иштибоҳ қарор мегирад ва қабул карда мешавад.

---

[19] Кастельс М. Информационная эпоха: Экономика, общество и культура. Монография / М. Кастельс; Пер. с англ. [Б.Э.Верпаховский и др.] под науч. ред. проф. О.И. Шкаратана; Гос. ун-т Высш. шк. экономики. – М.: ГУ ВШЭ, 2000. – 606 с.

[20] Миропольский Д.Ю. Сеть как форма хозяйственной системы / Д.Ю.Миропольский // Государство и рынок: новое качество взаимодействия в информационно-сетевой экономике. – 2007. – С.10.

[21] Гаврилова Р.А. Интеллектуальный капитал в информационно-сетевой экономике: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.01 / Р.А. Гаврилова. – СПб., 2013. – 27 с.

[22] Дятлов С.А. Информационно-сетевая экономика: структура, динамика, регулирование. Монография / С.А. Дятлов, В.П.Марьяненко, Т.А.Селищева. – СПб: Астерион, 2008. – 416 с.

## Ҷадвали 1.1.1. - Мазмуни мафҳуми иқтисодиёти шабакавӣ

| Сарчашма (бо забони аслӣ) | Мазмуни мафҳуми иқтисодиёти шабакавӣ |
|---|---|
| **Комиссияи Аврупо** / Интеллектуальный капитал в информационно-сетевой экономике / Р.А. Гаврилова. – СПб., 2013. – 40 с. | «Иқтисодиёти шабакавӣ - муҳитест, ки дар он ҳар як ширкат ё фард, ки дар дилхоҳ нуқтаи низоми иқтисодӣ ҷойгир аст, метавонад ба осонӣ ва бо хароҷоти камтарин бо ҳама ширкат ё фарди дигар барои ҳамкорӣ, тиҷорат, табодули афкор ва ноу-хау ё танҳо барои дилхушӣ муошират кунад». |
| **Мафҳуми бисёр истифодабаранда** / Интеллектуальный капитал в информационно-сетевой экономике / Р.А. Гаврилова. – СПб., 2013. – 40 с. | «Иқтисодиёти шабакавӣ сохтори муташаккили бисёрсатҳии фазоии муносибатҳо дар шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва интернетӣ мебошад, ки соҳаи истеҳсолӣ, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва интиқоли технологияҳо ва маҳсулоти нави иттилоотии навро дар бар мегирад». |
| А.В. Шербаков, А.В. Олескин, В.Ю. Румянсев Сетевая экономика /– М.: Грифон, 2020. – 17 с. | «Иқтисодиёти шабакавӣ аз як тараф, модели иқтисодии ҷомеаи шабакавӣ аз тарафи дигар, шакли иқтисодии гузарандаи аз капитализми ҷаҳонӣ ба сотсиализми шабакавӣ мебошад». |
| **М. Кастеллс** / Интеллектуальный капитал в информационно-сетевой экономике / Р.А. Гаврилова. – СПб., 2013. – 40 с. | «Иқтисодиёти иттилоотӣ (*шабакавӣ - муаллиф)* як шакли мушаххаси созмони иҷтимоӣ мебошад, ки дар он иттилоот манбаи асосии ҳосилнокӣ ва қудрат мебошад». |
| **Шартномаи нави ҷамъиятӣ. Клуби Сретен** / Сетевая экономика– М.: Грифон, 2020. – 17 с. | «Иқтисодиёти шабакавӣ як усули идоракунӣ мебошад, ки тавассути тақсимоти одилонаи маҳсулоти истеҳсолшуда ба манфиати тамоми ҷомеа ба ҳадафи бунёди ҷомеае ноил мегардад, ки дар он ҳар як инсон мувофиқи виҷдон зиндагӣ кунад ва метавонад хушбахт бошад ва худро ҳамчун одами эҷодкор кашф намояд». |
| **Д. Ю. Миропольский** / Интеллектуальный капитал в информационно-сетевой экономике / Р.А. Гаврилова. – СПб., 2013. – 39 с. | «Иқтисодиёти иттилоотӣ (*иқтисоди шабакавӣ-муаллиф) ин* истеҳсол ва истеъмоли иттилооти муташаккил мебошад». |

Идомаи ҷадвали 1.1.1.

| | |
|---|---|
| **Мелихов В. Ю** / Интеллектуальный капитал в информационно-сетевой экономике / Р.А. Гаврилова. – СПб., 2013. – 42 с. | «Иқтисодиёти зеҳнӣ-инноватсионӣ марҳилаҳои пайдарпайи таҳаввулоти ҷомеаи постиндустриалӣ мебошад». |
| **Дятлов С.** / Интеллектуальный капитал в информационно-сетевой экономике / Р.А. Гаврилова. – СПб., 2013. – 41 с. | «Робитаҳо ва муносибатҳо (*иқтисоди шабакавӣ – муаллиф*) – мазмуни тамоми муносибатҳои байни одамон оид ба такрористеҳсоли ҳаёти иҷтимоии бисёрҷанбаи онҳо». |
| *Мафҳуми муаллиф* | |
| Иқтисодиёти шабакавӣ – ин навъи комил ва ҷадиди ташаккули истеҳсолоти инноватсионӣ мебошад, ки дар он шабакаҳои алоқа мавриди истифода қарор дода мешавад ва дорои самаранокии баланди иҷтимоӣ-иқтисодӣ аст. | |

*Манбаъ: аз рӯйи маводи таҳқиқӣ аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Асоси иқтисодиёти шабакавиро соҳибкории шабакавӣ ташкил медиҳад. Яъне як шакли калидии иқтисодиёти соҳибкорӣ он мебошад.

Аз ин рӯ, консепсияи зеринро пешниҳод менамоем: пеш аз ҳама, иқтисодиёти шабакавӣ – ин навъи комил ва ҷадиди ташаккули истеҳсолоти инноватсионӣ мебошад, ки дар он шабакаҳои алоқа мавриди истифода қарор дода мешавад ва дорои самаранокии баланди иҷтимоӣ-иқтисодӣ аст.

Самаранокии баланди иқтисодӣ аз ҳисоби иҷрокунии фаврӣ ва кам кардани харҷ ба даст оварда мешавад, ки ин имконияти зиёди фаъолияти соҳибкориро нишон медиҳад. Дар мафхуми пешниҳодшуда моҳияти фаъолияти соҳибкории шабакавӣ инъикос ёфтааст.

Ба мавҷудияти гуногунии мафҳумҳои «шакли нави иқтисодиёт» нигоҳ накарда, мафҳумҳо ба якдигар муқобилият намекунанд, балки якдигарро мукаммал мегардонанд ва чуқуртар соҳибкорӣ дар соҳибкории шабакавиро маънидод менамоянд.

Хусусиятҳои асосии ташаккули иқтисодиёти шабакави ва соҳибкории шабакавӣ: амалҳои такрорӣ ва автоматиро беэътибор мегардонад ва тасаввуроти арзишӣ, эҷодкорӣ, асолатро зиёд мекунад. Маҳсулоте, ки тавассути тиҷорати шабакавӣ роҳандозӣ мегардад аз ҷиҳати экологӣ тоза ва арзон буда, дар шароити шабака вобастагии шахс аз истеҳсолкунандагони

мушаххаси молу хизматрасониҳо аз байн меравад, ҳарчанд ба ҳар қадоми онҳо иқтисодиёти шабака метавонад ивазкуниро пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, иқтисодиёти шабакави ва соҳибкории шабакавӣ механизмҳои бозорӣ ва нақшавиро дар ягонагии худ муттаҳид месозад.

Иқтисодиёти шабакави ва соҳибкории шабакавӣ дар 2 зина ташаккул ёфтааст:

- ташаккули муҳити ахборӣ;
- рушди соҳибкории шабакавӣ.

Ташаккул ёфтани муҳити ахборӣ, аз ҷумла иқтисодиёти шабакавӣ, ҳамчунин соҳибкории шабакавӣ дар парадигмаи ахборӣ дорои ду роҳи ташаккули иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

*Роҳи аввали ташаккули* иқтисодиёти шабакави: муҳити инноватсионӣ барои ҷараёни азнавистеҳсолии ҳаёти ҷамъиятӣ худи одамон дар муносибатҳои муайян баромад менамоянд.

*Роҳи дуюм ташаккули* иқтисодиёти шабакавӣ ин пайдоиши иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Чун дар боло қайд намудем, соҳибкории шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ шакли намоёни иқтисодиёти шабакавӣ мебошад.

Соҳибкории шабакавӣ натиҷаи таҳаввулоти сохторҳои анъанавии ташкилӣ буда, вобаста аз рӯи хусусиятҳои функсионалии худ мустақил тақсимоти бунёдӣ доранд, ки дар поён акс ёфтааст:




Расми 1.1.3. – Эволютсияи соҳибкории шабакавӣ (*Таҳияи муаллиф)*

Ҳамин тавр иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ дар асоси иқтисодиёти зеҳнӣ, сохторҳои ташкилӣ, омехта ва инноватсионии он ташаккул меёбад.

Аз ин рӯ, эволютсия, сарфаи вақт ва самаранокии ҳамкории иттилоотӣ ба самаранокии иқтисодиёти шабакавӣ таъсир намуда, унсурҳои онро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 1.1.2. – Унсурҳои иқтисодиёти шабакавӣ**

| № | Имконот | Мазмун |
|---|---|---|
| 1 | Унсурҳои низом | Соҳибкории электронӣ, муассисаи пулҳои электронӣ (бонкҳо ва дигар эмитентҳо), иштирокчиёни соҳибкории шабакавӣ (истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони молҳо), бозори шабакавӣ ва ғайра. Пайванди пайвасткунандаи унсурҳои система провайдерҳо мебошанд, ки дастрасӣ ба шоҳроҳҳои иттилоотиро таъмин мекунанд. Шабакаҳои глобалӣ ва муҳити интернет. |
| 2 | Меъёрҳои фаъолият | 1) сарфаи вақт; 2) самаранокии ҳамкории иттилоотӣ |
| 3 | Мақсад ва вазифаҳо | Мақсади соҳибкории шабакавӣ рушди мусбати системаи умумии иқтисодӣ мебошад. Вазифаҳои соҳибкории шабакавӣ ба баланд бардоштани сифат ва суръати ҳамкории иттилоотӣ дар фаъолияти иқтисодии хонаводаҳо ва субъектҳои соҳибкорӣ бо мақсади таъмини рушди иқтисодӣ нигаронида шудаанд. |
| 4 | Имконоти «ворид», «раванд» ва «барориши» система | Дар асоси таҳлили система муайян карда шудааст |
| 5 | Шакл ва мазмун | Шакл ва мазмуни соҳибкории шабакавӣ аз модели системаи иқтисодие, ки дар он фаъолият мекунад, вобаста нест. Шакл доимо тағйир меёбад ва ба ҳолати инкишофи мазмунаш вобаста аст. Мундариҷа маҷмӯи ҷузъҳои он (дар сатҳи муайяни рушд) мебошад, ки иқтисодиёти шабакаро дар маҷмӯъ муайян мекунад. |
| 6 | Алоқа | Сигналҳои талабот ва пешниҳод |
| 7 | Муҳити ташвишовари беруна | Низоми макроиқтисодии ҷорӣ |

*Манбаъ: аз рӯйи маводи таҳқиқӣ аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

Рушди минбаъдаи иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёд шудани истифодаи иттилоот алоқаманд мешавад.

Зеро ки иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкорӣ ё худ соҳибкории шабакавӣ ин ташкилоте мебошад, ки технологияи нави электронӣ, истеҳсолот ва дастрасии иттилоот, ҳамчунин технологияи истеҳсолот, сармояи зеҳнии шахс, иттилоотро мавриди истифода қарор медиҳад.

Иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ дар асоси иқтисодиёти зеҳнӣ (сармояи зеҳнӣ) ва инноватсионӣ ташаккул меёбад.

Асоси иқтисодиёти шабакавиро иқтисоди рақамии ҷаҳонӣ ташкил медиҳад ва дар рафти таҳқиқот афзалиятнокию норасоиҳои соҳибкории шабакавӣ муайян карда гардид.

Ҳамин тавр, иқтисодиёти шабакавӣ дар баланд бардоштани миқдору адад, азнавистеҳсолкунӣ ва вусъати иттилоотӣ зоҳир гардида, барои рушди дурнамои иқтисодиёти минтақа ва миллиро таъмин намудан мусоидат менамояд.

## 1.2. Равияҳои методии баҳодиҳии сармояи зеҳнии иқтисодиёти шабакавӣ

Ҷузъи калидии соҳибкории шабакавиро сармояи зеҳнӣ ташкил медиҳад ва одатан баҳодиҳии соҳибкории шабакавӣ ин баҳодиҳии сармояи зеҳнӣ мебошад.

Махдудияти баҳодиҳии соҳибкорӣ, сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ дар кишвар, мавҷудияти миқдори зиёди маълумоти рақамии бо ҳам алоқаманд, инчунин дар баъзе ҳолатҳо ҷой доштани ахбори нокифоя ё ғалат мебошад, ки таҳлилро хеле душвор менамояд.

Ин фикрро Назаров А.А. чунин ифода намудааст: «мақсади асосии истифодабарии ҷузъҳои иқтисоди рақамӣ баланд бардоштани самаранокии низоми хоҷагидорӣ бо роҳи сарфа кардани вақт дар амалиётҳои ҳисобкунӣ ва нисбатан озод кардани қувваи корӣ, аз ҳаҷми болоравандаи иттилоот

гирифтани қиматҳои босифат мебошад, ки барои қабул кардани қарорҳои оптималии идорӣ ва коркард намудани схемаи сохтори идоракунии объект имконият пешкаш месозад».[23]

Илова бар ин, сифати истифодаи сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавии кишварро муайян намудан хеле душвор аст.

Бинобарон, дар замони муосир коркарди низоми ҳаматарафаи оқилонаи соҳибкории сармояи зеҳнӣ дар соҳибкории шабакавии кишвар аҳаммияти махсус дорад.

Баҳогузорӣ ба сармояи зеҳнии соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории шабакавӣ ин, пеш аз ҳама, кӯшиши ҳаракат ба самти инноватсионии ташаккул дар муҳити рақобат оид ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ маҳсуб ёфта, азми ширкатҳо барои татбиқи навоварӣ бо мақсади ташаккул ё ҳифозати «бартарии рақобат»-и хеш муайян менамояд.

Зеро, ҳатто Й.Шумпетер соҳибкоронро ҳамчун як навъи махсуси одамоне (сармояи зеҳнӣ), ки ба навоварӣ майл доранд, муайян намуда, фаъолияти онҳоро ба таври моддӣ ҳамчун рекомбинатсияи мунтазами омилҳои истеҳсолот тавсиф намуда, ба ин васила консепсияи ягонаи соҳибкор (сармояи зеҳнӣ)-ро ба сифати субъекти асосӣ ва ҳам фаъоли ширкат роҳандозӣ бояд кард, ки “механизми он ба пайдо кардани омилҳои ҷадиди истеҳсолот нигаронида шудааст”.[24]

Ин махсусан ба соҳибкории шабакавӣ ва иқтисодиёти шабака дахл дорад. Й.Шумпетер ва Л.Мизес консепсияи ягонаи соҳибкориро ҳамчун субъекти асосии иқтисодӣ, пешбарандаи рушди иқтисодӣ таҳия намуда, бори аввал собит намуд, ки соҳибкор вазифаи “муҳими навовариҳои минтақаҳоро дар иқтисодиёт иҷро мекунад”.[25]

---

[23] Назаров А.А. Цифровая экономика как фактор эффективности системы хозяйствования региона / А.А. Назаров // Научно-теоретический журнал «Вестник РТСУ». – 2020. – №1 (69). – С. 39-48.
[24] Шумпетер Й. Теория экономического развития. Монография /Й.Шумпетер Издательство прогресс Москва.1982 с.458
[25] Мизес Л. Человеческая деятельность: трактат по экономической теории. Учебник / Л. Мизес. – 2-е испр. изд. – Челябинск: Социум, 2005. – 878 с.

Ҳамчунин барои ташаккули консепсияҳои созандаи соҳибкорӣ, дар асоси нақши мусбати инноватсионии он дар соҳибкории шабакавӣ ва дар маҷмӯъ, дар ҷомеа замина гузошта шуд.

Баҳодиҳии сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ бояд аз ҳар ду тараф ба назар гирифта шавад:

Соҳибкории шабакавӣ аз як самт дар системаи омилҳои рушди иқтисодӣ барои беҳтару хубтар гардонидани шароити зиндагӣ ва баланд бардоштани сифати он мусоид бошад ҳам, вале он нақши хел ночизро доро мебошад.

Соҳибкории шабакавӣ чун омили ташаккули иқтисодӣ сатҳи рушди соҳаи соҳибкориро, аз тарафи дигар, нишон медиҳад ва имкон фароҳам меорад, ки муаммоҳои мубрами ҷойдоштаи ҷамъияти муосир, ҳамчунин проблемаи бекорӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ҳалли худро дарёбанд.

Сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақа, гузашта аз ин, бояд бо роҳи афзоиш додани даромад, ба вуҷуд овардани талабот, чун манбаи баландшавии некӯаҳволӣ, яке аз воситаҳои ба дастории даромади иловагӣ маҳсуб гардад.

Усулҳои баҳодиҳии сармояи зеҳнии иқтисодиёти шабакавӣ кишвар хусусиятҳои умумӣ ва ҷузъии худро доранд, ки онро ба 4 гуруҳи махсус тақсим намудем:

1. Усули баҳодиҳии ҷузъҳои иқтисодиёти шабакавӣ дар кишвар бо истифодаи низоми холҳо. Ин усул сода ва дастрас буда, арзёбии иқтисодиёти шабакавии кишвар дар намуди муқоисаи арзишҳои миқдории ҷузъҳои алоҳидаи он амалӣ карда мешавад.

2. Усули кластерӣ. Ин усул низ баҳодиҳии холии рушди иқтисодиёти шабакавӣ дар кишварро дар назар дорад.

3. Усули коэффитсиентии арзёбии иқтисодиёти шабакавии кишвар. Ин усул арзёбии соҳибкории шабакавии кишварро бо истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, коэффитсиентҳои тавсифдиҳандаи истифодаи самараноки иттилоотӣ дар назар дорад.

4. Усули интегралӣ арзёбии иқтисодиёти шабакавии кишвар, ки дар 1..2.1. оварда шудааст.




Расми 1.2.1. – Тавсифи усулҳои баҳодиҳии сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ .

*Манбаъ: аз рӯйи маводҳои таҳқиқотӣ аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Баҳодиҳии сармояи зеҳнии иқтисодиёти шабакавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи гузариш аз тартиби чорум ба панҷум ва шашуми низоми технологӣ амалӣ карда мешавад ва аз рӯи истилоҳоти муосиртар - бо комёбиҳои навоваронаи инқилоби 4-уми саноатӣ алоқаманд аст.

Ҷорӣ намудани ин технологияи навоваронаи рақамӣ, ташаккули иқтисодӣ, инкишофи иқтисодиёти шабакавиро дар иқтисодиёти кишвар таъмин менамояд.

Дар ҳадафҳои мазкур лоиҳаҳои миллии ташаккули навоварӣ ва ҳам инноватсионии рақамӣ дар соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории шабакавӣ қобили қабул дониста шуда, дар ҳамаи марҳилаҳо роҳандозӣ карда мешаванд, ки рақобатпазирии пурраи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодии Тоҷикистон тавассути татбиқи модели инноватсионӣ дар шароити муосир ҳамчун вектори афзалиятноки стратегияи рушди иқтисодӣ муайян карда мешавад, ки мақсаднокӣ ва зарурати онро нишон медиҳад.

Бо ин мақсад механизмҳои ҳавасмандгардонии талаботро ба маҳсулоти инноватсионӣ таҳия кардан зарур мебошад.

Аз ҷумла, барои баланд бардоштани манфиати давлат баҳри ҳифозат ва афзудани иқтидори илмӣ-техникӣ бояд ҳавасмандгардонии ихтироъкорӣ, сармояи зеҳнии шабака пурзӯр карда шавад.

Чун дар боло қайд намудем, омилҳои калидии рушди соҳибкории шабакавӣ сармояи зеҳнӣ мебошад. Дар маҷмӯъ, самаранокии соҳибкории шабакавӣ аз тағйирёбии он вобаста аст. Аз ин лиҳоз, равияҳои методии баҳодиҳии сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ истифода бурда мешавад.

Самтҳои методии баҳогузории зеҳнии сармоядори шабакавӣ – ин самти муҳими низоми ҷамъияти иттилоотӣ мебошад, ки дар дохили иқтисодиёти иттилоотӣ вижагии ҳамгироиро доро аст, ки он ихтисосманд ба давраи аграрӣ ё иқтисодиёти саноатӣ намебошад.

Ҳамчунин, инро тамоман бартариҳои унсурҳои дигари низом, яъне низоми дорои амволи инноватсионии босифат номидан мумкин аст.

Ин ба сохтори иқтисодиёти вилоят ва миллӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ таъсири назаррас мерасонад, ки дар афзоиши МУМ инъикос мешавад: афзоиши МММ вилояти Суғд аз 2015 аз 12036,9 млн.сомонӣ то 27465,4 млн.сомонӣ расидааст (+128,2%).

Таҳлилҳои гузаронидашуда бозгӯйи он аст, ки МММ дар давоми солҳои 2015 - 2022 инкишоф ёфтааст ва онро агар бо фоиз ҳисоб кунем, ин 128,2 %-ро нисбат ба соли 2020 дар соли 2022 ташкил намудааст. Аз соли 2015 то 2022, яъне дар давоми 6 сол бошад, ин 28,2% афзудааст, ки ба афзоиши ММД мамлакат низ муассир аст.[26]

Таъсири соҳибкории шабакавӣ ба МММ-и вилоятро мавртиди таҳлил қарор дода, муайян кардем, ки афзоиши он зиёда аз 10% -ро ташкил кардааст. ММД-и минтақа ба рушди ММД кишвар таъсир сохтааст, ки дар ҷадвали поёнӣ он нишон дода шудааст:




*Диаграммаи 1.2.1. – Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2022 (млрд. сомонӣ)*[27]

Яке аз нишондиҳандаҳои таъсиррасон ба соҳибкории шабакавӣ муҳоҷирати аҳолӣ дар минтақа мебошад.

---

[26] Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд//Омори солона-Хуҷанд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. 2022. – С.10-11.

[27] Ҳисоби муаллиф дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022

Ба ташаккули соҳибкорӣ ва соҳибкории шабакавӣ муҳоҷирати беруна ва пешниҳодҳои бозори меҳнат дар минтақа таъсир мерасонад.

Дар поён натиҷаҳои умумии муҳоҷирати берунии аҳолӣ дар саросари ҷумҳурӣ аз соли 2017 то сари соли 2022 таҳлил карда шудааст: Шумораи аҳолии кучида омада аз 37,5 ҳазор нафар то 33,5 ҳазор нафар кам шудааст (-10,7%), шумораи аҳолии кучида рафта низ аз 41.1 то 40,8 ҳазор нафар камшуда (-0,8%) аст.

Аз рӯи маълумотҳо нишондиҳандаҳои муҳоҷирати беруна ноумедкунанда мебошанд, яъне муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ ба берун аз ҷумҳурӣ танҳо барои солҳои 2017-2022 аз нишондиҳандаҳои муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ зиёд мебошад. Мутаносибан, вазъи балансии муҳоҷират ба қимати манфӣ мубаддал мегардад.[28]

Сабаби асосии ин падида нисбатан номукаммалии иқтисодиёт ва нисбатан нокофоя будани ҳаҷми музди меҳнат мебошад.

Аз ин рӯ, мо кӯшиш намудем, ки аз соли 2017 то сари соли 2022 коэффисиенти ҷуброни муҳоҷират (КҶМ)-ро ҳисоб кунем. Он бо роҳи муайян кардани тавозуни муҳоҷират нисбат ба коҳиши табиии аҳолӣ ҳисоб карда мешавад.

Бо истифода аз ин методология мо, то 01.01.2022 дараҷаи таъсири раванди муҳоҷиратро ба рушди соҳибкории шабакавии ҷумҳурӣ арзёбӣ намудем:

1. Афзоиши муҳоҷират, ҳазор нафар ( -7,3),
2. Афзоиши табиӣ, ҳазор нафар - (17.7) ва коэффисиенти ҷуброни муҳоҷират (-0,4) - ро ташкил медиҳад.[29]

Таҳлили маълумотҳо нишон медиҳад, ки минтақаи изофии меҳнат ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон таназзули музмини муҳоҷирати меҳнатӣ дорад, ки ба рушди соҳибкорӣ дар умум ва соҳибкории шабакавӣ таъсири манфӣ

[28]Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2021. - С.53.
[29]Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. - С.35-36.

мерасонад. Коэффисиенти ҷуброни муҳоҷират ба ҳолат ва рушди соҳибкорӣ (СИС ва ССТ) дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонад**.**

Дар натиҷа, бозори меҳнат аз ҳисоби афзоиши табиии қувваи ғайрихтисос пурра мегардад.

Хуруҷи он аз соли 2017 то соли 2022 асосан аз ҳисоби захираҳои муқарраршудаи меҳнатӣ сурат мегирад, ки боиси бад шудани мушкилоти бозори меҳнат, тезутунд ва амиқ шудани номутаносибии байни талабот ва пешниҳод мегардад.

Таъсири мушкилоти бозори меҳнат ба рушди соҳибкорӣ Асрорзода У.А., чунин қайд кардааст: «Мавҷудияти ин мушкилотҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон бояд ба соҳаи саноати худ диққати махсус зоҳир намояд, ки ин албатта оғоз мешавад аз соҳаи саноати иқтисоди минтақавӣ. Яке аз минтақаҳои Тоҷикистон, ки ба иқтисоди давлат таъсири назаррас дорад, ин вилояти Суғд аст».[30]

Шумораи воридшудагон ба вилояти Суғд 7683 нафар ё 120,1%, шумораи бурунрафт 9225 ё 98,2%, афзоиши муҳоҷират -1542 ё 51,4% -ро ташкил дод.[31]

Тавре аз маълумоти низомбандигардида маълум мешавад, нишондиҳандаҳои муҳоҷират нигаронкунанда мебошанд. Зеро муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ берун аз минтақа танҳо дар солҳои 2017-2022 аз нишондиҳандаҳои муҳоҷирати воридотии захираҳои соҳибкории зеҳнӣ зиёдтар аст. Мутаносибан, вазъи таносуби муҳоҷират манфӣ мешавад. Сабаби асосии ин падида сатҳи нисбатан пасти музди меҳнат дар қисматҳои алоҳидаи иқтидори меҳнатӣ (махсусан, барои шахсони беихтисос) мебошад, ки ба рушди сармояи шабакавӣ манфӣ таъсир мекунад.

Барои ҳамин, баҳодиҳии сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ, аз таҳлили фаъолнокии сармояи зеҳнӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва сохтору

---

[30] Асрорзода У.С. Омилҳои рушди соҳаи саноати минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон) / У.С. Асрорзода, Ғоибназаров А.Ш. / Идоракунии давлатӣ. Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. -2023. №3 (62). с- 17-26 . ISSN: 2664-0651.

[31] Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – Душане, 2022. – С.39.

пардохти меҳнати он зоҳир мешавад, чуноне ки дар боби 2 нишон дода шудааст.

Баҳодиҳии сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ таҳлили фаъолнокии сармояи зеҳнии шабакавӣ дар иқтисодиёти шабакавии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар фарқият бо музди меҳнат талаб менамояд.

Дар соҳибкории шабакавӣ сармояи зеҳни аз омӯзиши амалии соҳибкории шабакавӣ ва иттилоот, ки ҳама гуна имтиёзҳо мувофиқи назарияи иттилоот метавонанд дар битҳо - воҳидҳои асосии иттилоот ифода карда шаванд. Баробарии он ва ҳаҷм ба ҳаҷми маълумот, аз он шаҳодат медиҳад, ки маҳсулоти сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ – ин иттилоот мебошад. Инчунин ба омилҳои сифати иттилоот, ки аз табиати ғайримоддӣ сарчашма мегирад, мавҷуд набудани тобоварии ҷисмонӣ, қобилияти гум накардани хосиятҳои худ ҳангоми истифодабарӣ ба ҳисоб меравад.

Вобаста аз иттилоот ва дониш, ҳамчунин табиати иқтисодии онҳо, иқтисодиёти ғайримоддӣ (ҳамчун натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ ё объектҳои фаъолияти одамон) ба ҳисоб меравад. Маҳсули зеҳнӣ (интеллектуалӣ) метавонанд ҳамдигарро пурра ва иваз намояд; ҳозира ва оянда, бевосита ва бавосита бошанд.

Маҳсулоти зеҳнӣ ин падидаи ноаён мебошад, ки омили истеҳсолот ва маҳсули истеҳсолӣ дар баъзе ҳолатҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин сифати ҳама гуна мол ва мақсади истифодабарӣ, молҳои зеҳнӣ ба молҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ тақсим карда мешаванд.

Дар асоси андешаҳои дар боло қайд гашта «сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ»-ро ҳамчун иқтисодӣ ва маҳсулоти зеҳнӣ, ки бо мақсади ба даст овардани фоида, яъне макони муносибатҳои иқтисодӣ, ширкатҳо, шахсони воқеӣ, давлатҳо амалӣ менамояд, гардиши иқтисодиро маънидод менамоем.

Равандҳои асосӣ барои баҳододани сармояи зеҳни дар соҳибкории шабакавӣ:

1) Соҳибкории шабакавӣ сармояи зеҳни ҳамчун омили рақобатпазирӣ. Корхонаҳо ва назарияи ширкатҳо як падидаи мураккабест, ки сохторӣ ва сармоя аз сармояи шахсии мизоҷ иборат мебошад.

2) Дар соҳибкории шабакавӣ сармояи зеҳнӣ ин дар аввал доро будани ҷойи рақобат ва ҳамчунин имкониятҳои баҳисобгирии харид, аз қабили дороиҳои ғайримоддӣ, нисбат ба дороиҳое, ки дар баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун дороиҳои ғайримоддӣ эътироф кардашудаанд, маҳсуб меёбад. Мутаассифона на ҳамаи фаъолияти ғайримоддӣ ба сармояи зеҳнӣ мутааллиқ аст.

3) Дар соҳибкории шабакавӣ маблағгузории зеҳнӣ дар доираи мафҳуми тиҷорат-сармоя, бо назардошти савияи дониш, навгонӣ (инноватсия) ва дигар натиҷаҳои фаъолият, бо назардошти дар худ доштани арзиши маблағ дар муомилоти бозорӣ даромад меоранд ва моликияти васоити ахбори омма мегарданд.

Воридшавии сармояи аниқи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ ба истеҳсолот яке аз ҷанбаҳои асоситарини табдил додани сармояи соҳибкории шабакавӣ ба ҳисоб меравад. Бо гуфтаҳои Клейнер Г.Б. «Омили меҳнат» барои давраи пеш аз саноатӣ хос буда, «синфҳои корӣ» бошад, ба давраи саноатӣ хос мебошад, дониши иқтисодӣ дорои «имкониятҳои бозорӣ» мешаванд, ки дар он аҳд ба қобилияти шахс ё гурӯҳи муайян тобеъ мешавад.[32]

Бо афзоиши соҳибкории шабакавӣ, инноватсионии дониш ва навовариҳо, муҳимии онҳо, бештар фоида мегардад. Инноватсия - ин фаъолияти эҷодии мутахассисонест, ки дорои маълумоти махсус дар соҳаи рақобат мебошад, рентаи илмӣ-техникӣ мегирад.

Далели эътирофшуда дар он пешкаш мегардад, ки даромади ғайрипулӣ дар шакли дониш ва маълумот нуқтаи асосии маблағгузории зеҳнии соҳибкории шабакавӣ ва иқтисодиёти саноати ба ҳисоб меравад.

---

[32] Клейнер Г.Б. Становление общества знаний в России: социальноэкономические аспекты / Г.Б. Клейнер // Общественные науки и современность. – 2005. – № 3. – С.56-69

Иқтисодиёти нав вобаста ба дониш ва технологияи пешқадам ташкил гардидааст, ки асоси ҷомеаи муосири ҳозиразамон маҳсуб меёбад. Имрӯзҳо ҳатто “маҳсулоти анъанавӣ бо шарофати ташкилкунандагони зеҳнӣ ба таври назаррас тараққӣ ёфта истодаанд”.[33]

Захираи асосии рушду нумуъ дониш ва инкишофи соҳибкории шабакавӣ маҳсуб меёбад, ки дар сохтори ибтидоии арзиши маҳсулот ва хизматрасонӣ ҳиссаи арзандаро доро мебошад. Онҳо барои ҳосил кардани раванди инноватсия имконият фароҳам меоваранд, ки он ба талаботи тағйирёбанда боварӣ намояд ва аксаран ин талаботҳоро инкишоф медиҳад.

Оид ба масъалаи принсипҳои ҳам назариявӣ ва ҳам амали тадбиқ кардани самтҳои навоварӣ, яъне инноватсионӣ дар роҳи ҳалли он масъалаҳое, ки бо такмил додан ва ташкили истифодаи маблағгузории соҳибкор марбутанд, аҳаммияти махсус ва диққати ҷидӣ зоҳир мегардад.

Пеш аз ҳама мақсади асосии баҳо додани сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ, самаранокии истифодаи соҳибкории шабакавӣ, ҳаҷми фоида ва ҳамчунин ҳавасмандсозии инноватсия мебошад.

Инкишофи иттилоот ва фоидаи соҳибкорро арзиши иқтисодии махсулотҳои зеҳнӣ афзун месозад, ки дар натиҷа соҳибмулк тибқи анъанаҳое, ки дар иқтисодиёти саноатӣ роиҷ ҳастанд, ба афзоиши сармояи худ ба воситаи инъикос дар шакли моликияти зеҳнӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Истифода кардани усули зерин барои арзёбии самаранокии техникии шабака хеле муфид асоснок карда мешавад :

Усули пинҳон кардан барои ифода намудани самаранокии шабака чун маҷмуи нишондиҳандаҳо барои баҳогузорӣ намудани нишондиҳандаҳои мухталифи субъективӣ ёрӣ мерасонад. Аз ин рӯ, комилан мувофиқ будани имкониятҳои техникӣ барои ба амал омадани баҳогузории субъективии самарабахши шабака мусоидат хоҳад намуд.

Самарабахшии соҳибкории шабакавӣ (ССШ) аз инҳо иборатанд:

$T = T_{пр} + T_{ф}$, ки дар ин ҷо (1.2.1):

[33] Гаврилова Р.А. Интеллектуальный капитал в информационно-сетевой экономике: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.01 / Р.А. Гаврилова. – СПб., 2013. – 43 с

Ин ҷо $T_{пр}$ – ин нишондиҳандаи самарабахши таъминоти барномавии шабакавӣ, ки дар худ алгоритми коркард ва интиқоли иттиллот дар шабакаро доро мебошад;

Ин нишондиҳандаи натиҷабахши интиқоли сигналҳои механикӣ $T_ф$, оптикӣ, электрикӣ ва электронӣ тавассути алоқаи физикӣ ва ҳифозати иттилоот мебошад.

Хусусияти индекси манбаи маълумотии мазкурро, ки бо (I) ишора гардидааст, дар асоси монандии низоми мутавозини нишондиҳандаҳо ҳисоб кардан мумкин аст, ки соли 1992 аз тарафи Р.Каплан ва Д.Нортон[34] пешниҳод гардидаанд.

Инчунин бо назардошти омӯзиши самтҳои фаъолияти ширкат, манбаи маълумоти соҳибкории шабакавӣ аз рӯйи самтҳои зерин пешниҳод мегардад:

- иштирок дар тиҷорати электронӣ ($I_э$);
- муарифиро тақсим кардан ($I_р$);
- пардохти муштари барои дастрасӣ ба манбаи иттиоллот гирифтан ($I_а$);
- занҷирҳои алоқамандро дастгирӣ кадан ($I_с$);
- ҷойгиркунии иттилооти арзишманди иқтисодӣ ва эҳтимоли он ($I_и$);

Баҳодиҳии соҳибкории шабакавиро метавонем аз якчанд нишондиҳандаҳои сифат ва миқдорӣ истифода хоҳем кард, ки истифодаи манбаи маълумотии соҳибкории шабакавиро пешниҳод мекунад, масалан, миқдори дида баромадан, шумораи маълумот ва ғайра ин нишондодҳоро бо рақибон муқоиса намудан мумкин мебошад.

Дар асоси усули арзёбии коршиносон барои ҳар як нишондиҳандаи вазнӣ.

Илова бар ин, муқаррар намудани нишондиҳандаи ҳадди аксари ҳосилнокӣ дар байни объектҳои муқоисашаванда.

[34] Каплан Р.С. Сбалансированная система показателей. От стратегии к действию. Учебник / Р.С. Каплан, Д.П. Нортон [Пер. с англ.]. – М.: ЗАО «Олимп- Бизнес», 2003. – 304 с.

Барои ҳамин, ҳамаи индикаторҳо (n) ба арзиши максималии меъёри сомона (maxn) тақсим мегардад. Дар натиҷа матритсаи коэффитсиентҳои стандартӣ (x) ба вуҷуд меояд:

$$x_{ij} = \frac{n_{ij}}{\max n_{ij}} \qquad (1.2.2)$$

Пас аз он, дар базаи маълумот иттилооти рейтингӣ омода карда мешавад:

$$R_i = K_1 x_{1j} + K_2 x_{2j} + \cdots + K_n K_n j \qquad (1.2.3)$$

ки K – коэффитсиенти вазн аст.

Натиҷа нишонаи базаи иттилоотии дастрас ба шумор меравад:

$$I = I_э + I_p + I_a + I_c + I_и \qquad (1.2.4)$$

Ҳамин тариқ, самаранокии истифодаи сармояи иттилоотӣ-соҳибкории шабака:

СИСШ = T*I (1.2.5)

Натиҷаҳои мавриди зикр бо назардошти фаъолияти мутобиқат ҳангоми ба ҳисоб гирифтани маҳсули зеҳнии соҳибкории шабакавӣ ва ҳамчунин ҳангоми таҳлил ва баҳогузории фаъолияти корхона метавонад мавриди истифода қарор дошта бошад.

Сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ дар иқтисодиёти миллӣ ҳам дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва ҳам дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ истифода бурда мешавад.

Албатта, онҳо мукаммал нестанд, аммо мавҷудияти онҳо тараққиёти иқтисодии иқтисодиёти миллиро нишон медиҳад.

Таҳлили муфассали ҳолати муосир ва фаъолияти соҳибкории шабакавӣ дар иқтисодиёти миллӣ дар боби 2 ва 3-юм оварда мешавад.

Дар соҳибкории шабакавӣ методи арзёбии сармояи зеҳнӣ чунин мебошад:

- маълумотҳои шахсие, ки аз ҷониби истифодабарандагон, ширкатҳо пешниҳод гаштааст.

Маълумоти мазкур аз маълумоти тарҷумаи ҳол (биографӣ), ҳисобот, низомнома ва ҳуҷҷатҳои ширкат ва монанди инҳо иборат мебошад ва ин маълумотҳо барои муассисаву корхона, ҳукумат ва истеъмолкунандагони одӣ муайян гардидаанд.

- натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, яъне истифодабарандагони маҳсулоти зеҳнӣ, ширкатҳо барои дастрасии бемаҳдуд дар шабака ҷойгир карда шудаанд.

- маълумотҳо дар бораи созишномаи истифодабарандагони хусусӣ ва ширкат.

Маҳсулотҳои иқтисодии соҳибкории шабакавӣ ба маҷмӯи чораҳои техникӣ барои ноил шудан ба нуктаҳои зерин розандозӣ гаштааст:

- захираи маълумот;
- иттилоот ва таъминоти дастрасӣ ба он;
- ҷустуҷӯй намудани иттилоот;
- интиқол додани иттилоот ба истифодабарандагон ба таври автоматӣ.

Ташаккули сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавиро дар асоси модели Гаврилова Р.А.,[35] чунин таҳия намудем.

---

[35] Гаврилова Р.А. Интеллектуальный капитал в информационно-сетевой экономике: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.01 / Р.А. Гаврилова. – СПб., 2013. – 64с.




Расми 1.2.2. – Ташаккули сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ
*Таҳияи муаллиф*

Соҳибкории шабакавӣ ва стратегияи бомуваффақият дар он ба паҳнсозӣ, такмилиҳии технологияҳо баҳри осонсозиву тезонидани дастрасӣ ба он нигаронида шудааст.

Соҳибкории шабакавӣ ва сармояи зеҳнии он аз рӯи таърифи зерин бо ифодаи пулӣ арзёбӣ намегардад:

- ноаниқи, яъне ки барои дастрасӣ ба маълумоти аниқ оид ба истифодакунандагон битҳои иттилоотӣ арзиши иқтисодӣ ва иҷтимоиро надоранд;
- ҷараёнҳои иттилоотии давомнокии дар натиҷаи он манбаи маълуоти дар ҳолати доими тағйирёбанда қарор гирифта мебошад.

Илова бар ин, аз истифода намудани сармояи иттилоотӣ-соҳибкории шабакавӣ нисаб ба амонати худ ба даромадҳо аз намудҳои фаъолияти ба ҳам

наздик, аз қобили шабакаи муарифӣ, дастрасии маблағ ва амсоли инҳо самаранокии иқтисодӣ вобаста мебошад.

Маълумоте, ки озодона дар шакли онлайн дастрасанд аз маблағгузории зеҳнии соҳибкории шабакавӣ чун омили асосии истеҳсоли сохторҳои иттилоотӣ ва соҳибкорӣ, ба ҷуз, обектҳои самаранокии зеҳнии анъанавии дар давраи саноати иборат мебошад.

Сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ мутаносибан бо ҷузъҳои ғайримоддӣ ва моддӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад, аз ин рӯ, доир ба вусъати афзоиши ҷузъҳои ғайримоддии иттилоот барои ворид намудан ба муомилоти иқтисодӣ сухан кардан мумкин аст.

Дар ин ҳолат, моликияти зеҳнӣ дар он намуд, ки дар он давра иқтисодиёти саноатӣ ташкил карда шуда буд, ба талаботи муосири тамаддун мутобиқат менамояд.

Ҳамчунин самаранокӣ ва хусусиятҳои зеҳнии соҳибкории шабакавӣ, неъматҳои ҷамиятӣ ва сармоягузорӣ аз якдигар бо неъматҳои гуногуни моликияти зеҳни фарқ хоҳанд кард.

Намунаи навъҳои тасфоти "моликияти зеҳнӣ, дастурамали Фраскати"[36] нишон дода шудааст. Ҳамкории иқтисодӣ ва рушд мутобиқи дастурамалҳо, натиҷаҳои таҳқиқоти асосӣ бо эҳтимолияти калон хусусиятҳои неъматҳои ҷамъиятии сармояи зеҳнии шабакавӣ инноватсиониро доранд.

Дар ҷамъияти баъдииндустриявӣ соҳибкории шабакавӣ дорои хусусияти асосии арзёбии истеҳсолот буда, истеъмоли ахбор дорои хусусияти ташкилӣ ва шабакавии иқтисодиёт аст.

Аз он ҷумла, барои ҷамъияти баъдииндустриявӣ компонентҳои асосии соҳибкории шабакавӣ зеҳни инсон ва ахбор ба ҳисоб меравад, шабака хислатҳои баҳамалоқамандии элементҳои системаҳои иқтисодии ахборро муайян месозад.

---

[36] Гаврилова Р.А. Интеллектуальный капитал в информационно-сетевой экономике: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.01 / Р.А. Гаврилова. – СПб., 2013. – 69 с.

Дар асоси системаи таҳияшудаи нишондиҳандаҳо ва рейтинг, бо истифодаи методологияи арзёбии олими шинохта Юнусов А.М.[37] сатҳи рушди соҳибкории шабакавӣ пешниҳод карда шуд. Формула барои ҳисоб кардани сатҳи рушди соҳибкории шабакавӣ чунин аст:

$$ДРСШ = i_1Ф_1/П_1 + \cdots + i_{10}Ф_{10}/П_{10} \quad (1.2.6)$$

ки дар он, ДРСШ — дараҷаи рушди соҳибкории шабакавӣ ;

i - вазни хоси нишондиҳанда;

Ф - арзиши воқеии нишондиҳанда;

П - арзиши ҳадди ниҳоии нишондиҳанда.

Ба фикри мо, методологияи арзёбии олими шинохта Юнусов А.М., ки барои таҳлили сатҳи рушди соҳибкории шабакавӣ пешниҳод карда аст, аз идоракунӣ, тандурустӣ, ВАО, иқтисодиёти воқеӣ ва амсоли ин оғоз мегардад.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди иқтисодиёти шабакавӣ

Метавон қайд кард, ки инкишофи босамари соҳибкории шабакавӣ дар ҳамаи кишварҳо якхела нест, зеро расидан ба ин ҳадаф шароит ва сифати муайяни рушд лозим мебошад. Баланд бардоштани самаранокии соҳибкории шабакавӣ аз таҷрибаи кофӣ ва муҳити институтсионалии кишвари муайян вобаста мебошад. Самаранокии соҳибкории шабакавӣ бо хусусиятҳои миқдории шабакаҳои иттилоотӣ алоқаманд мебошад, ки вобаста ба шароитҳои муайяни фаъолияти он муоина карда мешавад.

Муҳити институтсионалии рушди иқтисодиёти шабакавӣ бидуни таҳлили миқдори зиёди иттилоот амалӣ карда намешавад ва барои ҳамин ҳам Big Data торафт бештар ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёти муосир ворид мешавад ва ин боиси тааҷҷуб нест.

Маълумот ҳар қадар зиёд бошад, барои таҳлил мавод ҳамон қадар зиёд мешавад, ки мо метавонем, ки ҳарчи бештар ва самарабахштар натиҷа ба даст ояд, ки механизми тараққиёти устувори система, базаи стратегии он гардад.

[37] Юнусов А.М. Теоретические основы формирования и становления сетевой экономики в России: автореф. дис. … канд. экон. наук: 08.00.05 / А.М. Юнусов. – М., 2008. – 17 с.

Ин ба расидани мақсади таҳқиқот ташшакул ва рушди соҳибкории шабакавӣ мусоидат менамояд.

Ташаккул ва рушди он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти ворид шудан ба шумораи мамлакатҳои пешрафта мебошад. Муҳити институтсионалии ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавӣ, аз як тараф, модели иқтисодии ҷомеаи шабакавӣ ва аз тарафи дигар, усули воридшавии иқтисодиёти миллӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

Муҳити институтсионалӣ ба ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавӣ таъсир намуда, хусусиятҳои хоси кишварҳоро нишон медиҳад.

Дар соҳаи соҳибкории шабакавии корхонаҳо Чин, ИМА, Британияи Кабир, Ҷопон ва Олмон пешсаф дониста мешаванд, зеро дар Чин соҳибкории шабакавӣ хеле инкишоф ёфтааст ва дар давлати Хитой барои аз 20 то 70 фисад барои хароҷот ба субъектҳои соҳибкории шабакавӣ имтиёз дода мешавад; дар Чин интернет арзон аст.

Дар ҷаҳон Британияи Кабир аз рӯи рушди тиҷорати рақамӣ дар ҷои сеюм қарор дошта, модели клик ва ҷамъоварӣ дар Британияи Кабир хеле васеъ паҳн шудааст, аз қабили фармоиши онлайнӣ ва офлайнӣ.

Дар Ҷопон бошад, хусусияти хоси рушди соҳибкорӣ ба назар мерасад ва 80 фисади аҳолӣ аз мағозаҳои интернетӣ харидорӣ менамоянд.

Дар Аврупо Олмон аз рӯи гардиши бозори тиҷорати электронӣ ҷои дуюмро ишғол мекунад. Дар ин ҷо сатҳи воридшавии интернет хеле баланд аст. Интернет унсури асосии тиҷорати рақамӣ буда, тарофаҳо ва суръати он ба рушди тиҷорати электронӣ низ таъсир мерасонад.

Таҷрибаи ҷаҳонии ташкили соҳибкории шабакавӣ дар иқтисодиётро баррасӣ мекунем.

*Соҳибкории шабакавӣ ва ташаккулу рушди он дар Олмон:*

1) Алоқамандии зичи саноат бо як қатор бонкҳои миллӣ, аз қабили «Deutsche Bank AG», «Bayerische Hypo-und Vereinsbank AG» (HVB), «Dresdner Bank AG» ва «Commerzbank AG». Ин бонкҳо асосан дар маблағгузории фаъолияти корхонаҳои нави истеҳсолӣ хеле фаъол маҳсуб

мешаванд. Ин бонкҳои зикршуда на танҳо дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, инчунин дар идоракунии корхонаҳо низ ширкат меварзанд;

2) Ширкатҳои олмонӣ ба роҳандозӣ намудани нақша ва тарҳи ҳамкорӣ бо як қатор кишварҳои ИДМ оғоз намудаанд. Як аз анвои кооператсия, ки баъдтар бо унвони «толлинг» шинохташуд, имконият фароҳам овард, ки сарфи меҳнат коҳиш дода шавад ва ин дар навбати худ дар нархи маҳсулоти ниҳоӣ инъикос ёфт.

Рушд ва такомули соҳибкории шабакавӣ дар кишварҳои ҷанубӣ - шарқии Осиё аз инҳо иборатанд**:**

1) ҷалби ширкатҳои трансмиллӣ ва сармоягузорони бурунмарзӣ;
2) таъсиси раванди пӯшидаи технологӣ;
3) бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз намудан;
4) амалан дастгирӣ кардани содиркунандагон;
5) озод кардани соҳибкорон аз боҷҳои гумрукӣ, андоз аз арзиши иловашуда ба ашёи хом ва таҷҳизоти воридшаванда;
6) мавриди таҳияву истифода қарор додани кодекси рафтори корпоративӣ ва кодекси ахлоқӣ.

Дар Ҷопон соҳибкории шабакавии дар шакли зерин зерин вуҷуд дорад:

- Асоси шабакаҳои уфуқӣ ба робитаҳои байни фирмаҳои калон;
- Дар ҳудуди корпоратсияи калон шабакаҳои кейретсу сохта шудаанд, ки садҳо ва ҳазорҳо таъминкунандагонро дар бар мегирад, ба монанди ширкатҳое мисли Toyota, Matsushita, Toshiba.

Баъзе махусусиятҳои соҳибкории шабакавиро дар гурӯҳҳои тиҷоратии Ҷопон - кейретсу мавриди таҳлил қарор дода, муайян кардем ки самаранокии ичтимоӣ ва иқтисодии онҳо назаррас аст .

Самаранокии баланди рафтори соҳибкории кормандони усули анъанавӣ, ки дар марҳилаҳои гуногуни ташкилоти дохили ширкатҳои калон фаъолият менамоянд, аз ин шаҳодат медиҳад.

Дар Япония ширкатҳо кодҳои корпоративӣ дошта, рафтори кормандонро танзим менамояд ва дар давлати Корея (chaebol) бошад, кулли ширкатҳо аз

тарафи ширкати марказии холдингӣ, ки ба хонаводаҳои муайян тааллуқ доранд, назорат карда мешаванд ва ин ширкати марказӣ аз ҷониби бонкҳои давлатӣ идора шуда, ширкатҳои тиҷоратӣ зери назорати ҳукумат қарор доранд, аксар ширкатҳои бузург зери назорати идораи марказӣ кор карда, соҳибкорӣ дар шабакаҳо нақши ночиз дорад.

Соҳибкории шабакавӣ дар Чин, Тайван, Ҳонконг ба ширкатҳои оилавӣ ё худ авлодӣ, шабакаҳои тиҷоратии байнисоҳавӣ асос ёфтааст ва "аксар вақт аз ҷониби як оила ё авлод идора мешавад".[38]

Вижагиҳои соҳибкории шабакавӣ дар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ чунин роҳандоӣ мегарданд:

1) таснифоти корхонаҳо, ки ба коҳиши тавоноии истеҳсолӣ ва шуғли аҳолӣ алоқаманд аст;

2) тавассути зерпудрат, яъне толлингӣ бо ширкатҳои бузурги хориҷӣ ҳамкориро амалӣ сохтан;

3) имконияти баргардониши фоида, дивидендҳо пас аз пардохти андоз ва кафолати онро доро буданд;

4) маблағҳои асосиро аз боҷҳои гумрукӣ раҳо буда, ба ҳайси сармоягузорӣ ба сармояи оинномавии ҷамъият ҳисобида шудаанд;

5) оҳиста-оҳиста коҳишёбии бозтамвил;

6) беқурб шудани асъори миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ;

7) ҷустуҷӯйи бозорҳои нав брун аз мамлакат ва озод намудани сектори бонкӣ.

Моликияти байнисохтории Маҷористон яке аз шаклҳои беҳатрин соҳибкории шабакавӣ дар мамалакатҳои Аврупои Шарқӣ маҳсуб мешавад, ки дар асоси муносибатҳои байнисохторӣ ва кооперативии навъи истеъмолкунанда ва таъминкунанда, ширкатҳои моҳвораӣ бо конгломератҳои

---

[38] Юлдашева О.У. Межфирменная кооперация. Сетевые формы организации бизнеса / О.У. Юлдашева, У. Катенев, В. Полонский [Электронный ресурс]. – 2013. – URL: http://news.elteh.ru/arh/ /2007/44/29.php (дата обращения: 12.05.2022)

калон бо иштироки бонкҳои ташаккулёбанда, ширкатҳои суғурта ба фаъолият оғоз кардааст; Чунин “вариант дар Курё ҳам ҳаст”.[39]

*Инкишофи соҳибкории шабакавӣ дар ШМА*:

1) Аз истеҳсоли оммавии маҳсулотҳо дас кашида, доираи истеҳсолро васеъ карда ба дархостҳои истеъмолкунандагон фавран ҷавоб додан;

2) принсипи таъсири банк ба саноати бофандагӣ, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти мавриди ниёз;

3) амалисозии ҳамкории соҳа ва бозор, ки метавонад ба татбиқи стратегияи афзалиятҳои рақобати воридоти сармоя мусоидат мекунад;

4) коркард ва истифодаи кодексҳои рафтори корпоративӣ ва ахлоқӣ.

Дар кишварҳои баррасишуда низ ҳамкорӣ бо рақибон вуҷуд дорад.

Масалан, иттиҳодияи таҳияи дискҳои Blu-ray (Association Blu-ray Disc ё BDA) вуҷуд дорад, ки аз ширкатҳои Matsushita, Pioneer, Philips, Thomson, LG Electronics, Hitachi, Sharp, Samsung, Sony иборат аст.

Умуман, дар иттиҳодия қариб 250 корхона мавҷуд аст, ки дар байни онҳо барои якҷоя гузарондани корнамоиҳои илмӣ-техникӣ, ки барои такмил додани маҳсулоти саноат пешбинӣ шудаанд, алоқаҳо мавҷуданд.

Дар Федератсияи Русия ва ИДМ соҳибкории шабакавӣ дар асоси моделҳои машҳури кишварҳои ғарбӣ бунёд ёфта, дар фаъолияти онҳо муваффақона амалӣ мегардад ва аз ин рӯ, дигаргунии хосса мушоҳида намешавад.

Ҳамир тариқ, охирҳои солҳои 20-30-юм дар ҷаҳон тамоюл оид ба вусъати намудҳои осори маҳфузмонда, афзудани миқдори тасарруфгарон ва танзими минбаъдаи ҳуқуқи муаллиф ба назар мерасад. Воқеан аз рӯйи нақшаи афзудани истифодаи сармояи зеҳнии тиҷорати шабакавӣ бо афзоиш ёфтани даромаднокӣ, таҷрибавӣ робита дорад ва мутобиқи тадқиқоти профессори иқтисоди ҷаҳонӣ (мактаби рӯзноманигории Кардиффия) Яна

[39] Шерешева М.Ю. Формы сетевого взаимодействия компаний. Учебник / М.Ю. Шерешева. – М.: Издат. Дом Гос. ун-та – Высшей школы экономики, 2010. – С. 132.

Харгрейва амалиёти иқтисодӣ бо назардошти “рушди ғайримаводӣ болоравии онро танг месозад”. [40]

Бояд зикр кард, ки ин дар соҳибкории шабакавӣ бо назардошти дигаргунии сармояи соҳибкорӣ таъсир нахоҳад расонд.

Чунки ташкил кардани соҳибкории шабакавӣ дар олам таъсиси ҷойро ифода мекунад ва ҳар кадом ширкат ё нафаре, ки дар ҳар як низоми иқтисодӣ қарор гирифтааст, метавонад бидуни мушкилот ва бо харҷи нисбатан кам бо ягон ширкати дигар, шахс барои фаъолияти муштарак, мубодилаи афкор ва дониш, барои хушҳолӣ муносибат намоянд.

Эҷод ва ихтирои иттилоот дар ҷаҳон, ки дар соҳибкории шабакавӣ роҳандозӣ карда мешавад, маънои мусодираи комили молу мулки соҳиби аввалро надорад ва дар ин ҳолат ҳар як иштирокчии раванди мавриди назар дар баробари дониш ва таҷрибаи пешинаи худ боз донишҳои навро ба даст меорад. Аз ҳамин сабаб мавриди истифода қарор додани истилоҳи “нодир” ҳам барои паҳн кардани иттилоот ва ҳам барои идоракунӣ, ҳамчунин ҳангоми истифодаи ин падида хос аст.

То он замон, ки бо мубодилаи мутақобилаи дониш ва иттилоот афзоиш ё коҳиши истеъмоли молҳои зеҳнӣ ҷой дорад, иқтидори иттилоотии ҳамаи иштирокчиёни соҳибкории шабакавӣ афзоиш меёбад. Таҳаммулпазирии маҳдуд оид ба истифодаи он дар соҳибкории шабакавӣ дар асоси усули ҳадди аксарияти сармоякунонии неъматҳои зеҳнӣ бунёд ёфтааст, таъсири синергияро вайрон менамояд, «ҳамоне, ки дар болоравии самаранокии иштирокчиёни алоҳида ифода меёбад, ба сохтори низоми иқтисодӣ мутааллиқ аст» ва аз ин рӯ, иттилоот бо якчанд роҳи гуногун мавриди баррасӣ қарор дода мешавад: он метавонад ба раванди аз нав ҳосил кардан (таҷдид) ҳамчун қисмати технологӣ, фоидаҳои иқтисодӣ ва марҳилаҳои ҳамроҳшавии раванди истеҳсолӣ ворид гардад. Чунонки муҳаққиқ Ф. Махлуп менигорад: "Лексикология-тафовути байни дониш ва иттилоот асосан дар

[40] Гаврилова Р.А. Интеллектуальный капитал в информационно-сетевой экономике: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.01 / Р.А. Гаврилова. – СПб., 2013. – 59 с.

шакли феълӣ асос меёбад: иттилоот (ахбор) маънои интиқоли маълумотро доро мебошад, маълумот метавонад натиҷаи иттилоот бошад. Иттилоот ҳамчун амали ахборӣ бо мақсади интиқоли иттилоот то фикрҳои дигар амалӣ карда шаванд. Мафҳуми «ҳар як чизе, ки ҳаст» бо мафҳуми «ҳар як чизе, ки маълум аст» баробараҳамияти дониш мешавад.[41]

Дар рушди тафаккури Ф. Махлуп метавонем манфиати ақлии иттилооти мазкурро пешниҳод кунем, ки ақлу хиради инсон қабул ва коркард менамояд.

Хусусан, дар рушди соҳибкории шабакавӣ дар ҷаҳон шароитҳои истифодаи маҳсулотҳои интеллектуалӣ тағйир меёбанд.

Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки 3 самти асосии фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ҷудо карда мешавад:

1. Созишнома
2. Иттиҳодия
3. Хизматрасонии иловагӣ

Дар поён ин се самти фаъолияти соҳибкории шабакавиро мавриди таҳлил қарор медиҳем:

1. Созишнома. Равандест, ки ба ташкили созишнома бахшида шудааст ва ҳамчунин мубодилаи иқтисодии сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавиро ташкил менамояд. Ҳар қадар миқдори харидорон ва фурӯшандагон ба шабака зиёд гардад, ҳамон қадар неру ва иқтидори иқтисодии ин шабака рушд мекунад ва фоизи ҳар як амалиёт ба мубодилаи истифодаи шабака равона мегардад.

2. Иттиҳодия. Мақсади ин шабакаҳо таъмин сохтани ҳамкории аъзоёни сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ, ҳамчунин ширкатҳо тавассути рекламаҳои дастрас ва пешравӣ, фурӯшандагон, таъминкунандагон маҳсуб меёбанд.

[41] Махлуп Ф. Производство и распространение знаний в США. Учебник / Ф. Махлуп. Пер. с англ. – М.: Прогресс, 1966. – 462 с.

3. Хизматрасонии иловагӣ. Асоси комёбии шабакаҳои соҳибкорӣ ин дастгирӣ, хидматҳои иловагӣ ва хидматрасонии сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавист.

Дар поён фаъолияти соҳибкории шабакавии ҷаҳонро дида мебароем:

1. Дар соҳибкории шабакавӣ дар савдо метавон маҳсулотро фурӯхт, байни мизоҷ ва фурӯшанда метавон мубодила намуд ва дар ин маврид шабакаи бевоситаи фурӯш чун воситаи ёрирасон истифода мегардад. Мубодилаи маълумот дар созишнома вазифаи миёнаравиро иҷро менамояд.
2. Истифодабарандагони соҳибкории шабакавӣ шахсони муаррификунандаро ҷалб мекунанд, ки дар натиҷа ҷалби миҷозони нав ба миён меояд ва ин модели муаррифи меёбад, ки баъзан усули ягонаи таъмини фаъолияти ширкатҳо маҳсуб меёбад ва дорои истифодабарандагони озоди шабака мебошад ва аз ин рӯ, мақсад ва ҳадафҳои ширкатҳои мазкур ба муаррификунандагон муҳим мебошад. Масалан, самти мавриди зикр дар бино ба модели тиҷоратии Google асос ёфтааст.
3. Шабакаҳои пешраву муваффақ пардохти абонентиро меситонанд вале модели обунавиро одатан барои шабакаҳои махсус ё шабакаҳои хеле бузург мавриди истифода қарор медиҳанд.
4. Мақсади асосии дастгирии нақшаҳои ба ҳам алоқаманд ба хизматрасонии ройгону-ғайрироийгон такя менамоянд ва ин ба рушди бомуваффақияти соҳаҳои нави тиҷорат мусоидат менамояд, муаммои Microsoft ин иқтидори бозори низоми амалиётиашро барои ишғол намудани бозорҳои омехта, замима, интерент-браузерҳо равона мекунад ва яке аз бартарияти соҳибкории шабака ин имкони ҷамъоварии маълумотҳо дар асоси истифодаи бевоситаи иттилоот маҳсуб меёбад.

Мумкин аст ба шахсони сеюм фурӯхта шудааст, аз ҷумла барои татбиқ, ҳамчунин метавонад кормандони навро, ки дорои арзиши иттилоотӣ барои қабули тиҷорат ва неруи иттилоотӣ барои омӯзиш, таҳқиқоти илмӣ ва монанди он ҷалб намояд. Ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зинаи на он қадар фаъол мебошад ва таҳлили алоҳидаро металабад.

Ба рушди соҳибкории  шабакавӣ дар кишвар гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ мусоидат менамояд.

Хусусан, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ИДМ технологияи рақамиро тавассути барномаи миллии «Иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаъолона ворид мекунад.

Барнома ташкили базаи ягонаи таҳлилии рақамиро барои пешниҳоди маълумоти маъмурӣ, оморӣ ва иттилоотӣ дар назар дорад.

Ин база самаранокии таҳлили муҳити институтсионалии рушди соҳибкории шабакавиро барои корбарон таъмин менамояд:

- пешниҳоди якдафъаинаи маълумот ба мақомоти давлатӣ;

-ташаккул ва истифодаи нишондиҳандаҳои таҳлилии идоракунии давлатӣ мутобиқи талаботи доимо тағйирёбандаи иттилоотии аҳолӣ;

- пешниҳоди маълумот ва иттилооти маълумотӣ танҳо дар шакли электронӣ;

- истифодаи яквақта аз манбаъҳои алтернативии иттилоот, ки идоракунии оперативии равандҳои тиҷоратро бо назардошти маълумоти пурра таъмин менамояд;

- муттаҳидсозии ҳисоботи оморӣ, баҳисобгирӣ ва андоз: платформаи таҳлилии рақамии маълумоти меъёрӣ, маълумотӣ, оморӣ ва маъмурӣ бо дигар платформаҳои рақамӣ муттаҳид карда мешавад, ки зеркашии намудҳои гуногуни ҳисоботро барои истифода аз ҷониби мақомот ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ таъмин менамояд.

Татбиқи чунин хидмат таҳлили равандҳоеро, ки соҳибкории шабакавиро ба вучуд меоранд, хеле осон мекунад, фаъолияти таҳлилии муҳаққиқони хориҷиро ҳавасманд мекунад. Зеро миқдори зиёди иттилоот барои бисёриҳо дастрас мегардад ва назар ба фаъолиятҳо аз берун метавонад фаъолият гардад ва амал карда, ба сиёсати тараққиёти субъекти хоҷагӣ назари нав оварад.

Маълумоте, ки аз вебсомонаҳои ташкилотҳо ҷамъоварӣ карда мешавад, торафт бештар истифода мешавад. Маркетологҳо бо ин намуди иттилоот фаъолона кор мекунанд, "маркетинги рақамӣ"[42] паҳн шуда истодааст, аммо дар бахши тиҷорат. Маркетологҳо метавонанд назарсанҷӣ гузаронанд, аммо мутаассифона, таҳқиқоти маркетингии дармонгоҳҳои шаҳрӣ, мактабҳо, кӯдакистонҳо вуҷуд надорад.

Болоравии зиндагии босифати аҳолӣ дар муҳити институтсионалии ташаккули соҳибкории шабакавӣ муфид арзёбӣ гардида, он дар сифати хизматрасониҳои ташкилотҳои давлатӣ ва тадбирҳои ҳукуматро оид ба рушди иқтисодиёти рақамӣ доро мебошад.

Ин хидмат маҷмӯи сабтҳои рақамӣ мебошад.

Хидмати профили рақамӣ барои рушди соҳибкории шабакавӣ дар бисёр соҳаҳо ва дар сатҳҳои гуногун татбиқ мешавад. Он бо тамоюлҳои муосир якҷоя карда шудааст ва ба маълумоте асос ёфтааст, ки шахс омода аст дар бораи худ пешниҳод кунад.

Аммо ин низом ба болоравии сатҳи тахассус вобастагӣ дорад, ки метавонад барои ширкатҳои иттилоотии муосир таъсир намояд.

Дар Тоҷикистон технологияи рақамӣ дар ҷамъоварии маълумот ва мухобироти мақомот ба таври васеъ истифода мешаванд. Ҳамин тариқ, лоиҳа оид ба таъсиси пойгоҳи додаҳои умумӣ амалӣ карда мешавад.

Самти дигари ҳамгироии технологияи рақамӣ дар рушди соҳибкории шабакавӣ (ҷамъоварии иттилоот ва кор бо он) системаи иттилоотию таҳлилии мониторинг ва таҳлили рушди иқтисодии минтақа мебошад.

Вай дар бораи тараққиётии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо маълумотҳоро ҷамъоварӣ мекунад, захира мекунад, коркард мекунад ва ба даст меорад.

---

[42]Шарифзода М. М. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти маркетингии корхонаҳои вилояти Суғд / М. М. Шарифзода, А.А. Бойматов / Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. Хуҷанд -2020. №2(83). -13-21.

Ташкилоти мазкур барои қабули қарорҳои зиёди ҳукумати вилоят заминаи таҳлилӣ фароҳам оварда, натиҷаҳои баъзе таҳқиқотҳои гузаронидашударо барои ҳамаи истифодабарандагон ҷой медиҳад.

Мутаассифона, технологияи рақамӣ дар рушди соҳибкории шабакавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани маълумот бо монеаҳои зиёди ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешавад. Аммо дастрасӣ ба ин гуна маълумот ҳатто барои ниҳодҳои давлатӣ баста аст.

Муҳити институтсионалии иқтисодиёт институтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки сатҳи фаъолияти соҳибкорӣ ва инноватсионии субъектҳои иқтисодиёти шабакавиро муайян мекунад.

Соҳибкории навоварона дар соҳибкории шабакавӣ, ки асоси илмӣ дорад, асоси фаъолият ва истеҳсоли маҳсулоти нав, технологияи нав ва омезиши нави омилҳои истеҳсолӣ маҳсуб мешавад.

Муҳити институтсионалии рушди соҳибкории шабакавӣ таҳқиқи элементҳои сохтори он - сармояи соҳибкорӣ, сармояи зеҳнии шабака, меҳнат, захираҳо, пул, сармояи истеҳсолӣ, иттилоотро талаб менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқи муҳити институтсионалии рушди соҳибкории шабакавӣ чунин ҷихатҳои инкишофи онро ба назар гирифтан лозим мебошад:

- васеъ шудани доираи фаъолияти он;
- мутобиқшавии муҳити институтсионалии рушди соҳибкории шабакавӣ ба ҷаҳонишавӣ бо назардошти хусусиятҳои аҳолӣ, ҳуввият, инкишофи таърихӣ ва ғайра;
- муҳити ниҳод барои шаклгирии корофарнии шабакавӣ дар шароити кишвари нисбатан маъмулӣ ва сода аст;
- имкони танзими давлативу бозори тавсеаи тиҷорати шабака;
- шаклгирии соҳибкории шабакавӣ дар ашколи мухталифи ширкатҳо;
- имконияти соҳибкории шабакавӣ дар пурратар қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ва муайян намудани омилҳои рушди он.

Муҳити институтсионалии рушди соҳибкории шабакавиро чунин ифода намудан мумкин аст.

**Ҷадвали 1.3.1. – Муҳити институтсионалӣ дар соҳибкорӣ**

| **Намудҳои алоқа:** | **фардӣ карда шудааст** | | **шахсӣ нашуда** | |
|---|---|---|---|---|
| **Навъи фазо:** | **бо назорат** | **бе назорат** | **бо назорат** | **бе назорат** |
| **Воқеӣ** | ташкилоти хурд | гурӯҳи хурди иштирокчиёни баробар | Корпоратсия дар миёнаҳои асри 20 | Бозор |
| **Виртуалӣ** | ташкилоти виртуалӣ | Ташкилоти шабакавӣ иштирокчиёни баробар | системаи иттилоотӣ дар асоси корпоратсия | бозори муосир |

*(таҳияи муаллиф дар асоси ҷадвали Дуглас Норт)*

Интихоби яке аз шаклҳо ҳамчун шакли бартаридошта аз ҳисоби хароҷот, ки транзаксионӣ ва трансформатсионӣ мебошанд, муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, масалан, гузариш аз алоқаҳои шахсӣ ба алоқаҳои ғайришахсӣ бо афзоиши хароҷоти транзаксия алоқаманд аст, ки аз ҳисоби коҳиши хароҷоти трансформатсия аз ҳисоби тақсимоти меҳнат пӯшонида мешавад.

Соҳибкории шабакавӣ сарчашмаи нав маҳсуб ёфта, муайянкунандаи рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад ва қисми асосии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ бо фаъолияти таҳияву коркард, истеҳсолот, тақсимот ва талаботи дониш алоқаманд аст.

Баҳодиҳӣ аз ҷиҳати танқид нишон медиҳад, ки ҳаҷми ҷамъшудаи донишҳои башарият дар вазъи имрӯза қариб аз чор се ҳиссаи боигариҳои ҷаҳон иборат аст, вале худи дониш бошад дар як вақт чун васоити истеҳсолот ва ҳамчун натиҷаи асосии фаъолияти субъектҳои зиёди иқтисодии ҷомеаи иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Муҳити институтсионалӣ вижагиҳои соҳибкории шабакавиро муайян менамояд:

1) Дигаргуншавии сохтори шуғл дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ тавассути хизматрасонии тақсимотӣ сурат мегирад. Автоматикунонӣ ва компютеркунонии истеҳсолот ба болоравии истеҳсолот ва сифати кор оварда мерасонад.

2) Дигаргуншавии нақши омилҳои экологӣ дар марҳилаи рушди баъдииндустриявӣ вобаста бо рушди истеҳсолоти ҷаҳонӣ ва ғуншавии партовҳои саноатӣ дар муҳити табиӣ сурат мегирад. Таҳияи технология барои ҳалли мушкилотҳои мавҷуда равона карда шудааст.

3) Соҳибкории шабакавӣ ба рушду такомули раванди оммавишавӣ мусоидат менамояд.

4) Поён рафтани хатари истеъмолкунандагон аз ҳисоби дастрасӣ ба ахборҳои камарзиш ва пурра ва комилан ба пешгӯии муайяни ҳодисаҳои имконпазир.

Воқеан пешгӯии самарабахш метавонад аз ҳисоби зиёдшавии ҳаҷми иттилооти нокифоя ва ё беэътимод барои истеъмолкунанда поён меравад. Дар соҳибкории шабакавӣ омили асосӣ баҳамалоқамандии нарх мебошад.

Дар робита ба ин, мо методикаи арзёбии сармояи зеҳнӣ ва иттилоотии соҳибкории шабакавиро дар асоси ҳисобкунии индекси сармояи иттилоотӣ ва соҳибкорӣ пешниҳод менамоем.

Дар асоси факторӣ амалӣ, ду фактор тасниф мегарданд, ки самаранокии соҳибкории шабакавиро нишон медиҳад:

- шабакаи иттилоотии соҳибкорӣ-технологӣ;

- моҳияти дастрасӣ оид ба соҳибкории шабакавии иттилоотӣ.

Барои бартараф кардани ин душвориҳо муҳити институтсионалии зерин зарур аст:

- системаи ягонаи тасниф ва рамзгузории маълумоти иқтисодӣ;
- ба зиммаи вазоратҳо, идораҳо ва бонкҳо барои нашри маълумоти расмии омор;
- ягонагии методологияи омори давлатӣ дар сатҳҳои вилоятӣ, шаҳрӣ.

Чунин қарорҳо ягонакуниро талаб мекунанд, вале онҳо барои сода кардани кор бо суръати рӯзафзуни иқтисодиёти шабака заруранд. Албатта, ин гуна муттаҳидшавӣ бояд дар доираи сабаб бошад, то таҳлил самаранок бошад.

Дар қаламрави Тоҷикистон муҳити институтсионалии ташаккули соҳибкории шабакавӣ бояд чунин бошад:

- истифодабарии васеи технологияи ҷадиди иқтисодӣ;
- амалӣ намудани вусъати соҳибкории шабакавӣ;
- мавҷудияти мутобиқшавӣ оид ба раванди ҷаҳонишавӣ;
- аз ҳисоби давлат танзим гардидани рушди соҳибкории шабакавӣ.

Шаклҳои асосии фаъолияти соҳибкории шабакавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳқиқотро талаб менамояд, ба таври зерин мавриди тасниф қарор дода мешавад:

- таъсис додани ҳамкории муштарак дар асоси шартномаи давлатӣ;
- созиши иҷоравӣ;
- лизинг;
- созишнома оиди тақсимоти маҳсулот (СТМ);
- сармоягузорӣ ва шартномаи он;
- созишномаи имтиёзнок ;
- саҳмиядорӣ;
- корхонаҳои давлатӣ (корхонаҳои муштарак) ва ҳиссаи сармояи хусусӣ дар он.

Марҳилаҳои ташаккул ва рушди дар ҷаҳон чунин аст:

1. Протогенез (1960-1980 с.)
2. Ҳастӣ (1981-1990 с.)
3. Ташаккул ва рушд (1990-2000 с.)
4. Пурборшавӣ (2000-2008 с.)

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор сабабҳои объективӣ ва субъективӣ ин давраҳо то андозае «таъхир» мондаанд:

А) давраи 1 - протогенез дар охири солҳои 1960-1995 оғоз ёфт (ҳанӯз дар доираи иқтисодиёти собиқ иттиҳод);

Б) давраи 2 – генезис аз соли 1997 (пас аз барқарор шудани суботи сиёсӣ ва иқтисодӣ);

В) давраи 3 - ташаккул ва рушд аз соли 2010 оғоз меёбад (бо рушди устувори иқтисодӣ алоқаманд аст);

Г) давраи пурборшавӣ аз соли 2018 оғоз мешавад (қабули барномаҳои индустрикунонии босуръат, консепсияи рушди иқтисодиёти рақамӣ ва ғайра).

Ҳамин тавр, таҳлили асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқи соҳибкории шабакавӣ ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулосаҳоро пешниҳод намоем.

1. Соҳибкории шабакавӣ ин ташкил ва истифодабарии фишанги таъминкунандаи нигаҳдории самаранок, гирифтан ва додани ахборот ба ҳисоб меравад. Соҳибкории шабакавӣ дар асоси иқтисодиёти зеҳнӣ ва инноватсионии он ташаккул меёбад.

2. Баҳодиҳӣ ва арзёбии сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ дар доираи чаҳор метод роҳандозӣ гашта, баҳодиҳии соҳибкории шабакавӣ ҳаракати навоваонаи ташаккули ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро бо мақсади ташаккул, ё худ ҳифзи «афзалияти рақобатнок»-ро муайян мекунад.

Усули тасвири муҳит ва вижагии сармояи зеҳнии соҳибкории шабакавӣ низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии асри XXI-ро инъикос менамояд.

3. Таҳлилҳои тассавуроти илмии соҳибкории шабакавӣ ва ахборӣ нишон медиҳад, ки назарияи базавӣ таҳия гардидааст ва омӯзиш дар соҳаи мазкур, гарчанде барномаи универсалии чунин намуди иқтисодиёт сохта нашуда бошад ҳам, ба таври фаъол роҳандозӣ шудааст.

4. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ, ба низомдарорӣ метавон шартҳои ташаккули соҳибкории шабакавиро муайян кард:

• бадастоварии фоидаи синергетикӣ, имконияти баландбардории фаъолияти босамари иштирокчиёни он;

• истифодаи захираҳои иловагӣ, имконоти диверсификатсияи истеҳсолот;

• таҳияи барномаи муштараки маркетингӣ;

• пайдоишт иштироки менеҷерони дигар дар идоракунии корпоратсияҳо;

5. Дар ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавӣ муҳити институтсионалӣ аҳаммияти калон дошта, рушди дурнамои он бо зиёдшавии истифодабарии ахбор алоқаманд аст, зеро мукаммалгардонидании соҳибкории шабакавӣ аз баланд бардоштани гардиши азнавистеҳсолкунӣ ва паҳнкунии ахбор иборат аст.

6. Соҳибкории шабакавӣ чун соҳибкорӣ дар соҳибкории шабакавӣ намоён, ташаккул ва рушд меёбад.

7. Ташаккули соҳибкории шабакавӣ дар дунё, инчунин дар Тоҷикистон чунин натиҷаҳо ҳаст:

- муайянсозии иртиботи байни одаму техника;
- тараққиёти пурмаҳсули илм;
- ташаккули фаъолияти иқтисодӣ дар минтақаҳо.

# БОБИ 2. ҲОЛАТИ МУОСИР ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ШАБАКАВИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

## 2.1. Ҳолати муосири рушди соҳибкории шабакавӣ

Паҳн кардани технологияи иттилоотӣ ба ҳаёти одамон дигаргунии ҷиддӣ ворид намуд, рафтори онҳо, усулҳои кор, ҳамчунин усулҳои ба роҳ мондани тиҷорат тағйир ёфт ва инстифодаи васеи технологӣ барои гузариш аз иқтисодиёти анъанавӣ ба тиҷорати шабакавӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Ҳамчунин бояд гуфт, ки рақамишавии соҳибкорӣ ва гузариш ба соҳибкории шабакавӣ ба коҳиши хароҷот ва афзоиши боздиҳии фаъолиятҳои иқтисодии бунгоҳҳои иқтисодӣ ва дар натиҷаи афзоиши суд, саҳми онҳо дар тавлиди ММД кумак мекунад.

Рушди соҳибкории шабакавӣ чун шакли калидии иқтисодиёти шабакавӣ, ки дар он ҳамаи намуди ширкат ва индивиди дар нуқтаи гуногуни системаи иқтисодӣ қарордошта, метавонад ба таври осон ва бо ҳароҷоти кам бо дигар ширкат ва ё индивид аз рӯи технологияи ташкили истеҳсолот алоқа намуда, дигаргунсозии ташкилиҳо дар соҳибкории шабакавӣ хати амудии иерархиро дар иқтисодиёт инъикос мекунад.

Дар асоси тезисҳо мо метавонем муайян кунем, ки иқтисодиёти шабакавӣ як роҳи усули хоҷагидорӣ мебошад, ки бо ёрии он маҳсулоти истеҳсолшуда одилона тақсим карда мешавад.

Асосҳои консептуалии ташаккули соҳибкории шабакавӣ ва иқтисодиёти шабакавӣ зери таъсири консепсияҳои зерин ташаккул ёфтааст:

- назарияи ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ
- назарияи бой гардондани қисми аҳолии фаъол
- назарияи нақши фаъоли давлат дар рушди соҳибкорӣ
- назарияи кумак ба табақаҳои камдаромади аҳолӣ
- назарияи дараҷаи баланди ҳосилнокии меҳнат
- назарияи самти оммавӣ барои ноил шудан ба муваффақияти шахсӣ
- назарияи ноил шудан ба баробарии иҷтимоӣ

Ташаккул ва инкишофи иқтисодиёти шабакавӣ ва асосҳои консептуалии он, соҳибкории шабакавӣ дар асоси истифода намудани шабакаҳои гуногунанвои иттилоотӣ ба миён омадааст.

Дар иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ, пеш аз ҳама, шабакаҳои иттилоотиро аз рӯи сатҳи ҳамгирой ба тариқи поёнӣ дастабандӣ кардан ба мақсад мувофиқ мебошад:

- шабакаҳои гуногуни корпоративӣ (интранет);
- шабакаҳои шарикии тиҷоратӣ (экстранет);
- шабакаҳои ҷаҳонӣ (масалан, интернет).

Хусусиятҳои консептуалии ташаккули соҳибкории шабакавӣ ва иқтисодиёти шабакавӣ:

-амалҳои такрорӣ ва автоматиро беэътибор мегардонад ва тасаввуроти арзишӣ, эҷодкорӣ, асолатро зиёд мекунад;

-маҳсулоти истеҳсолкардаи соҳибкории шабакавӣ аз нигоҳи экологӣ тозаву ва арзон мебошад;

-дар шароити шабака вобастагии шахс аз истеҳсолкунандагони мушаххаси молу хидматҳо аз байн меравад, зеро барои ҳар кадоми онҳо иқтисодиёти шабака метавонад ивазкуниро пешниҳод кунад.

Соҳибкории шабакавӣ ба минтақа низ дар навбати худ бо афзоиши таъсири худ бар фаъолиятҳои иқтисодӣ, тағирот дар сохтори санъати онро таҳти таъсир қарор медиҳад.

Соҳибкории шабакавии минтақа, дар навбати худ, бо афзоиши таъсири худ ба фаъолияти иқтисодӣ, ба тағйирот дар сохтори соҳаи он таъсир мерасонад.

Ин як далели раднопазир аст, ки рушди илму техника дар ҷаҳони муосир яке аз муҳаррикҳои асосии истеҳсолот ва тиҷорат мебошад, зеро таҳия ва ба вуҷуд овардани технология ва таҷҳизоти ҳозиразамон дар иқтисодиёт самараи истеҳсолот ва соҳибкории  шабакавӣ хеле баланд мебардорад.

Соҳибкории шабакавӣ нуқтаҳои зеринро бар мегирад:

- кам намудани харҷи истеҳсолот;

- боло бурдани сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ;

- боло бурдани рақобатпазирии он дар бозор.

Аз ин бармеояд, ки ҳам иштирокчиёни бозор ва ҳам иштирокчиёни истеҳсолот бояд дар фаъолияти худ технологияи муосирро истифода баранд ва дар соҳибкории шабакавӣ бо истифода аз усулҳои пешрафта иборат мебошад.

Соҳибкории шабакавӣ – субъекти иқтисодӣ буда, дар бозор бо мақсади ба даст овардани фоида ва самараи синергетикӣ муносибатҳои шабакавиро муқаррар менамоянд. Соҳибкории шабакавии минтақа зери таъсири таснифоти рушди иқтисодии кишвар монда ва дар соҳаҳои гуногун амал менамояд.

Фаъолияти соҳибкориро дар соҳибкории шабакавии вилояти Суғд таҳлил менамоем.

**Ҷадвали 2.1.1. – Соҳаҳои фаъолияти соҳибкории шабакавии вилояти Суғд**

| № | Номгӯй | Соҳаи истеҳсолӣ | Соҳаи тиҷоратӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | ҶДММ «Рашод» (Somon.tj) | - | + |
| 2 | ҶДММ ширкати «Амид» (Amid.shop) | - | + |
| 3 | ҶДММ «Армуғони Суғд» | + | + |
| 4 | ҶДММ «Аниси Хуҷанд» | + | + |
| 5 | ҶДММ «ОАЗИС Сайфи Қозиев» | - | + |
| 6 | ҶДММ «ОАЗИС Сабзина Универмаг» | - | + |
| 7 | ҶДММ «ОАЗИС Солиев С.К. Гулбаҳор» | - | + |
| 8 | ҶДММ «Дилписанд» | + | + |
| 9 | ҶДММ ширкати «Амид» | + | + |
| 10 | ҶДММ Мавҷи Ориёно | - | + |
| 11 | ҶДММ Сомон ТВ | - | + |

*Манбаъ:Маълумоти омории шаҳри Хуҷанд. Маълумоти фаврии ширкатҳо*

Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ дар баъзе соҳибкории шабакавии вилояти Суғд дар поён оварда шудааст.

1. ҶДММ «Арғумони Суғд» (соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат ва соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат) [43]

**Ҷадвали 2.1.2. – Нишондиҳандаҳои асосии соҳибкории шабакавии ҶДММ Арғумони Суғд**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Гардиши умуми (ҳазор сомонӣ) | 5452662 | 7513615 | 8684044 |
| 2 | Миқдори коргарон (нафар) | 29 | 29 | 31 |
| 3 | Фонди музди меҳнат (ҳазор сомонӣ) | 302657 | 345460 | 350280 |

*Манбаъ: Маълумоти омори шаҳри Хуҷанд (Ҳисоботи корхонаҳо)*

Ҷойгиршавии ҶДММ «Арғумони Суғд» дар ш.Хуҷанд:

- Мағозаи Арғумон дар кӯчаи Сирдарё 67а;
- Мағозаи Арғумон дар кӯчаи И.Сомонӣ 6;
- Мағозаи Арғумон дар маҳаллаи 19;
- Мағозаи либосҳои мардона Сафир, И.Сомонӣ 6.

1. ҶДММ Ширкати «Амид» дар шаҳри Хуҷанд (соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат)[44]

**Ҷадвали 2.1.3. – Нишондиҳандаҳои асосии соҳибкории шабакавии ҶДММ ширкати «Амид»**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Гардиши умуми (ҳазор сомонӣ) | 8905075 | 17608908 | 37504899 |
| 2 | Миқдори коргарон (нафар) | 40 | 86 | 170 |
| 3 | Фонди музди меҳнат(ҳазор сомонӣ) | 286800 | 679680 | 2045000 |

*Манбаъ: Маълумоти омори шаҳри Хуҷанд (Ҳисоботи корхонаҳо)*

Ҷойгиршавии ҶДММ Ширкати «Амид» дар ш.Хуҷанд:

- Амид-Супермаркет, маҳаллаи 13;
- Амид-Супермаркет, маҳаллаи 19;
- Амид-Супермаркет, кӯчаи Фирдавсӣ;
- Амид-Супермаркет, хиёбони 60 солагии ғалаба;
- Амид-Супермаркет, хиёбони Исмоили Сомонӣ 9;
- Амид-Супермаркет, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ 69.

---

[43] Маълумоти омори шаҳри Хуҷанд – Маълумоти фаврии корхонаи ҶДММ «Аргумони Суғд»

[44] Маълумоти омории шаҳри Хуҷанд – Маълумоти фаврии корхонаи ҶДММ «Аниси Хуҷанд».

2. ҶДММ Аниси Хуҷанд (соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат)[45]

**Ҷадвали 2.1.4. – Нишондиҳандаҳои асосии соҳибкории шабакавии ҶДММ «Аниси Хуҷанд»**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Гардиши умуми (ҳазор сомонӣ) | 15257570 | 15351650 | 11413020 |
| 2 | Миқдори коргарон (нафар) | 44 | 45 | 45 |
| 3 | Фонди музди меҳнат(ҳазор сомонӣ) | 649000 | 540000 | 6085000 |

*Манбаъ: Маълумоти омори шаҳри Хуҷанд (Ҳисоботи корхонаҳо)*

Ҷойгиршавии ҶДММ «Аниси Хуҷанд» дар ш.Хуҷанд:

- Анис- Супермаркет, шаҳри Хуҷанд, маҳалаи 34;
- Анис, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ 185.

3. ҶДММ «ОАЗИС Сабзина», кӯчаи И. Сомонӣ 3б (соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат)[46]

**Ҷадвали 2.1.5. – Нишондиҳандаҳои асосии соҳибкории шабакавии ҶДММ «ОАЗИС Сабзина»**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Гардиши умуми (ҳазор сомонӣ) | 356941 | 3235607 | 3052269 |
| 2 | Миқдори коргарон (нафар) | 19 | 19 | 19 |
| 3 | Фонди музди меҳнат (ҳазор сомонӣ) | 230400 | 230400 | 230400 |

*Манбаъ: Маълумоти омори шаҳри Хуҷанд (Ҳисоботи корхонаҳо)*

4. ҶДММ «ОАЗИС Сайфи Қозиев», маҳаллаи 19 (соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат) [47]

**Ҷадвали 2.1.6. – Нишондиҳандаҳои асосии соҳибкории шабакавии ҶДММ «ОАЗИС Сайфи Қозиев»**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Гардиши умуми (ҳазор сомонӣ) | 9233760 | 7421725 | 10294518 |
| 2 | Миқдори коргарон (нафар) | 24 | 24 | 24 |
| 3 | Фонди музди меҳнат (ҳазор сомонӣ) | 264000 | 288000 | 288000 |

*Манбаъ: Маълумоти омори шаҳри Хуҷанд (Ҳисоботи корхонаҳо)*

5. ҶДММ «ОАЗИС Солиев С.К.», кӯчаи И.Сомонӣ 89а (соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат) [48]

---

[45]Маълумоти омории шаҳри Хуҷанд – Маълумоти фаврии ширкати ҶДММ «Амид».
[46] Маълумоти омори шаҳри Хуҷанд – Маълумоти фаврии корхонаи ҶДММ «ОАЗИС Сабзина Унвермаг».
[47] Маълумоти омори шаҳри Хуҷанд – Маълумоти фаврии корхонаи ҶДММ «ОАЗИС Сайфи Қозиев».
[48] Маълумоти омори шаҳри Хуҷанд – Маълумоти фаврии корхонаи ҶДММ «ОАЗИС Солиев С.К.».

**Ҷадвали 2.1.7. – Нишондиҳандаҳои асосии соҳибкории шабакавии ҶДММ «ОАЗИС Солиев С.К.»**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Гардиши умуми (ҳазор сомонӣ) | 10893389 | 11893546 | 15162264 |
| 2 | Миқдори коргарон (нафар) | 43 | 46 | 64 |
| 3 | Фонди музди меҳнат (ҳазор сомонӣ) | 362371 | 389578 | 716454 |

*Манбаъ: Маълумоти омори шаҳри Хуҷанд (Ҳисоботи корхонаҳо)*

Таҳлили ибтидоии нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии ин соҳибкории шабакавӣ нишон медиҳад, ки гардиши умумӣ аз соли 2020 то соли 2022 зиёдтар дар ширкати «Амид» ба назар мерасад ва то 37504899 сомонӣ афзудааст (421%).

Шумораи коргарон низ дар он аз 40 нафар то 170 нафар (ба 130 нафар ё 4,25 бор) ва ҶДММ «ОАЗИС Солиев С.К.» (ба 21 адад ё 48%) зиёд шудааст.

Ин нишондиҳанда дар дигар корхонаҳои таҳлилшаванда бетағйирот мебошад.

Дар таҳлили нишондиҳандаҳои соҳибкории шабакавӣ ҶДММ Дилписандро қайд кардан лозим мебошад. Он ҳамчун соҳибкории шабакавӣ ба СИС ва ССТ мансуб буда, яке аз пешқадамони соҳибкорӣ дар вилояти Суғд мебошад. Зеро ҶДММ «Дилписанд» бо истеҳсолот ва тиҷорат машғул мебошад ва бо бренди “Самбусаи 33” машҳур шудааст.

Як қатор хулосаҳо ва тавсияҳои оид ба баланд бардоштани самаранокии соҳибкорӣ дар вилояти Суғд пешниҳодшуда, бо мақсади беҳтаргардонии фаъолияти ҶДММ «Дилписанд» мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Аз ҷумла, чунин тавсияву пешниҳодҳо барои ҶДММ «Дилписанд» қобили қабул гардидаанд:

- пешгуйӣ ва васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории кишвар;
- ҷойгиркунӣ ва рушди соҳибкории шабакавӣ дар кишвар.
- паҳн кардани қувваҳои истеҳсолӣ;
- амалкунии соҳибкории шабакавӣ, дар асоси талабот ва пешниҳод.

Яке аз усулҳои мукаммали соҳибкории шабакавӣ СИС ва ССТ ба шумор меравад.

Дар ҷадвали зикргардида 2.1.8. корҳои илмӣ-техникӣ ва тадқиқотии дар ҷумҳурӣ, вилояти Суғд суратгирифта ва динамикаи он нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.1.8. – Динамикаи фаъолияти илмию техникӣ дар вилояти Суғд то 01.01.2022**[49]

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | **Суръати афзоиш 2022/2017%** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| Корҳои таҳқиқотӣ анҷом ёфт, ҷамъ ҳазор сомонӣ | 4831,9 | 2445,4 | 2111,5 | 2445,2 | 2670,9 | 3274,4 | 55,2 (-44,8) |
| бо % | 98,0 | 50,6 | 86,3 | 115,5 | 109,3 | 122,5 | |
| **Аз онҳо** | | | | | | | |
| Корҳои илмӣ-техникӣ | 4831,9 | 2445,2 | 2085,4 | 2445,2 | 2670,9 | 3251,3 | 55,2 (-44,8) |
| бо % | 98,0 | 50,6 | 85,2 | 117,2 | 109,3 | 1121,7 | 111,5 |
| Корҳои таҳқиқотӣ | 4831,9 | 2445,2 | 2085,4 | 2445,2 | 2670,9 | 3251,3 | 55,2 (-44,8) |
| бо % | 98,0 | 50,6 | 85,2 | 117,2 | 109,3 | 121,7 | 111,5 |

*Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд (Омори солона). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023. – С.72.*

Таҳлил ва назарсанҷӣ нишон дод, ки ташаккули илму техника дар вилояти Суғд андак номутаносиб буда, дар соли 2017 ҳаҷми корҳо 4831,9 ҳазор сомониро ташкил додааст ва аз соли 2018 то оғози соли 2022 ҳаҷми онҳо нисбат ба соли 2017 қариб 2 маротиба (-44,8%) коҳиш ёфтааст. Дар маҷмӯъ, дар натиҷаи ин таҳлил метавон метавон хулоса кард, ки аҳолии вилояти Суғд ба фаъолияти соҳибкории шабакавиро солҳои охир зиёдтар эҳтиёҷ доранд.

Инкишофи соҳибкории шабакавии минтақа аз миқёсу самти фаъолияти вобастагӣ дошта, он фақат ба ташаккули дохилӣ нигаронида шуда қонеъ намудани эҳтиёҷоти мардуми вилоят дорои аломатҳои беруна, ба монанди қонеъсозии эҳтиёҷи аҳолии ноҳияҳо, ҷумҳурӣ, кишварҳои хориҷӣ мебошад

[49] Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд (Омори солона). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. 2022.– С.88

ва пас аз баррасии рушди соҳибкории шабакавии вилоят нокифоя қонеъ гардонидани талаботи аҳолии вилоят, маҳдудиятҳое, ки дар маҷмӯъ дар соҳибкорӣ вуҷуд доранд, ба чашм расид.  Ин барои амалисозии хариду фурӯши мол,  хизматрасонӣ имкониятҳои махсус фароҳам меорад.

Аз ҷониби ширкати Somon.tj имкониятҳои платформаҳои интернетӣ ҳаматарафа  истифода гашта, дар он зиёда 35 ҳазор эълон оид ба фурӯши молу пешниҳоди хидматҳо ҷой доранд ва таҳиягарони Somon.tj дар  такмили он пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Дар минтақаи Суғд, таъсири соҳибкорӣ бар соҳибкории шабакавӣ дар умури молӣ ва бонкӣ қобили таввачуҳ аст, дар анҷоми амалиётҳои мухталиф бо истифода аз фанноварии электронӣ бо муваффақият аз он истифода мешавад ва бояд гуфт ки шаклгирии бозори кортҳои пардохт бонкӣ дар қаламрави кишвари минтақаи Суғд яке аз шартҳои муҳим барои ҳали мушкилот буда, пардохтҳои ғайринакдӣ барои коҳиши ҳаҷми пардохти накдӣ ва ба таври куллӣ дар соҳибкории шабака дар назар гирифта мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар манотиқ ба ҳамроҳи созмонҳои эътибории молии иқдомоти хосиро барои ҳалли мушкилоти тавсеаи соҳибкории шабакавӣ, густариши истифода аз кортҳои пардохти бонкӣ дар савдои чакана ва қабули онҳо барои хизматрасонии пардохти молу маҳсулот чораҳои мушаххас роҳандозӣ кардаанд.

Оиди тавсеи соҳибкорӣ ва истифодаи кортҳои пардохти дар савдои чаканаро Ахмедов А.А., махсус қайд менамояд, ки: «Технологияҳои рақамӣ ба савдои чакана низ таъсири назаррас мерасонад. Савдои чаканаи муосир яке аз бахшҳои инноватсинӣ ва зудрушдёбандаи иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, сатҳи баланди хизматрасонии савдо дар тамоми зина ва шабакаҳои фурӯш нигоронида шудааст».[50]

Гардиши савдои электронии мол ба маънои анъанавии худ ва ҳаҷми он аз қобилияти харидории аҳолӣ чун истеъмолкунандагони асосӣ марбут аст.

---

[50] Аҳмедов А.А. Рушди савдои чакана дар шароити иқтисодиёти рақамӣ / А.А. Аҳмедов / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе -2022. №3 (42). с- 45-53.  ISSN 2308-054X.

Иқтидори харидорӣ аз ҳисоби даромади пулӣ дар навбати худ, ва инъикоси он дар хариди молҳои истеъмолӣ, пардохт барои соҳибкории шабакавӣ дар минтақаҳо ташаккул меёбад.

Динамикаи даромаднокии пули аҳолӣ дар солҳои 2000-2022 дар ҷадвлаи поёнӣ оварда мешавад:




*Диаграммаи 2.1.1. – Даромади пулии аҳолӣ дар солҳои 2000-2022 (млрд.сомонӣ)*

Диаграмма нишон медиҳад, ки даромади пулии аҳолӣ аз соли 2016 то солҳои 2022 суръати баланд дорад, ки барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ асос шуда метавонад.

Дар баробари ин ба ҳаҷми муомилоти молии соҳибкории шабакавии вилояти Суғд сабабҳои мушаххас мавҷуд буда, ба ҳаҷми таркиб, афзоиши даромади умумии молиявии субъектҳои ҷумҳурӣ таъсир мерасонад, ки танзими молиявии фаъолнокии бизнес дар соли 2022 ба таври зерин мебошад:

- мавҷуд будани имтиёз, сабукиҳо аз баҳри дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, ки фарогири 120 номгӯйи имтиёзҳои андозиву гумрукӣ мебошад;
- то як адад аз чор кам шудани теъдоди сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла хизматрасонии ройгон;
- мавҷудияти наздик 12 млрд сомонӣ имтиёзҳои андозиву гумрукӣ;
- аз 1,5 млрд сомонӣ гузаштани ҳисоби 5 намуди андоз;

- наздик ба 339 ҳазор расидани теъдоди субъектҳои соҳибкорӣ, ки он дар муқоиса бо соли 2018 беш аз 76 ҳазор зиёд аст;
- 18 ҳазор иншоотҳои истеҳсоливу иҷтимоӣ бо арзиши зиёда 12 млрд сомонӣ. [51]

Ҳамчунин чораҳое бояд андешида шаванд, ки ҳадафи он беҳтар намудани шароити кории савдои дохилӣ маҳсуб ёфта, соҳибкории шабакавии минтақавӣ чун омили рушди иқтисодиёт дар минтақа сурат мегирад ва бештар аз шароити муосири бозор ва рақобатпазирии корхона дар савдо вобастагӣ дорад.

Бо таввачуҳ ба бахшҳои иқтисоди минтақаи Суғд, ҳамот тавре, ки дар ҷадвали 2.1.9 нишон дода шудааст, таҳлил шуд:

**Ҷадвали 2.1.9**. – **Динамикаи шумораи корхонаҳо ва шумораи коргарони соҳаҳои асосии саноати вилояти Суғд**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2022/2017%** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ (адад) | 698 | 633 | 657 | 693 | 733 | 860 | 117,3 |
| бо % | 100 | 90,7 | 103,8 | 105,5 | 105,8 | 123,2 | |
| Шумораи миёнаи солонаи коргарони корхонаҳо (ҳазор нафар) | 28,7 | 28,3 | 35,1 | 33,2 | 32,5 | 32,7 | 113,2 |
| бо % | 100 | 98,6 | 124,0 | 94,6 | 97,9 | 100,6 | |

*Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд (Омори солона). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. 2022.– С.97– 98; – С.276; – С. 257. Омори солонаи вилояти Суғд (Омори солона). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. 2023.– С.197,192,81.*

Тибқи ҷадвали 2.1.9. солҳои 2017-2022 шумораи корхонаҳои саноатӣ ба 17,3 фисад ва шумораи коргарон 13,2 фоиз афзун шуда, онҳо асосан бо фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ширкат мекунанд ва муайянсозии шумори аниқи коркунони соҳаи кишоварзӣ аз сабаби дар маҷмуаҳои оморӣ мавҷуд набудани маълумотҳо мушкил мебошад. Номутаносубии миқдори корхонаҳо, шумораи коргарон барои ташаккулёбии иқтисодиёти вилояти Суғд таъсир мерасонад ва номутаносубии мувозинат ва нобаробариро ба миён меорад, дар

[51] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022

натиҷа самаранокии фаъолияти шабакаи соҳибкорӣ оид ба рушди иқтисодиёти минтақавӣ поён меёбад.

Бояд гуфт, ки аҳаммияти иқтисодии тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти минтақа бештар ба захираҳои меҳнатӣ вобастагӣ дорад. (Ҷадвали 2.1.10).

**Ҷадвали 2.1.10. – Сохтори аҳолии дар иқтисодиёти вилояти Суғд бо кор таъминшуда аз рӯи соҳаҳои саноат**

| Нишондиҳандаҳо (ҳазор нафар) | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2017% |
| Шумораи умумии шуғл дар иқтисодиёт (ҳазор нафар) | 402,7 | 408,2 | 421,5 | 432,4 | 438,0 | 438,0 | 108,7 |
| дар саноат | 34 | 34,6 | 28,6 | 29,1 | 28,5 | 32,7 | 114,7 |
| дар сохтмон (ҳазор нафар) | 4,4 | 4,5 | 4,4 | 4,0 | 4,2 | 4,4 | 100 |
| дар соҳаи кишоварзӣ ва ҷангал (ҳазор нафар) | 217,0 | 219,6 | 229,5 | 239,5 | 241,6 | 244,5 | 111,3 |
| дар нақлиёт ва алоқа (ҳазор нафар) | 3,1 | 3,0 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 3,1 | 103,2 |

*Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд (Омори солона). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. 2022. – С.97–98. (Омори солона). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. 2023. – С.81.*

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки қисми зиёди аҳолӣ (244,5 ҳазор нафар) дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мебаранд, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кишоварзист.

Аз рӯйи миқдори шуғл дар иқтисодиёти минтақа дар ҷойи дигар саноат (масалан, СИС) қарор дорад. Ҳамчунин, аз маълумоти дар ҷадвал овардашуда аён мегардад, ки қисми бештари аҳолӣ дар соҳаи савдо (дар шакли СТС) фаъолият мекунанд.

Ҳамин тавр, шумораи миёнаи солонаи коргарон дар иқтисодиёти Суғд аз соли 2017 то соли 2022 устувор афзоиш карда, яъне бо 402 ҳазор нафар (соли 2017) то 438 ҳазор нафар (соли 2022) ба 8,7 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар асоси андшаҳои дар боло зикр гардида, мо омилҳоеро муайян сохтем, ки ташаккули соҳибкории шабакавиро муайян месозад:

1. сатҳи истеҳсолоти моддӣ;
2. рушду инкишоф, тақсимоти ҳудудии меҳнат;
3. сатҳ, мутаносибии арзиш ба мол, даромади аҳолӣ, тақсим намудани даромад байни гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ;
4. рушду нумуи фарҳангу маданият, вижагиҳои анъанаҳои миллӣ ва маишии рӯзгор;
5. таъмин намудани сиёсати иҷтимоӣ;
6. рушди захираи талаботи ҷамъиятӣ ва монанди инҳо.

Ин ҳама таъсири худро ба сатҳи рушду инкишофи соҳибкории шабакавии минтақа хоҳад расонд.

Хусусияти иқтисодии вилояти Суғд ва ҷумҳурӣ ҳамчунин таъсири худро ба ташаккули соҳибкорӣ ва сармоявии шабакавӣ мерасонад, ҳарчанд ташаккули соҳибкорӣ ва сармоявии шабакавӣ ба рушди соҳибкорӣ дар минтақа ба пуррагӣ таъсири бештар дорад.

Ташаккули соҳибкории шабакавӣ ва сармояи он аз муҳимтарин нуктаи ташаккули иқтисодиёт буда, устувории инкишофаш афзоишу камшавии теъдоди корхонаҳо мебошад.

Ин боиси қатъ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ гардид, ки дар навбати худ ба андозаи зиёд боиси коҳиши сармояи соҳибкории шабакавӣ гардид.

Солҳои минбаъда бошад дар як қатор соҳаҳои саноат сармояи соҳибкории шабакавӣ меафзояд, дар дигар соҳаҳо, баръакс, паст мешавад.

Дар вилояти Суғд фаъолияти соҳибкории шабакавӣ дар соҳаҳои истихроҷи маъдан ва энергетика, соҳаи хизматрасонӣ назаррас афзуда, боиси зиёдшавии шуғли аҳолӣ дар иқтисодиёт мебошад.

Теъдои коргароне, ки дар кишоварзӣ, коркарди маҳсулот, сохтмон дар вилояти Суғд кор мекунанд, баръакс, кам мешавад.

Сармояи соҳибкории шабакавӣ «доимӣ» нест.

Соли 2000-ум он 52,3% миқдори умумии аҳолии минтақаро ташкил дода бошад, пас соли 2011-ум нишондиҳандаи мазкур 29,65% ва соли 2022-юм 26,9 % ташкил дод.

Ва хуруҷи сармояи соҳибкорӣ ба хориҷа дар баробари муҳоҷирати меҳнатӣ афзоиш меёбад.

Дар баробари ин, дар дохили ҷумҳурӣ, хусусан дар соҳибкории шабакавӣ ва сектори соҳибкории иқтисодиёт, чунон ки дар зер нишон дода шудааст, норасоии захираҳои меҳнатӣ мушоҳида карда мешавад.

Сармояи соҳибкории шабакавӣ дар баъзе бахшҳои иқтисодиёти вилоят, бахусус соҳаи кишоварзӣ ин марҳилаи рушди минтақа ба қадри кофӣ муассир нест.

Қобили зикр аст, ки фонди музди меҳнат (ФМЗ) ба як корманди алоҳида аз 4344,68 сомонӣ дар соли 2000 то 6895,36 дар соли 2022 ё 58,71 % афзудааст.

Дар ҳамин ҳол, аз соли 2012 то сари соли 2022 таваррум беш аз 3,5% буд.

Тафовути музди кори сармояи соҳибкории шабакавӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи вилояти Суғд хеле калон аст, ки боиси номукаммалии фаъолияти соҳибкорӣ дар вилоят мегардад.

Дар натиҷа имрӯз аҳолии Тоҷикистон, аз ҷумла аҳолии вилояти Суғд ба хориҷа бо мақсади муҳоҷирати меҳнатӣ сафар мекунанд, ҳарчанд дар ҳудуди ҷумҳурӣ кор ба назар намерасад, ҳамчунин сатҳи музди меҳнат дар ҷумҳурӣ дар муқоиса бо сатҳи музди меҳнат дар мамлакат, ба таври анъанавӣ қабул кардани муҳоҷирони меҳнатӣ басо поён арзёбӣ меёбад.

Қобили қайд аст, ки музди миёнаи меҳнат тамоюли афзоиш дорад, ки дар поён нишон дода шудааст.




*Диаграммаи 2.1.2. – Музди миёнаи меҳнат дар солҳои 2000-2020 (ҳармоҳа, бо сомонӣ)*[52]

Мо дар боло қайд кардем, ки музди меҳнат дар вилояти Суғд дар сатҳи хеле паст боқӣ монда, хоҳиши коргаронро барои пайдо кардани шароити мусоидтар берун аз он бармеангезад.

Дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра музди меҳнат дар муқоиса бо ҳамсояҳои наздиктарини мо дар Ӯзбекистон, ки мушкилоти ҷиддии шуғл ва сатҳи хеле баланди камбизоатӣ доранд, дар сатҳи паст боқӣ мемонад.

Дар ин шароит, чунон ки дар боло қайд карда шуд, набояд кам шудани шумораи одамони қобили меҳнатро, ки берун аз мамлакати мо кор ёфтан мехоҳанд, интизор шудан мумкин нест.

Яке аз омилхое, ки ба пешниҳоди сармояи соҳибкории шабакавӣ таъсир мерасонад, бевосита микдори одамонро дар иктисодиёти минтақа муайян менамояд. Дар ин соха бошад таъсири он чандон равшан нест ва ба зиёд кардани таъминот нигаронида шудааст.

Аз як тараф, кори биржаи меҳнат дар ҷумҳурӣ мукаммал нест. Ғайр аз ин, шумораи ҷойҳои корие, ки барои таъмини шуғли пурраи аҳолӣ зарур аст,

---

[52] Ҳисоби муаллиф дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022

бо назардошти дараҷаи табиии бекорӣ баръало кам аст. Ин ба рушди соҳибкории шабакавӣ монеъа мешавад.

Ба ин муносибат тамоюли вусъати ҷустуҷӯйи кор дар хориҷа аз тарафи коргарони ватанӣ мушоҳида карда мешавад.

Аз тарафи дигар, фаъолияти сармояи соҳибкорӣ дар байни аҳолии вилоят хеле баланд аст. Дар солҳои охир афзоиши мунтазами шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ба назар мерасад, яъне афзоиш нисбат ба соли 2012 427,97 % ташкил медиҳад. Шумораи корхонаҳои амалкунанда низ 160,38 % афзудааст, гарчанде ки дар ин ҷо динамикаи он муътадил нест[53].

Дар баробари ин вазъият дар соҳаи соҳибкории индивидуалӣ, ки кори мустақилонаро таъмин менамояд, басо бо душворӣ инкишоф меёбад. Ин, ба назари мо, ба номукаммал шудани қонунгузорӣ дар соҳаи ташкили фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ, даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар солҳои 2013-2014 рост меояд, вобаста аст.

Барои муқоисаи дараҷаи музди кори сармояи соҳибкории шабакавӣ дар доираи соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти вилояти Суғд маълумотҳои зеринро пешниҳод мекунем.

**Ҷадвал 2.1.11. – Музди миёнаи моҳонаи аз рӯйи соҳаҳои хоҷагии халқи вилояти Суғд.**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/ 2017 % |
| Ҳамагӣ аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодӣ | 1012,8 | 1072,2 | 1182,7 | 1236,2 | 1418,8 | 1632,8 | 161,2 |
| Саноат (кӯҳӣ) | 2477,12 | 2649,46 | 2871,09 | 2676,0 | 3109,92 | 3878 | 156,6 |
| Соҳаи кишоварзӣ | 639,88 | 578,31 | 584,89 | 598,59 | 695,19 | 798,00 | 124,7 |
| Нақлиёт | 1367,86 | 1216,56 | 1419,17 | 1332,38 | 1536,38 | 2110,34 | 154,2 |
| Сохтмон | 1442,22 | 1570,43 | 1690,14 | 1672,97 | 1948,16 | 2382,08 | 165,1 |

*Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд (Омори солона). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023. – С.112-113.*

Аз маълумотҳои ҷадвали 2.1.11 маълум аст, ки сатҳи музди меҳнат дар

[53] Манбаъ:Омори солонаи вилояти Суғд (Омори солона). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2018. – С.173.

соҳаи аграрӣ на танҳо аз сатҳи миёнаи умумии ҷумҳурӣ поён мебошад, балки назар ба соҳаҳои мазкур, ба монанди саноат, сохтмон ва нақлиёт басо поён аст.

Дараҷаи баландтарини музди кор дар нақлиёт ба назар мерасад. Хурсандиовар аст, ки дар давраи ҳисоботӣ дараҷаи умумии музди меҳнат аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ майли зиёдшавӣ дорад.

Аз ҷумла, соли 2017 маоши миёна дар вилояти Суғд 1012,87 сомониро ташкил медод, дар соли 2022 ин рақам ба 1632,82 сомонӣ дар як моҳ расидааст. Дар маҷмӯъ, дар соли 2022 нисбат ба соли 2017 ин нишондод ба 61,2 % афзоиш ёфтааст.

Ба вазъияти сармояи соҳибкории шабакавӣ дар шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ баҳо дода, бояд таъкид кард, ки дар он сектори хусусӣ хукмфармост, зеро, агар дар соли 2017 ҳиссаи ин бахш 50,0 % ташкил дода бошад, соли 2022 он 52,0 % ташкил дода, ҳиссаи бахши давлатӣ мунтазам коҳиш меёбад[54].

Ҳамин тавр, муносибатҳои бозорӣ дар вилояти Суғд боиси тағйир ёфтани сатҳ ва сохтори шуғл дар он гардид. Ин тағйирот ба ҳамаи унсурҳои сохтории шуғл - сохтори аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, ҷинс, синну сол ва сохтори соҳавии шуғл таъсир расонидааст.

Ба соҳибкорони шаҳр дар бораи андозҳо саволҳо дода шуданд, ки аз ин шумор тақрибан 72% онҳо масъалаи андозро мустақилона ҳал мекунанд. Аммо тақрибан 32% пурсидашудагон изҳор доштанд, ки низоми андозбандиро хуб медонанд. Сеяки дигар низ гузориш доданд, ки дар фаҳмидани маъмурияти андоз мушкилӣ доранд. Соҳибкорон аз 54 то 58% дар баҳодиҳии меъёри андоз, манбаи андоз ва давраи андоз тағйирот ё такмили ҷиддиро қайд кардаанд.

Сарфи назар аз мушкилоти андозбандӣ, бахши соҳибкорӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд фаъолият намуда, ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ

[54] Омори солонаи вилояти Суғд (Омори солона). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023. – С.173.

саҳм мегузорад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки соҳибкории шабакавӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд ва кишвар бештар аз ташакули сармояи он вобаста мебошад.

## 2.2. Соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт

Дар минтақаи Суғд соҳибкорӣ дар соҳаи саноат асосан дар ду намуд амал мекунад:

1. Соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат (СИС);
2. Соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат (ССТ).

Дар рушди иқтисодиёти вилоят ва кишвар корхонаҳои саноатӣ-шабакавӣ (СИС) нақши муҳимро мебозанд. Рушди онҳо баландшавии сатҳи рақобатпазирӣ ва некӯаҳволии кишварро таъмин мекунанд. Фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат дар баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар таъсир менамояд, чунки, бино ба ақидаи олими машҳури Ҷопон М.Моритани «барои рушди мамлакати хеш бояд тавоноӣ ва неруи саноатии худро дарку эҳсос намуд».[55]

Махсусан, дар мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ ҳиссаи СИС дар маҷмуъ, ММД зиёда аз 45%-ро ташкил медиҳад, дар Олмон нишондиҳандаи мазкур дар ҳудуди 57-59%, дар Британиёи Кабир 51-52%, дар Ҷопон 52-55%, дар ИМА 65-67% қарор дорад ва нишондоди мавриди назар дар тиҷорати байналмилалӣ аз 13% иборат аст, ташкил медиҳад.

Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории шабакавии СИС ва ССТ дар вилояти Суғд бо истифодаи технологияи замонавӣ, менеҷмент ва маркетинг вобастагӣ дорад. Масалан, дар соли 2017 ҳаҷми кор 4831,9 ҳазор сомониро ташкил дода, дар муддати солҳои 2018-2022 он назар ба соли 2017 қариб 2 маротиба афзудааст, ки соҳибкории шабакавӣ ва руши онро нишон медиҳад.

Дар вилояти Суғд заминаи моддии соҳибкории корхонаҳои саноатӣ-

[55] Моритани М. Современная технология и экономическое развитие Японии. Учебник / М. Моритани. Пер. под ред. Е. Леонтьевой. – М.: Экономика, 1986. – 264 с.

шабакавии корхонаҳои саноатиро ташкил менамояд.

Дар вилояти Суғд соҳибкорӣ дар корхонаҳои саноатӣ-шабакавии 657 корхонаро фаро гирифта, ҳаҷми маҳсулоти саноатии он инъикосгари фаъолияти самараноки онҳост.

Масалан, агар дар соли 2019 ҳаҷми он ба 13053,6 миллион сомонӣ, ё 47,2 фисад ба ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии (27613 миллион сомонӣ) ҷумҳурӣ баробар бошад,[56] аллакай дар соли 2022 шумораи корхонаҳои саноатӣ зиёд шуда, теъдоди он то ба 860 адад расида, ҳаҷми маҳсулоти саноатии минтақа ба 24326,3 млн. сомонӣ баробар гардидааст. [57]

Ҷойгиршавии географии корхонаҳои саноатии вилояти Суғд ба таври зерин сурат гирифтааст:




Расми 2.2.1. – Харитаи вилоят ва ҷойгиршавии корхонаҳои саноатии минтақа

*( Аз рӯйи маводҳои таҳқиқотӣ аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст)*

Зикр бояд кард, ки сатҳи соҳибкории истеҳсолии соҳаи саноат дар иқтисодиёти вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар мақсаднок ва хуб роҳандозӣ шудааст, ки нишондиҳандаҳои дар поён зикргардида онро исбот менамояд.

Дар соли 2022 суръати афзоиш ва хиссаи нишондиҳандаҳои рушди минтақаҳои кишвар чунин аст: ш. Душанбе-108,1 % (+19,5%), вилояти Суғд -

---

[56] Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – С. 272.

[57] Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд. -Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Чумхурии Тоҷикистон,2023. -С-179.

108,1 (+27,6%), вилояти Хатлон-108,1 (+29,2%), ВМКБ-107,9 (+1,2%), НТҶ-107,9 (+16,5%) – ро ташкил дод.[58]

Рушди миёнаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ 18,8%-ро ташкил менамояд, илова бар ин, дар миқёси ҷумҳурӣ суръати рушди ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳо нобаробар арзёбӣ меёбад.

Махсусан, суръати рушду инкишофи маҳсулоти саноатӣ соли 2022-юм нисбат ба соли 2017-ум дар ҷумҳурӣ ба 18,8% баробар бошад, дар вилояти Суғд он дар доираи 27,6% қарор дорад

Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Хатлон ба 29,2 % , дар ноҳияҳои тобеи марказ ба 16,5%, дар ВМКБ ба 1,2% аст, ки ин аз фаъолияти босамари соҳибкорӣ дар корхонаҳои саноатӣ-шабакавӣ дарак медиҳад.

Соҳибкории корхонаҳои саноатии шабакавии шаҳру ноҳияҳо ва самаранокии онро ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, музди меҳнат ифод месозад, ки дар ҷадвал оварда шудааст:

**Ҷадвали 2.2.1. – Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва музди миёнаи меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд (то 1 январи 2023 сол)**

| № | Субъектҳои вилоят | Музди меҳнати миёна (сомонӣ) | Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (ҳазор сомонӣ) | Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари аҳолӣ (ҳазор сомонӣ) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | нисбати аҳолии доимӣ | нисбати аҳолии дар иқтисодиёт машғул |
| 1 | н. Айнӣ | 1496,17 | 3618420,7 | 11370.4 | 50711 |
| 2 | н. Ашт | 790,43 | 323259,4 | 1335,3 | 13712,1 |
| 3 | н. Б.Ғафуров | 1032,32 | 5032488,4 | 357,5 | 4246,8 |
| 4 | ш. Бӯстон | 1272,23 | 673024,0 | 11291,3 | 59566,0 |
| 5 | ш. Гулистон | 2078,34 | 4396211,4 | 6748,71 | 3072,2 |
| 6 | н. Деваштич | 787,53 | 96223,0 | 354,3 | 2318,7 |
| 7 | н. Зафарабод | 826,99 | 288406,8 | 2860,2 | 13283,6 |
| 8 | ш. Истиқлол | 1030,44 | 34265,1 | 30066,3 | 377977,1 |
| 9 | ш. Истаравшан | 1063,16 | 832380,9 | 145,0 | 815,6 |

[58]Манбаъ: Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе,2022. С.13.

**Идомаи ҷадвали 2.2.1.**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 10 | ш. Исфара | 975,94 | 586140,4 | 1328,4 | 11304,0 |
| 11 | ш. Конибодом | 926,57 | 349336,4 | 1468,6 | 13312,5 |
| 12 | н. Мастчоҳи Кӯҳӣ | 753,41 | 13418,0 | 141,4 | 403,3 |
| 13 | н. Мастчоҳ | 971,97 | 318253,8 | 1873,1 | 6522,8 |
| 14 | ш. Панҷакент | 1537,37 | 4632428,4 | 9457,3 | 57579,9 |
| 15 | н. Спитамен | 937,97 | 596384,4 | 3465,1 | 22805,3 |
| 16 | ш. Хуҷанд | 1430,13 | 1704107,8 | 7032,1 | 32704,1 |
| 17 | н. Ҷ. Расулов | 940,96 | 304459,5 | 1680,9 | 9725,3 |
| 18 | н. Шаҳристон | 781,04 | 44541,4 | 853,5 | 5097,8 |
| 19 | **Ҳамагӣ** | **1632,8** | **24326,3 (млн)** | **4824,79** | **30969,1** |

*Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд 2020(Маҷмӯаи оморӣ)// Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020 с. – С. 25,75, 102, 167,175. Омори солонаи вилояти Суғд (Омори солона). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023. – С.187.*

Мутобиқи таҳлил дар оғози соли 2023 маҳсулоти саноатӣ дар вилоят ба ҳар сари аҳолӣ 24326,3 млн. тонна рост омада, нисбат ба шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул буда 30969,1 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки дар соли 2022 музди миёнаи меҳнат дар шаҳру навоҳии вилояти Суғд то 1 632,8 сомонӣ боло рафтааст.

Ин равандро агар дар субъектҳои вилоят мавриди таҳлил қарор диҳем, нишондиҳандаи баланд дар соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноатро ноҳияи Б.Ғафуров (5032488,4 ҳазор сомонӣ) ва шаҳри Панҷакент (4632428,4 ҳазор сомонӣ) дар бар мегирад.

Ба тарви муқоиса истеҳсоли нисбатан кам дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ дар доираи 13418,0 ҳазор сомонӣ ва шаҳри Истаравшан ба 34265,1 ҳазор сомонӣ ба назар мерасад ва ин вазъият мумкин аст аз мавҷуд набудани корхонаҳои саноатӣ дарак медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нишондиҳандаи истифодабарии иқтидори саноатӣ маҳсуб меёбад.

**Ҷадвали 2.2.2. – Динамикаи истеҳсол маҳсулоти саноат, хизматрасонии пулакӣ ва маҳсулоти умумии минтақавии вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/ 2017 % |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | *млн. сомонӣ* | 10917,9 | 11390,6 | 12062,6 | 15573,2 | 37255,2 | 42992,6 | 393% |
| | *бо фоиз* | 126,0 | 104,3 | 105,8 | 129,1 | 239,2 | 115,4 | |
| Хизматрасони и пулакӣ | *млн. сомонӣ* | 3682,8 | 3712,5 | 3743,8 | 3291,6 | 1545,1 | 18696,8 | 507,6 |
| | *бо фоиз* | 100,0 | 100,8 | 100,8 | 106,6 | 46,9 | 121 | |
| Маҳсулоти умумии минтақавӣ | *млн. сомонӣ* | 17510,7 | 18343,8 | 20537,1 | 21621,9 | 27465,4 | 31939,2 | 182,3 |
| | *бо фоиз* | 119,4 | 104,7 | 111,9 | 105,2 | 127,0 | 116,2 | |

*Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд 2021. -Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021с. - С.13,16 ва Вазъи иҷтимоию-иқтисодии ЧТ январ-декабр,соли 2022.С.160-162. Омори солонаи вилояти Суғд 2023. С-11.*

Мутобиқи таҳлили ҷадвал дар давоми панҷ соли охир суръати пешрафти истеҳсоли маҳсулоти саноат 3,43 маротиба боло рафта, аз 10917,9 миллион сомонӣ ба 42992,6 миллион сомонӣ зиёд гардидааст. Аз ин сабаб, хизматрасонии пулакӣ ҳамагӣ ба андозаи 5,07 маротиба ё ба ибораи дигар 15014 миллион сомон афзун шудааст.

Рушди соҳибкорӣ дар соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат (СИС) - ин рушди инноватсионии онҳо мебошад, ки ба онҳо имконият медиҳад, ки муаммои норасоии озуқаворӣ ва базаи захиравии иқтисодиёти миллиро ҳал кунанд.

Ин чуни маъно дорад, ки дар шароити имрӯза соҳибкорӣ дар корхонаҳои саноатии шабакавии минтақа ба таври комил ва самарабахш мавриди истифода қарор намегирад.

Таҳлилҳои дар боло зикргардида омӯзиши суръати рушду инкишофи бахши саноатиро миёни бахшҳои дигар талаб менамояд.

Соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат ва пешрафти рушди маҳсулоти соҳаи корарди саноатӣ бо дигар соҳаҳои саноатӣ баробар нест, рушди умумии он ба андозаи 105,6 %, истеҳсоли неруи барқ, газ ва об 101,6 %, соҳаи саноати истихроҷи кӯҳӣ ба 0,61% баробар мебошад. Аз ин ҷо маълум

мешавад, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат мақсаднок мавриди истифода қарор мегирад. Ба ақидаи мо, сабаби номуназзамии фаъолияти ин соҳаи саноати коркард муаммоҳои маъмурӣ дар худи корхонаҳо мебошад, ки ин ба коҳиши самаранокии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат оварда мерасонад.

Инкишоф наёфтани СИС ва норасоии маблағгузорӣ дар иқтисодиёти миллӣ имконият намедиҳад, ки соҳибкорон ба сатҳи ҷаҳонии рушд ворид шаванд ва дар соҳибкории шабакавӣ самаранок инкишоф ёбанд. Новобаста аз ин миқдори корхонаҳои саноатӣ, хусусан СИС дар иқтисодиёти вилоят ва кишвар зиёд шуда истодааст.

Дар корхонаҳои саноатӣ-шабакавӣ натиҷаи самаранокии соҳибкорӣ, фаъолияти соҳаҳои саноатӣ, вазъи ташаккули маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд дар ҷадвали зерин ифода шудааст:

**Ҷадвали 2.2.3. – Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд (ҳазор сомонӣ)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2022/ 2017 бор** |
| н. Айнӣ | 784483,6 | 985042,6 | 948297,4 | 1158954,1 | 264504,4 | 3618420,7 | 4,61 |
| н. Ашт | 183487,4 | 205174,6 | 224880,0 | 230709,5 | 251759,7 | 323259,4 | 1,8 |
| н.Б.Ғафуров | 1015459,5 | 1146846,4 | 1359001,0 | 2535425,9 | 3435145,7 | 5032488,4 | 4,95 |
| ш. Бӯстон | 182273,8 | 257070,1 | 411006,0 | 516784,5 | 516784,5 | 673024,0 | 3,69 |
| ш. Гулистон | 3526706,2 | 3446518,8 | 3261638,0 | 2400439,0 | 2400439,0 | 4396211,4 | 1,24 |
| н. Деваштич | 29437,9 | 59288,8 | 61447,2 | 71716,3 | 71716,3 | 96223,0 | 3,26 |
| н.Зафаробод | 176191,6 | 231007,8 | 216524,0 | 226283,4 | 226283,4 | 288406,8 | 1,63 |
| ш.Истаравшан | 355907,7 | 426189,4 | 529168,0 | 555796,2 | 555796,2 | 34265,1 | 0,9 |
| ш. Истиқлол | 27882,6 | 278836,2 | 39639,6 | 40817,1 | 40817,1 | 832380,9 | 2,98 |
| ш. Исфара | 296576,0 | 363681,6 | 363989,0 | 372115,3 | 372115,3 | 586140,4 | 1,97 |
| ш.Конибодом | 193848,9 | 261471,3 | 310182,0 | 320635,9 | 320635,9 | 349336,4 | 1,8 |
| н. Кӯҳ. Мастчоҳ | 2084,6 | 2397,7 | 3549,9 | 3790,3 | 3790,3 | 13418,0 | 6,43 |
| н. Мастчоҳ | 196197,5 | 203609,4 | 240694,0 | 223753,8 | 223753,8 | 318253,8 | 1,62 |
| ш.Панҷакент | 1469465,0 | 1889873,9 | 2867482,0 | 4255981,3 | 4255981,3 | 4632428,4 | 3,15 |

Идомаи ҷадвали 2.2.3.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| н. Спитамен | 303808,6 | 406387,2 | 490316,0 | 668687,6 | 668687,6 | 596384,4 | 1,96 |
| ш. Хуҷанд | 942582,8 | 1132396,6 | 1291815,0 | 1494624,3 | 1494624,3 | 1704107,8 | 1,8 |
| н. Ҷ.Расулов | 169014,6 | 198615,5 | 231463,0 | 317727,5 | 317727,5 | 304459,5 | 1,8 |
| н.Шаҳристон | 27996,3 | 34153,3 | 37214,2 | 37116,9 | 37116,9 | 44541,4 | 1,59 |
| **ҳамагӣ** | **12053,5** | **13053,5** | **13053,5** | **15573,2** | **21064,8** | **24326,3 (млн)** | **2,01** |

*Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд 2020. -Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-2020с.- С.175.// Омори солонаи вилояти Суғд 2021. -Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021с. - С.345, Омори солонаи вилояти Суғд (Омори солона). Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023. – С.112-113.,182*

Натиҷа ва таҳлили ҷадвалҳои 2.2.3 аз он шаҳодат медиҳад, ки рушду такомули истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд аз рӯйи минтақаҳо нобаробар сурат мегирад.

Минтақаи пешқадам дар соли 2022 аз рӯйи суръати болоравии истеҳсоли маводи соҳибкории истеҳсолӣ доир ба соҳаи саноат ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ба шумор рафта, ба андозаи 6,43 маротиба боло рафтааст. Ва ба таври муқоиса суръати пасти истеҳсоли саноатиро ба андозаи 0,9% дар шаҳри Истаравшан мушоҳида намудан мумкин аст.

Таҳлили мо муайян кард, ки миқдори корхонаҳои саноатӣ-шабакавӣ дар соли 2026 то ба 895 адад расида, нисбат ба соли 2022 162 адад афзоиш меёбад.

Такмили сифати иқтидори меҳнатӣ, омода сохтани мутахассисон дар он ва барои қонеъ гардонидани талаботи корхонаҳои саноатии навтаъсис ба захираҳои меҳнатӣ бояд чораҳои зарурӣ андешида шаванд, чунки барои самарабахш истифода намудани иқтидори корхонаҳои саноатӣ бояд аз имконияти неруи корхонаҳои саноатӣ-шабакавӣ ва меҳнатии корхона, ки дар оянда ташаккул меёбанд ва рушди манотиқ ва динамикаи онро таъмин менамояд. Миқдори корхонаҳои шабакаҳои саноатӣ ғайримуътадил мебошад.

Ҳамин тариқ, шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ дар соли 2022-юм 860 адад ё 0,99 %-ро аз миқдори умумии корхона ташкил дод.

Тамоюли шумораи аҳолӣ дар вилояти Суғд дар ҷадвали 2.2.4 инъикос гаштааст.

**Ҷадвали 2.2.4. – Тамоюли шумораи аҳолӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар охири сол, ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2017 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ шумораи аҳолӣ дар вилоят | нафар | 2608,5 | 2657,0 | 2705,4 | 2783,0 | 2823,9 | 2870,0 | 110,0 |
| Дараҷаи рушди аҳолӣ | % | 100, | 101,8 | 101,8 | 102,8 | 101,5 | 101,6 | - |
| Захираҳои меҳнатӣ дар минтақа | нафар | 1598,7 | 1615,5 | 1669,2 | 1630,8 | 1652,2 | 1675,2 | 104,7 |
| Дараҷаи рушди иқтидори меҳнатӣ | % | 101,8 | 101,0 | 103,3 | 97,7 | 101,3 | 101,3 | - |
| Қувваи корӣ | нафар | 807,2 | 815,8 | 829,0 | 852,9 | 890,6 | 892,1 | 110,5 |
| Дараҷаи рушди қувваи корӣ | % | 99,3 | 101,0 | 101,6 | 102,8 | 104,4 | 100,1 | - |
| Бекории расман эътирофшуда | нафар | 9,7 | 8,1 | 8,9 | 7,9 | 7,8 | 7,0 | 89,7 |
| Дараҷаи рушди бекорӣ | % | 89,8 | 83,5 | 109,8 | 88,7 | 98,7 | 0,89 | - |
| Таносуби бекорон нисбат ба қувваи корӣ | % | 2,4 | 2,0 | 2,1 | 1,8 | 1,8 | 0,8 | 44 |

*Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – Душанбе, 2023. – С. 9, 79.*

Аз маълумоти ҷадвали 2.2.4. бармеояд, ки то 1 январи соли 2023 расман шумораи умумии аҳолии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон- 2870 ҳазор нафарро ташкил намуда, аз ин миқдор шумораи нафарони қобили меҳнат, ки дар корхонаҳои саноатии шабакавии вилоят машғули фаъолияти меҳнатӣ мебошанд ба 1675,2 ҳазор нафар расидааст, ки ин пеш аз ҳама 58,3% -и шумораи умумии аҳолии минтақаро дар бар мегирад. Дар ин давра шумораи нафарони соҳибшуғл, ки қувваи корӣ маҳсуб меёбанд, ба 892,1 ҳазор нафар расидааст, ки танҳо 31,0%-и шумораи аҳолиро ташкил мекунад ва ҳамчунин шумораи нафарони расман бекор эътирофшуда ва қувваи кори нокифоя истифодагардида дар ин давра ба 7 ҳазор расидааст.

Ҳаҷми қувваи кории нокифоя истифодашуда дар Тоҷикистон хеле калон аст. Дар соли 2019 аз 5521 ҳазор нафар аҳолии қобили меҳнат 3007 ҳазор нафар дар хоҷагии халқ кор карда, 2463,4 ҳазор нафар қувваи кории нокифоя

истифодашуда мебошад. Ба ибораи дигар қувваи кории нокифоя истифодашуда назар ба аҳолии қобили меҳнат 543,6 ҳазор нафар зиёд аст. Ғайр аз ин, қувваи кории нокифоя истифодашуда маънои онро дорад, ки он пурра истифода намешавад, онҳо дар ҷустуҷӯи кори иловагӣ ба бозори меҳнат ворид мешаванд. Ин тамоюли манфӣ, ки ба рушди соҳибкорӣ таъсир менамояд, то соли 2030 идома меёбад.

Рушди соҳибкорӣ хусусан дар соҳибкории шабакавӣ аз нишондиҳандаҳои қувваи кории нокифоя истифодашуда вобастагӣ дорад.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳибкории истеҳсолии дар соҳаи саноат ва таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти кишварро дар мисоли фаъолияти якчанд СИС таҳлил менамоем.

Ширкати «Армуғон», ҶДММ «Аниси Хуҷанд», ширкати дистрибютории ҶДММ «Лидер», ҶДММ «ОАЗИС Сабзина» ва ширкати «Амид» ба соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат (СИС) тааллуқ доранд.

1. Яке аз намунаҳои соҳибкорӣ дар соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат дар иқтисодиёти миллӣ ширкати тиҷоратии “Армуғон”, ки доир ба он дар поёнтар истода мегузарем, маҳсуб меёбад.

Дар тӯли зиёда аз 20 сол ширкати «Армуғон» сохтори пешрафта дар бозори тиҷорат дорад ва бо маҳсулоти босифати баланд машҳур аст, ки новобаста аз сатҳи даромад ба аҳолӣ дастрас аст.

Ширкати мазкур имрӯз миқдори зиёди маҳсулоти истеъмолиро ба бозорҳои Тоҷикистон, аз қабили зарфҳо, асбобҳои ошхона, таҷҳизотҳои рӯзмарра, либосҳои мардона оғоз карда то мебелҳои хушсифат аз истеҳсолкунандагони ҷаҳонӣ ба фурӯш мегузорад.

Мизоҷони шабакаи мағозаҳои «Армуғон» ҳамеша бо хариди худ қаноатманданд ва изҳори миннатдорӣ мекунанд, ки ширкати “Армуғон” саривақт молро мувофиқи талабот таъмин менамояд.

Ширкати «Армуғон» ҳамчун соҳибкории шабакавӣ аз соли 2012 фаъолият мекунад, ки фаъолияти асосӣ-истеҳсоли чипсҳо (картошкаи бирёншуда) маҳсуб мешуд. Дар соли 2012 ба истеҳсоли чипсҳои намуди 1-ум

таҳти унвони "Чипси таббасум" пардохта, он вақт ширкат корхонаи хусусии «Оазис» унвон дошт. Аз соли 2013-ум бошад ширкат истеҳсолоти худро васеъ мекунад ва ҳамон сол ин ширкат ба «Армуғон» таъвизи унвон мекунад.

Ба истеҳсоли маҳсулоти «Чипси таббасум» ҳамчунин ду навъи маҳсулот «Маша ва Хирс» ва «Бо таббасум» ҳамроҳ карад мешавад ва сола аз сол ширкати «Армуғон» навъи маҳсулоти худро зиёд мегардонад. Соли 2022-юм ширкати «Армуғон» барои 8 намуди маҳсулотро истеҳсол кардан оғо намуд.

Ташаккули корхонаҳои саноатӣ-шабакавӣ ва шароити бозор, аз нав дида баромадани якчанд хусусиятҳои механизми моддии ҳавасмандгардонии меҳнатро пешниҳод мекунад ва дар корхонаи хусусии ширкати «Амид» ва «Армуғон» ба ҳавасмандгардонӣ аҳаммияти махсус дода мешавад. Гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ ҳавасмандгардонии моддиро низ фаро гирифтааст.

2. Намунаи дигари соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат (СИС) дар иқтисодиёти вилояти Суғд - ширкати «Амид» мебошад.

Ширкати «Амид»»» дар соли 1999 фаъолияти худро оғоз намуд. Ҳоло он яке аз ширкатҳои беҳтарин дар Тоҷикистон мебошад.

Дар иқтисодиёти миллӣ ширкати «Амид» ба муваффақият ноил гардидааст, инчунин дар як қатор кишварҳои аврупоӣ шабакаи таъминкунандаро дорад. Кунун ширкат нияти васеъ намудани истеҳсолот ва шабакаи таъминкуниро дорад.

Ширкати «Амид» аз соли 2012 то соли 2022 ширеш барои шифер ва ғӯлагаҷ (гипсокартон), соли 2012 ғӯлагаҷ бо номи “Волна”, соли 2013 ширеш барои ғӯлагаҷ бо номи «ЭЛАСТИК», соли 2014 ширеши ғӯлагаҷ бо номи «ЭМ-квадрат», соли 2015 ғӯлагаҷи «Феликс» ва соли 2022 ширеши гаҷии «ЛЮКС» истеҳсол кардааст. Давоми 21 сол ширкати «Амид» бо истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ барои ороиши хонаҳо машғул мебошад. Ҷойгиршавии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат (СИС) ширкати «Амид» дар вилояти Суғд дар поён нишон дода шудааст.




Расми 2.2.2. – Харитаи ҷойгиршавии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат ширкати «Амид»

*Манбаъ: аз шабакаи интернет*[59]

Соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат ширкати «Амид» дар миқиёси минтақа 9 филиал дошта, аз онҳо 6-то дар ш.Хуҷанд ҷойгир шудааст.

**Ҷадвали 2.2.5. – Суроғаи филиалҳои корхонаи шабакавӣ ширкати «Амид» дар ш. Хуҷанд**

| № | Ном | Суроға | Сомонаи расмии ширкат | Замимаи мобилӣ дар Google Play |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Амид-Супермаркет | шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 13 | www.amidgroup.tj www.amid24.tj www.amidfood.tj | Амид - Интернет мағоза |
| 2 | Амид-Супермаркет | шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 19, хиёбони Тошканд | www.amidgroup.tj www.amid24.tj www.amidfood.tj | Амид - Интернет мағоза |
| 3 | Амид Супермаркет | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Фирдавсӣ бинои 133, | www.amidgroup.tj www.amid24.tj www.amidfood.tj | Амид - Интернет мағоза |
| 4 | Амид Супермаркет | шаҳри Хуҷанд, хиёбони 60 солагии ғалаба, бинои 40а | www.amidgroup.tj www.amid24.tj www.amidfood.tj | Амид - Интернет мағоза |
| 5 | Амид Супермаркет | шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоил Сомонӣ 9 | www.amidgroup.tj www.amid24.tj www.amidfood.tj | Амид - Интернет мағоза |
| 6 | Амид Супермаркет | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ 69 | www.amidgroup.tj www.amid24.tj www.amidfood.tj | Амид - Интернет мағоза |

[59] Харитаи ҷойгиршавии ширкати «Амид» // [манбаи электронӣ]. – URL: https://www.google.com/search?q=%D0%BC%D0%B0%D0%B3%D0%BE%D0%B7%D0%B0%D0%B8+%D0%90%D0%BC%D0%B8%D0%B4&sca_esv=a5295d27d6bcdf79&sxsrf=ADLYWIJumWDFdYsKb68l2F8o-XXQ71EsxA%3A1719906370646&ei=QrCDZvqAJ7TU5NoPt6ue6As (Санаи муроҷиҳат: 03.02.2023)

Ширкати «Амид» чун соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат ба як қатор қисматҳои сохторӣ тақсим карда мешавад.

**Ҷадвали 2.2.6. – Нишондиҳандаҳои асосии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат ширкати «Амид» дар соли 2022**

| № | Сол | Коргарон | Сомонӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | 2020 | 40 | 28800 |
| 2 | 2021 | 86 | 679680 |
| 3 | 2022 | 170 | 2045000 |

Шабакаи мағозаҳои ширкати «Амид»

| № | Намуди маҳсулот | Воҳиди ченак | Рамзи маҳсулот | Дар асл | | Арзиши аслии маҳсулот истеҳ-солшуда (ҳаз.сом) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Дар давраи ҳисоботи моҳона | Дар давраи аввали со-ли ҳисобот | Аз аввали соли ҳисоботӣ |
| 1 | Маҳсулоти ҳасиб, ҳамагӣ | тонна | 817000 | 0,25 | 6,67 | 46,46 |
| 2 | Маҳсулоти шир холис, ҳамагӣ | тонна | 825000 | 1,05 | 2,95 | 17,7 |
| 3 | Нон | тонна | 851001 | 2,35 | 6,38 | 31,44 |
| 4 | Маҳсулоти қаннодӣ | тонна | 853000 | 5,51 | 13,86 | 82,86 |

*Манбаъ: Маълумоти омории шаҳри Хуҷанд. Маълумоти фаврии ширкати «Амид»*

Барои амалисозии самаранокии фаъолияти худ, таъмини талаботи шабакаи афзоянда, соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат шабакаи мағозаи ширкати «Амид» мунтазам IT инфрасохторро такмил медиҳад. Ширкат тасмим дорад, ки маҷмӯи васеи технологияи инноватсиониро ҷорӣ кунад, ки имконияти саҳеҳтар пешгӯйӣ кардани талаботҳои истеъмолкунандагонро медиҳад, самаранокии менеҷмент ва низоми идоракунии таъминотро баланд бардорад.

3. Дигар корхонаи саноатӣ-шабакавӣ ҶДММ «Лидер» мебошад, ки дар соли 1997 таъсис ёфтааст. Дар айни замон, ширкат маҷмӯи васеи сачоқҳо, дастурхон, куртаи мардона, кимонои варзишӣ, хилъатҳо ва либосҳои махсуси корӣ истеҳсол мекунад. Маҷмӯи мағозаҳои ширкати «Амид» бо сехҳо барои

истеҳсоли маҳсулоти нимтайёр, маҳсулотҳои қаннодӣ ва нонпазӣ машғул мебошанд.

ҶДММ «Лидер» истеҳсолкунандаи пешрафта ва таъминкунандаи кимонои варзишӣ мебошад. Махсусан, кимонои ин ширкат дар бозори кимонои варзишии Русия мақоми баланд дорад.

Яке аз самтҳои асосии ширкат истеҳсоли сачоқҳо ва суфрача мебошад. Сачоқҳо ва суфрачаҳои форам, гиппоаллергенӣ ва хеле баландсифат буда, мувофиқи принсипи **«сифати баланд + нархи паст»** омода мешавад.

Маҷмӯи куртаҳои классикӣ, анъана ва аз нуқтаи фарқкунандаи мӯд иборат мебошад. Ба мизоҷони худ СИС куртаҳои босифат ва бо тарҳрезии хуб пешниҳод менамояд.

Хусусан қайд кардан мумкин аст, ки ҳамаи маҳсулот аз 100% пахтаи софи табиӣ омода шудаанд ва дорои шаҳодатномаҳои сифат мебошанд.

СИС ҶДММ «Лидер», ки дорои эътибори шарики боэътимод аст, ҳамеша барои ҳамкорӣ ва барои робитаҳои нав омода аст.

Рақобатпазирии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат аз фаъолнокии филиалҳои он, ки дар бозор амал менамоянд, вобаста мебошад.

Соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат асосан ба филиалҳо тақсим шуда, амал мекунад.




Расми 2.2.3. – Сохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат ва филиалҳои он дар бозор
*Таҳияи муаллиф*

Барои таҳлили самаранокии СИС маълумоти умумии рушди соҳаи саноати кишварро дидан лозим мебошад.

Ташаккули соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат ва саноати кишвар

нишон медиҳад, ки афзоиши миёнаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ 2,53% ро ташкил намуда, дар ҷумҳурӣ афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ нобаробар аст, аз ҷумла болоравии андозаи маҳсулоти саноатӣ соли 2020 назар ба соли 2015 дар мамлакат ба 3277 млн сомонӣ ё 2,53 баробар гашта бошад, дар вилояти Суғд ба 10679 млн сомонӣ ё 3,1 баробар гаштааст.

Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Хатлон ва ВМКБ мувофиқан ба 228,8 миллион сомонӣ ё 204 % афзоиш ёфтааст, ки ин аз истифодаи босамари имкониятҳои СИС дарак медиҳад.

Соҳибкории шабакавӣ ва рушди босуръати технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ зиндагии мардум, тарзи кор, усулҳои тағйир додани тиҷорат, мавриди истифода қарор додани технологияи рақамӣ ба интиқоли босуръат аз иқтисоди анъанавӣ ба соҳибкории шабакавӣ мусоидат менамояд ва рақамикунони соҳибкорӣ, интиқол ба соҳибкории шабакавӣ ба болоравии фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор оварда мерасонад. Даромаднокӣ, фоида ва ҳиссаи он дар ММД ба чашм мерасад, ки беҳтаршавии зиндагии мардум дар вилоят, Тоҷикистон ба ин васила таъмин мегардад. То як андоза таъсири соҳибкорӣ ба соҳибкории шабакавӣ дар соҳаи молия, дар соҳаи бонкии вилояти Суғд метавон зикр кард, ки он дар анҷом додани амалиёти гуногун бо истифода аз технологияҳо анҷом дода мешавад ва дар Суғд ташаккули кортҳои пардохтии бонкӣ сабаби муҳимтарини ҳалли муаммои пардохтҳои ғайринақдӣ дар соҳибкории шабакавӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат рақобатпазирии кишварро таъмин менамояд.

### 2.3. Самаранокии соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат

Дар иқтисодиёт инкишоф ёфтани соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат (ССТ) нақши муҳимро мебозад.

Аҳаммияти баланди соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат (ССТ) зарурияти омӯзиши арзёбии миқдории рушди онро дар иқтисодиёт шаҳодат медиҳад,

зеро дар тамоми ҷаҳон ба рушди ССТ аҳаммияти калон дода мешавад. Ба он нақши яке аз васоити асосии рушди иқтисодиёти миллӣ равона мегардад ва ҷалби оилаҳои нодор ба фаъолияте, ки ба боло бардоштани сатҳи даромаднокии онҳо имконият медиҳад.

Самарабахшии таҷҳизоти мазкур дар ҷомеаи байналмилалӣ баҳогузорӣ мегардад.

Он аз ҷониби Ассамблеяи генералии СММ тасдиқ шуда, соли 2005-ро “Соли рушди корхонаҳои хурд ва ширкатҳои тиҷорати иқтисодиёти миллӣ” (резолютсияи №53/197 аз 15 декабри соли 1998) эълон гардид.

Фаъолияти баъзе субъектони соҳибкории шабакавӣ дар соҳаи тиҷорати вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таҳлил қайд менамоем.

Дар интернет-мағозаи Amid.shop дидан мумкин аст. Дар он аз 3000 номгуйи молҳои категорияҳои гуногун, аз ҷумла озуқаворӣ, маводи рӯзгор, маҳсулоти ороишӣ, маводи хонишӣ ва ғайра фурӯхта мешаванд. Ва ин номгӯй барои қонеъ гардонии талаботи харидор мунтазам васеъ ва таҷдид карда мешавад.

Фаъолияти интернет-мағозаи Amid.shop: қабули фармоиш ба воситаи (сомона; замимаи мобилӣ; занги телефонӣ), дастрас кардани маҳсулот (худдастрасӣ, курер), номгӯи васеъи маҳсулот, нархҳои ҷолибро пешниҳод менамоянд.

Соҳибкории шабакавии минтақа ба фаъолияти иқтисодӣ ва тағйирот дар сохтори он таъсир мерасонад. Бояд гуфт, ки соҳибкории шабакавӣ ба воситаи интернет амалӣ мегардад ва барои анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ, хариду фурӯши мол ва хизматрасонӣ имконият фароҳам меорад ва аз ҷониби ширкатҳои зиёди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд, аз ҷумла ҶДММ «Рашод» (Somon.tj) имкониятҳо, мисли платформаҳои интернетӣ мавриди истифода қарор доранд, ки дар он зиёда аз 35 ҳазор эълон дар бораи фурӯши мол, пешниҳоди хизматрасониҳо мавҷуданд.

ҶДММ ширкати «Мавҷи Ориёно» яке аз шабакаҳои пешбари телевизиони ноқилӣ дар шаҳри Хуҷанд мебошад. Пайвастшавӣ 70 сомонӣ ва

пардохти абонентии моҳона 20 сомониро ташкил дода 70 каналҳои аналогӣ ва 80 рақамиро паҳн мекунанд.

ҶДММ ширкати Сомон ТВ (Мавҷи Сомон) нисбатан соҳибкории шабакавӣ навтар буда, дар муддати кутоҳ хидматрасонии телевизионӣ, дурусттараш пайвасти кабелӣ ба шабакаҳои телевизионии шаҳри Хуҷанд дар формати HD ташкил намуд. Маблағи пайвастшавӣ ба ширкат 230 сомонӣ ташкил менамояд. Нархҳо дар охири соли 2017 мебошанд. Ширкати Сомон ТВ ракибон Мавҷи Ориёно мебошанд, ба рақобатпазирии иқтисодии вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро мусоидат менамоянд.

Вазъи фаъолияти истифодаи иқтидори меҳнатӣ дар соҳаҳои гуногуни вилояти Суғд дар ҷадвали 2.3.1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.3.1. – Вазъи истифодаи иқтидори меҳнатӣ дар соҳаҳои гуногуни вилояти Суғд (ҳазор нафар)**

| Солҳо | Бахши вокеӣ | Тағйирёбӣ бо % | Истихроҷи саноати кӯҳӣ ва коркарди кони маъданҳо | Тағйирёбӣ бо % | Саноати коркард | Тағйирёбӣ бо % | Нерӯи барқ, газ ва таъминоти об | Тағйирёбӣ бо % | Сохтмон | Тағйирёбӣ бо % | Бахши хизматрасонӣ | Тағйирёбӣ бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2014 | 261,7 | 100 | 5,5 | 100 | 26,7 | 100 | 4,9 | 100 | 4,3 | 100 | 129,8 | 100 |
| 2015 | 256,5 | 98 | 7,6 | 138,1 | 23,3 | 87,2 | 4,8 | 97,9 | 4,5 | 104,6 | 145,5 | 112 |
| 2016 | 254,5 | 99,2 | 6,9 | 90,7 | 23,1 | 99 | 4,6 | 95,8 | 4,1 | 91,1 | 147,4 | 101,3 |
| 2017 | 255,4 | 100,3 | 7,6 | 110,1 | 22,1 | 95,6 | 4,3 | 93,4 | 4,4 | 107,3 | 147,3 | 99,9 |
| 2018 | 258,8 | 101,3 | 8,8 | 115,7 | 21,6 | 97,7 | 4,2 | 97,6 | 4,5 | 102,2 | 149,4 | 101,4 |
| 2019 | 271,4 | 104,8 | 8,9 | 101,1 | 22,0 | 102,0 | 3,1 | 73,8 | 4,4 | 97,7 | 150,1 | 100,4 |
| 2020 | 281,7 | 103,8 | 9,1 | 102,2 | 22,4 | 102,0 | 3,1 | 100,0 | 4,0 | 90,9 | 150,7 | 100,4 |
| 2021 | 283,6 | 100,6 | 9,3 | 102,2 | 22,3 | 99,5 | 3,0 | 96,7 | 4,2 | 105,0 | 154,4 | 102,4 |
| 2022 | 286,4 | 100,9 | 9,3 | 100 | 22,3 | 100 | 2,9 | 96,6 | 4,4 | 104,7 | 151,6 | 98,1 |

*Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – Душанбе, 2023. – С.81-82.*

Таҳлили ҷадвали 2.3.1 нишон медиҳад, ки новобаста ба афзоиши соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат дар соҳаҳои гуногун ҳамчун самти муҳимми бахши воқеии иқтисодиёт самарабахш истифода намешавад.

Барои фаъол намудани амалинамоии рушди ССТ дар иқтисодиёти миллӣ тамоми захираҳои ҷаҳон истифода шудааст.

Ташаккули ССТ бо баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ вобастагӣ дошта, бояд тадбирҳои иловагӣ оид ба қарзҳо ва хизматрасонии ба он вобаста андешида шавад, ки ба ин васила шуғлнокӣ баландбардории даромадро таъмин намояд, инчунин барои бештари шумораи одамоне, ки дар шароити камбизоатӣ умр ба сар мебаранд, бояд дастрас бошад.

Соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат (ССТ) дар иқтисодиёт, (бо фоизи паст, бо пардохти дарозмуддат) барои ташкил намудани сарчашмаи доимии даромади меҳнатӣ амалӣ гардидааст. Аммо меъёри пасти фоиз ҳатто хароҷоти беқурбшавиро рӯйпӯш намекард, вале самараи захираҳо ба миён меомад.

Субсидияи меъёрҳои фоизӣ, ки ба дастгирии табақаи камбизоати аҳолӣ равона буданд ба вазъи бозори молиявӣ таъсири манфӣ мерасонид ва барои рушди коррупсия шароит фароҳам меовард. Дар робита ба ин меъёри фоизии имтиёзнок бо қарзҳо доимӣ ва дар асоси дастрасии осон иваз карда мешуд, таъсиси чунин маҳсулоти қарзӣ, ки нисбатан комил аст, ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Дар давраҳои аввали ССТ дар иқтисодиёти миллӣ, ҳамчун асбоби ҳалли муаммои камбизоатӣ дар кишварҳои тараққикардаистода истифода мешуд.

Аммо арзёбии микдории рушди соҳибкории тиҷоратӣ-шабакавӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ бо ҷамъшавии таҷрибаи ССТ ва дар аксари давлатҳо чун методҳо мавриди истифода қарор дорад:

- усули дастгирии оилаҳои камбизоат;
- усули хизматрасониҳои молиявӣ-қарзӣ ба корхонаҳои хурд;
- усули ҳамкорӣ бо корхонаҳои тиҷоратӣ.

Мубрамияти ин се вазифа дар вобастагӣ аз мақсади мамлакатҳо ва ССТ дар муайянии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии худ тағйир меёбад.

Истифодаи ССТ яке аз тамоюлҳои асосии муосири рушди робитаҳои корхонаҳои тиҷоратӣ дар иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Аммо дар адабиёти иқтисодии ватанӣ муаммои арзёбии миқдории рушди соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат (ССТ) то ҳол ба таври амиқ муайян карда нашудааст.

Нашриётҳои илмӣ марбут ба муаммои зикршуда ҷанбаҳои афзалиятноки амалии ССТ дар иқтисодиёти миллиро тасвир мекунанд.

Дар баробари ин масъалаи рушди ССТ дар минтақа, тиҷорати байналхалқӣ, тиҷорат, дар умум, дарккунии илмро талаб мекунад.

Бисёре аз коршиносон чунин мешуморанд, ки хусусияти асосии ССТ-ро ҳаҷми ночизи воситаҳои қарзӣ, мувофиқан микроқарзро ҳамчун “раванди пешниҳоди қарзҳои хурд” муқаррар менамояд. Ба ақидаи мо, чунин тавсия саҳеҳии дақиқро талаб мекунад, зеро ССТ фақат яке аз нишонаҳои муҳими фаъолияти онро инъикос менамояд.

Муаммаҳои асосии арзёбии миқдории рушди соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат (ССТ) норасоии маблағгузорӣ мебошад. Норасоии маблағгузорӣ ба субъектони ССТ имконияти инкишофи самараноки тиҷорат (савдо)-и дохилӣ ва хориҷиро намедиҳанд.

Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат, дар тиҷорат (савдо)-и дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2.3.2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.3.2. – Савдои дохилӣ дар миқиёси минтақаҳои кишвар**

(бо нархҳои муқоисавии соли 2020, млн. сомонӣ)

| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/ 2017% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумхурии Тоҷикистон | 20740,5 | 22275,2 | 24948,3 | 27024,8 | 35456,4 | 39498,4 | 190,4 |
| ш.Душанбе | 4653 | 4997,3 | 5597 | 6357,2 | 8775,7 | 9776,1 | 210,1 |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 2818,7 | 31,76,1 | 3820,4 | 4370,4 | 5196,9 | 5789,3 | 205,3 |
| Вилояти Суғд | 7519,3 | 8075,7 | 9044,8 | 9450 | 11855,3 | 13206,9 | 175,6 |
| Вилояти Хатлон | 5263,5 | 5653 | 6331,4 | 6695,1 | 9456,0 | 10534,0 | 200 |
| ВМКБ | 128,6 | 138,7 | 154,7 | 151,2 | 172,6 | 192,2 | 149,4 |

*Манбаъ: Агентии омори назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023.с.341*

Махсусан дар гардиши моли чакана дар соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат, ки дар расми поён оварда шудааст.




Расми 2.3.1. – Гардиши моли чакана дар соҳибкории соҳаи тиҷорат
*Манба: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023. С 341.*

Инчунин, фаъолияти соҳибкории соҳаи тиҷорат дар тиҷорати (савдо) хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2.3.3 оварда шудааст:

**Ҷадвали 2.3.3. - Савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Воҳиди ченак | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Гардиши савдои хориҷӣ** | млн. долл. | **5138,1** | **4988,8** | **5274,7** | **4326,2** | **3929,9** | **7309,5** |
| Кишварҳои ИДМ | млн. долл. | 2311,4 | 2093,0 | 2405,7 | 2045,4 | 1968,0 | 3870,4 |
| Кишварҳои боқимондаи ҷаҳон | млн. долл. | 2826,7 | 2895,8 | 2869,0 | 2280,8 | 1961,9 | 3439,1 |
| **Содирот** | млн. долл. | **1359,7** | **943,4** | **977,3** | **890,6** | **898,7** | 2142,0 |
| Кишварҳои ИДМ | млн. долл. | 239,6 | 177,4 | 246,0 | 226,7 | 294,4 | 761,4 |
| Кишварҳои боқимондаи ҷаҳон | млн. долл. | 1120,1 | 766,0 | 731,3 | 663,9 | 604,3 | 1380,6 |
| **Воридот** | млн. долл. | **3778,4** | **4045,4** | **4297,4** | **3435,6** | **3031,2** | 5167,5 |
| Кишварҳои ИДМ | млн. долл. | 2071,8 | 1915,6 | 2159,7 | 1818,7 | 1673,6 | 3109,0 |
| Кишварҳои боқимондаи ҷаҳон | млн. долл. | 1706,6 | 2129,8 | 2137,7 | 1616,9 | 1357,6 | 2058,5 |

*Манбаъ:Тоҷикистон бо рақам, 2020 ва Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023,С.308.*

Самаранокии соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷоратро дар таҷрибаи интернет мағозаи Amid.shop мушоҳида кардан мумкин аст.

Бо воситаи интернет-мағозаи Amid.shop зиёда аз 3000 ҳазор номгуйи молҳои категорияҳои гуногун, аз он ҷумла озуқаворӣ, маводҳои рузғордорӣ, маҳсулоти ороишӣ, маводи хонишӣ ва ғайра фурӯхта мешаванд. Ва ин номгӯй барои қонеъ гардонии талаботи харидор мунтазам васеъ ва таҷдид карда мешавад.

Интернет-мағозаи Amid.shop амалҳои зеринро иҷро менамояд:

- қабули фармоиш (бо воситаи сомона; замимаи мобилӣ; занги телефонӣ);
- дастрасткунии маҳсулот ( худдастрасӣ, курер);
- номгӯйи васеъ ва сифати ваколатноки маҳсулот;
- нархҳои ҷолибро пешниҳод мекунад.

Дар арзёбии микдории рушди соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат таҳлили ССТ бо ду аломат асос ёфтааст:

- дараҷаи қарзгиранда;
- мӯҳлати рушдро дақиқтар ҳисобидан зарур аст.

Дар ин маврид тахти мафҳуми рушди ССТ дар иқтисодиёти миллӣ ба корхонаҳои хурд пешниҳод намудани қарзҳои хурди кӯтоҳмуддат дарк мегардад.

Шарти ҳатмии ҳамаи барномаҳои рушди ССТ дар иқтисодиёти миллӣ истифодаи воситаҳо танҳо бо мақсади истеҳсолот фаҳмида мешавад. Аз ин сабаб, айни ҳол сухан дар бораи фаъолияти соҳибкории молияи расмӣ, на дар бораи корхонаҳое, ки дар доираи корхонаҳои хурди ғайрирасмӣ фаъолият доранд, меравад. Умуман, мафҳуми пешниҳодгардида аз бисёр ҷиҳат ба принсипҳои асосии рушди ССТ дар иқтисодиёти миллӣ мутобиқат менамояд.

Мафҳуми пешниҳодшуда аз бисёр ҷиҳат ба принсипҳои асосии рушди ССТ дар иқтисодиёти миллӣ мувофиқат мекунад.

Муҳаққиқи ватанӣ Д. Н. Дадоматов ба консалтинги соҳибкорӣ дахл карда, «ташкил кардан ва рушди объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ (марказҳои инноватсионӣ-технологӣ, технопаркҳо ва монанди инҳо), шабакаи ташкилотҳо оид ба расонидани кумаки машваратӣ-консалтингӣ дар

соҳаи фаъолияти инноватсионӣ, мусоидат кардан ба ташкил ва рушд додани корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар соҳаи илмӣ техникӣ, биржаҳои махсуси моликияти зеҳнӣ ва хизматрасонии илмӣ-техникиро қайд менамояд».[60]

Дар соҳаи тиҷорат соҳибкорӣ (ССТ) ҳалқаи асосии занҷираи иқтисодиёти шабакавӣ буда, таҳқиқи он саривақтӣ маҳсуб мешавад. Таърихи пайдоиш, зинаҳо ва марҳилаи инкишофи он раванди мураккаб аст ва барои арзёбии шаклҳои ССТ, нақши он дар иқтисодиёти Тоҷикистон дорои аҳаммияти аввалиндараҷа буда, ҳуқуқи ҳар як нафар, тибқи андешаи физиократҳои кӯшиш кардан барои ҳаёти шоиста мебошад, ки воситаи бебадали амалӣ шудани он бо меҳнат ба даст оварда мешавад. Аз ин рӯ, ҷолибии ғоя аз он сабаб аст, ки беҳтарин амале, ки барои такмил додани сатҳу савияи иқтисоди миллӣ бояд роҳандозӣ кард, ин дар муносибатҳои иқтисодии инсоният озодиии комил ва пурраро фароҳам овардан аст.

Зери мафҳуми соҳибкорӣ истифодаи самарабахши захираҳои аз нав истеҳсол кардан, шароитҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, факторҳои истеҳсолот, захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ, васоити истеҳсолот, комёбиҳои илмӣ ва маҳорати соҳибкорӣ фаҳмида мешавад.

Рушду инкишофи ССТ дар иқтисодиёти миллӣ ба беэътибории кормандон, бесалоҳиятии роҳбарон, таҷрибаи нокифоя дар соҳаи тиҷорат, молия, робитаҳои корӣ, омӯхтани бозор, истеҳсолот ва мисли инҳо алоқаманд буда, неруи табиӣ, болоравии фарҳангу маданияти истифодабарии замин, ташаккули касбу кор ва ҳунар, зиёд гардидани номгӯйи маҳсулот ва хизматрасонӣ дар соҳибкории шабакавӣ вобаста мебошад.

Маркетинги арзёбии миқдории рушди соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат ССТ дар иқтисодиёти миллӣ бозорро таҳлил накарда, соҳибкор фаъолияти худро дуруст роҳандозӣ карда наметавонад ва таҳқиқотҳои илмии маркетингӣ, истифодаи натиҷаи онҳо ба фаъолияти сохтории корхона таъсири мусбӣ мерасонад ва солҳои охир дар қисми таъминоти ҳуқуқии

[60] Дадоматов Д.Н. Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ: назария, методология ва амалия (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон): дис. ... д-ри илмҳои иқтисодӣ: 08.00.05 / Д.Н. Дадоматов. – Душанбе, 2022. – 153 с.

рушди ССТ дар иқтисодиёти миллӣ як қатор тадбирҳо андешида шудаанд, ба монанди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки ҷумҳурии мо санадҳои ҳуқуқии байналхалқиро эътироф кардааст. Такмилдиҳии минбаъдаи қонуни ҷумҳурӣ дар корхона,  дар тиҷорати иқтисодиёти миллӣ аҳаммияти дорад, ки хусусиятҳои хоси ССТ аз ташкилӣ, ҳуқуқӣ, идоракунӣ, соҳавӣ, иттилоотӣ, молу мулкӣ, инноватсионӣ, машваратӣ ва амсоли ин иборат буда, маҳз ин хусусиятҳо ба дастгирии давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ эҳтиёҷ доранд.

Ин эҳтиёҷ ба қабули қонуне, ки асосҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории соҳаи  тиҷоратро дар иқтисодиёти миллӣ муайян мекунад ва ба инкишофи минбаъдаи онҳо мусоидат менамояд, вуҷуд дорад ва маблағгузории он ташаккул ва рушди ССТ-ро дар иқтисодиёти миллӣ бозмедорад. Дар соҳаи қарз вазъи пасти қиёсии маблағгузории дарозмуддат ҷой дорад, ки бартарафсозии он вазифаи сиёсати молиявӣ, шарти асосии устуворшавии иқтисодиёти миллӣ, рушди минбаъдаи он аст ва ССТ танҳо дар шароити дарки пурраи давлат, зарурияти корхона, ҳамчун яке аз лоиҳаҳои афзалиятнок дар ташаккули ММД бомуваффақият ташаккул ёфта метавонад.

Бо дастгирии рушди СИС ва ССТ маҷмӯи алоқаҳои маркетингӣ муайян карда шудааст:

1. Рекламаи симо (имидж);
2. Саҳмияҳо;
3. Тадбирҳо барои ҳавасмандкунии фурӯш;
4. Реклама дар ВАО.

Усули ягонаи баҳогузории миқдории рушди соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат ин корбурди идентификаторҳои асосии брэнд (тамға, ранг, шиори реклама, шрифт) дар чунин муаррифӣ, тарҳҳои муаррифӣ, прайс-варақаҳо, маҳсулоти туҳфа (сувенир), кортҳои шахсӣ, тақвимҳо, либосҳои махсуси кормандон ва реклама барои нақлиёти ҷамъиятӣ ва ғайра маҳсуб меёбад.

Барои ҳалли масъалаи рушди соҳибкории шабакавӣ пешгӯйи пур кардани бозори меҳнат бо миқдори захираҳои меҳнатӣ лозим аст. Барои ин,

мо пешниҳод мекунем, ки формулаи О.В. Чернявской[61] истифода бурда шавад:

Чп=Пб+ПбхК (2.3.1)

ки дар ҷо: Чп. – арзиши пешбинишавандаи аҳолии қобили меҳнат ва соҳибкорӣ дар сол;

Пб – андозаи базавии аҳолии қобили меҳнат дар соли пеш пешбинишуда;

К – суръати миёнаи солонаи афзоиши (камшавии) аҳолии қобили меҳнат дар давраи (як қатор солҳо) пеш аз оғози давраи пешбинишаванда.

Дар асоси ин методология динамикаи қувваи корӣ, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории шабакавӣ метавонад иштирок намоянд, то соли 2030 пешгӯи намудем. (ҷадали 2.3.4).

**Ҷадвали 2.3.4. – Пешгӯии афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ то соли 2030**

| Сол | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи захираҳои меҳнатӣ *(ҳазор нафар)* | 5521 | 5632 | 5745 | 5861 | 5979 | 6099 | 6222 | 6347 | 6475 | 6605 | 6738 | 6874 |

*Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020. - С.81.*

Соли 2019 соли базавӣ ҳисоб карда мешавад, ки қувваи корӣ 5521 ҳазор нафарро ташкил дод. Дар давоми 2014-2019 ин нишондод ба ҳисоби миёна 2,02% афзуд. Тибқи ҳисобҳои мо, шумораи захираҳои меҳнатӣ то соли 2030 бояд ба 6884 ҳазор нафар расад. Яъне дар соли 2030 шумораи захираҳои меҳнатӣ нисбат ба соли 2019 1353 ҳазор нафар ё 24,5 % зиёд мешавад ва ин вазъияти бе ин ҳам душвории бозори меҳнатро боз ҳам бадтар мекунад.

Бо истифода аз методологияи истифодашуда, мо кӯшиш мекунем, ки ҳаҷми талабот ба қувваи корӣ дар бозори меҳнат, соҳибкории шабакавиро пешгӯйӣ кунем.

---

[61] Чернявская О.В. Рынок труда. – Учебное пособие [электронный ресурс] / О.В. Чернявская. – URL: https://studbooks.net/53981/ekonomika/rynok_truda?ysclid=lth9p1rz22545928263 (дата обращения: 20.03.2022)

«…барои таҳияи пешгӯйи индикативии талабот ба қувваи корӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ усули индексӣ истифода мешавад, ки мувофиқи он индекси тағйирёбии шумораи кормандон (С) ба таносуби индекси ҳаҷми истеҳсолот баробар аст: (хизматрасонӣ) (Ов) ба нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнат (Ип): С=Ов / Ип».

**Ҷадвали 2.3.5. – Пешгӯйи афзоиши талабот ба қувваи корӣ, аҳолии машғул ва бекор дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 (ҳазор нафар)**

| Сол | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи қувваи корӣ | 2514 | 2554 | 2581 | 2608 | 2635 | 2662 | 2690 | 2718 | 2746 | 2775 | 2804 | 2833 |
| Аҳолии дорои шуғл *(ҳазор нафар)* | 2463 | 2490 | 2517 | 2544 | 2571 | 2599 | 2627 | 2683 | 2712 | 2741 | 2771 | 2801 |
| Бекор | 51 | 50,5 | 50 | 49,6 | 49,2 | 48,8 | 48,4 | 48 | 47,6 | 47,2 | 46,8 | 46,4 |

*Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020. - С.81.*

Тибқи ҳисобҳои мо дар панҷ соли қаблӣ (2014-2019) қувваи корӣ ба ҳисоби миёна ба 1,06%, аҳолии соҳиби шуғл 1,1% афзуда, бекорӣ тибқи маълумоти расмӣ ба ҳисоби миёна 0,8% коҳиш ёфтааст.

Дар асоси ин нишондодҳо дурнамои афзоиши қувваи корӣ, аҳолии соҳиби шуғл ва бекор то соли 2030 ҳисоб карда шуд.

Бо ба эътидол омадани вазъи иқтисодии ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон қувваи корӣ бояд то соли 2030 ба 2833,7 ҳазор нафар расонида шавад, ки нисбат ба соли 2019 319 ҳазор нафар ё 12,7% зиёд аст, аҳолии соҳиби шуғл 338 ҳазор нафар зиёд мешавад. Бо баробари ин шумораи бекорон бояд ба 46,4 ҳазор нафар ё 0,9% кам шавад.

Ба ибораи дигар, шумораи захираҳои меҳнатӣ ва аҳолии бо кор таъминшуда зиёд мешавад, вале бекорӣ аз ҷиҳати назариявӣ бояд кам шавад.

Ин зарурати рушди соҳибкории шабакавиро тақвият мебахшад.

Яке аз муаммоҳои рушди соҳибкории шабакавӣ (СИС ва ССТ) ин таносуби танзими давлатӣ ва танзими фаъолияти онҳо мебошад. Агар

танзими бозор ба рушди СИС ва ССТ мусоидат намуда, халал нарасонад (монеъагии иловагӣ насозанд), аз дигар тараф танзими давлатӣ фаъолияти расмии соҳибкории шабакавиро дар асоси қонунҳо таъмин намояд.

Бояд зикр кард, ки ин, дар навбати худ, барои рушд ва такомули шаклҳои нави ташкилӣ-институтсионалии соҳаи соҳибкорӣ ва инчунин дигар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии фаъолияти инсон имкониятҳои дигареро фароҳам овардааст, ки онҳо асосан ба соҳибкории шабакавӣ (СИС ва ССТ) мутааллиқанд, ки он дар боло қайд гардидааст.

Танзими давлатӣ ва бозории рушди соҳибкории шабакавӣ ва самаранокии он нақши иқтисодии соҳибкориро дар ташаккули системаи иқтисодӣ муайян менамояд ва он бояд аз нуқтаи назари такрористеҳсолот ба инобат гирифта шавад ва як аз хусусиятҳои асосии ҳаракати иқтисодии аҳолӣ ин тағйирёбии таркибаш маҳсуб мешавад.

**Ҷадвали 2.3.6. – Таносуби аҳолии машғул аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ аз рӯи тамоми фаъолият, % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Шуғл дар бахши воқеии иқтисодиёт, % | 63,4 | 63,4 | 63,8 | 63,6 | 63,5 | 65,3 |
| Дар бахши хизматрасонӣ, % | 36,5 | 36,5 | 36,1 | 36,2 | 36,5 | 34,7 |

*Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 81.*

Бино бар маълумотҳои ҷадвали 2.3.6 метавон қайд намуд, ки ҳиссаи аҳолие, ки дар бахши воқеии иқтисодиёти вилояти Суғд фаъолият мекунанд, нисбат ба соҳаи хизматрасонӣ таҳти таъсири тағйироти институтсионалӣ дар ҳаҷми 34,7% бартарӣ дорад, аммо таҳлили амиқ нишон медиҳад, ки беш аз 65,3 %-и онҳое, ки дар бахши воқеӣ фаъолият доранд, ба соҳаи ғайрисаноатӣ рост меоянд.

Инчунин ошкор сохтани қонуниятҳои муносибатҳои иқтисодии раванди истеҳсолот, табодул, тақсимот, истеъмоли иттилоотӣ боиси пайдоиши соҳибкории шабакавӣ мегарданд ва зарурияти танзими давлатии

рушди соҳибкории шабакавӣ ба миён меояд, зеро он чун қонунҳои иқтисодӣ густариш меёбад.

Танзими бозории рушди соҳибкории шабакавӣ ва самаранокии он ба маънои «ҳукмронии иқтисодӣ» марбут мебошад.

Хусусиятҳои умумии танзими давлатӣ ва бозории рушди соҳибкории шабакавӣ ин тавр ифода мешавад:

- истифодабарӣ аз неъматҳо ва имкониятҳои васеъ додан ба корхонаҳо;

- вусъатдиҳӣ, масалан нусхабардорӣ, аз нав истеҳсол кардани моликияти зеҳнӣ, арзиши ниҳоии омода намудани нусхаи маҳсулот, ки маънои имконияти аз они худ кардани моликияти зеҳнӣ бидуни шомил шудан ба муносибатҳои корӣ бо соҳибмулкро доро аст;

- вақте ки ҳуқуқи маънавӣ дар соҳибмулк боқӣ мемонад, ҳуқуқи вусъат додан ба шахси дигар интиқол дода мешавад ва дар шароити мубодилаи бозории моликияти зеҳнӣ масъалаҳои нопурра ба шакли батартибоварӣ тасниф мегарданд;

-тақсимот кардани соҳибкории шабакавӣ аз рӯи маҳсулот ва ҳамчунин шаклҳои маҳсулот.

Самаранокии танзими давлатии рушди соҳибкории шабакавӣ дар муомилоти истеҳсолӣ, заминаи он шуда, ба амал баровада мешавад.

**Ҷадвали 2.3.7. – Хусусияти умумии таъсири рушди соҳибкорӣ ба МММ вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Нишондиҳанда | Мулоҳиза дар бораи натиҷаи ниҳоӣ | Табиати таъсир | Муайян кардани намуна (аз рӯи модел) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Муомилоти тиҷорати электронӣ | Афзоиши ММД | мусбӣ | Афзоиши 1% метавонад боиси афзоиши ММД 0,83% шавад |
| 2 | Сармоягузорӣ ба ТИК | Афзоиши ММД | Мусбӣ | Афзоиши 1% метавонад афзоиши ММД-ро ба 0,94% расонад |
| 3 | Андозаи бозори ТИК | Афзоиши ММД | Мусбӣ | Афзоиши 1% метавонад афзоиши ММД-ро ба 0,98% расонад |
| 4 | Сатҳи воридшавии телефон | Афзоиши ММД | Мусбӣ | Афзоиши 1% метавонад боиси афзоиши ММД 0,79% шавад |

**Идомаи ҷадвали 2.3.7.**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 5 | Сатҳи саводнокии компютерии аҳолӣ | Афзоиши ММД | Мусбӣ | 1% афзоиш метавонад боиси афзоиши ММД 1,34% шавад |
| 6 | Сатҳи воридшавии компютер | Афзоиши ММД | Мусбӣ | 1% афзоиш метавонад боиси афзоиши ММД 0,88% шавад |
| 7 | Сатҳи воридшавии интернет | Афзоиши ММД | Мусбӣ | Афзоиши 1% метавонад афзоиши ММД-ро ба 0,94% расонад |
| 8 | Ҳиссаи соҳибкории шабакавӣ | Афзоиши ММД | Мусбӣ | Афзоиши 1% метавонад боиси афзоиши ММД 0,84% шавад |

*Манбаъ:Таҳияи муаллиф*

Механизми танзимсозии давлатии ташаккули соҳибкории шабакавӣ ба ҳайси фармоишгар мавриди иистифода қарор гирифта, он метавонад ба сатҳ, самти маориф дар асоси дастгирии давлатии таҳсилот, маблағҷудокунии буҷавии муассисаҳои таълимӣ ва амсоли он таъсир расонад.

Бо назардошти афзоиши МММ вилояти Суғд роҳҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкории шабакавӣ (СИС ва ССТ) чунин муайян менамоем:

- дастрасии оммавии рушди СИС ва ССТ;
- дастрасии объектҳои моддии таъиноти иҷтимоӣ;
- кор бо соҳибкорон ё ширкатҳои давлатӣ.

Ҳамин тавр, таҳлили ҳолати муосир ва рушди соҳибкории шабакавӣ дар вилояти Суғди кишвар ба чунин хулосаҳо асос шуд:

1. Дар рушди иқтисодиёти кишвар соҳибкории шабакавӣ (СШ) нақши муҳимро бозида, баланд шудани рақобатпазирии иқтисодиёти кишварро таъмин менамояд. Ин дар навбати худ, сатҳи баланди некӯаҳволии кишварро таъмин мекунад. Фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар 2 шакл намоён мешавад ва амал мекунад: корхонаҳои саноатӣ-шабакавӣ (СИС) ва соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат (ССТ).

2. Соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат (СИС) ин рушди инноватсионӣ мебошад, ки ба он имконият медиҳад, ки муаммои норасоии озуқаворӣ ва базаи захиравии иқтисодиёти минтақа ва миллиро ҳал кунад.

Соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат (ССТ) фаъолияти тиҷоратӣ буда, гардиши молҳоро афзун ва такористеҳсолоти васеъро таъмин менамояд.

3. СИС ва ССТ дар оғози солҳои 70-уми асри XX дар мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (Бангладеш, Индонезия, Ҳиндустон) ба миён омадаанд. Рушди онҳо  дар иқтисодиёти вилояти Суғд ва миллӣ, ҳамчун шакли нави кӯмаки иҷтимоӣ ба ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатии бахши зиёди аҳолӣ равона шудааст.

# БОБИ 3. ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ШАБАКАВИИ ВИЛОЯТИ СУҒД ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Мукаммалгардонидании ҳамкории давлат ва тиҷорат

Такмили механизми рушди соҳибкорӣ аз мукаммалгардонидании ҳамкории давлат ва тиҷорат, васеъшавии доираи фаъолият, ҷойгиркунӣ ва амаликунии соҳибкории шабакавӣ иборат мебошад.

Мукаммалгардонидании ҳамкории давлат ва тиҷорат дар рушди соҳибкории шабакавӣ ба се равия такя менамояд:

- назарияи иқтисодии классикӣ (рақобатпазирии соҳибкории шабакавӣ чун унсури механизми бозор);
- назарияи муосири морфологияи бозор (рақобатпазирӣ);
- вусъатёбии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ва назарияи маркетингӣ (шакли он дар бозори соҳавӣ).

Такмил додани ҳамкории давлату тиҷорат дар ташаккул додани соҳибкории шабакавӣ дар асоси рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, баланд бардоштани раванди интенсивии инноватсионӣ дар мамлакатҳои пешрафта саҳми назаррас ва хосро доро аст.

Дар ин радиф, таҳлили динамикаи шумораи соҳибкорони инфиродӣ, ки воқеан фаъолият мекунанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули соҳибкории шабакавӣ зарур мебошад.

Ташаккули иқтисодиёти шабакавӣ вобаста ба марҳилаҳо панҷ давраро дар бар мегирад: марҳилаи аввал шуморида шуда, он ба зуҳури МЭҲ (мошинҳои электронии ҳисоббарор), тартиб дода шудани системаи шабакаҳои ҳисоббарор, ба вуҷудоии модели мубодилаи иттилоот марбут аст; марҳилаи дуюм буда, сохта шудани микропротсессори аввалин ва корти хотира, таҳияи консепсияи ташаккули шабакаҳои компютерӣ ба ин марҳила рост меояд; давраи сеюм равнақи низоми компютерӣ, давраи чорумро дар бар гирифта он ба охири асри XX, давраи панҷум замони муосир буда, рушди ғайриоддии корбарони интернет, ташкили сомонаи тиҷорати электронӣ аз

тариқи почтаи электронӣ яке аз падидаҳои аслии ин марҳала маҳсуб мешавад;

Назарияи иқтисодии шабакавӣ бар усули зер устувор аст. Зеро фурсатҳои номаҳдуд дар иқтисод барои истифодаи густарда аз фанновариҳои иттилоотиву мухобиротӣ иборат аст.

Дар асоси ин ба назар гирифтани хусусиятҳо ва тафаккури аҳолии ҷумҳурӣ мувофиқати раванди фаъолияти ягонаи субъектҳои саноатӣ ва савдо ба амалияи ҷаҳониро ба назар гирифтан лозим мебошад. Хусусан, дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан сода будани имконияти истифодаи технологияи иттилоотӣ, интернет имкони рушди инро таъмин менамояд. Аз тарафи "бозор ва давлат назорат ва танзим шудани фаъолият"[62] ва мавриди истифода қарор гирифтани анвои гуногуни соҳибкорӣ, аз ин қатор шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар назар дорад. Илова ба ин, имконияти истеъмолкунандагонро гуруҳбанди намудан ва истифодаи технологияи иттилоотӣ ва самаранокии он пайдо мешавад.

Шумораи соҳибкорони инфиродӣ ва воҳидҳои онҳоро дар кишвар, ки дар солҳои гуногун фаъолият бурдаанд, дар ин ҷо баррасӣ менамоем. Ин имкон медиҳад, ки хусусиятҳои сохтории соҳибкории шабакавӣ муайян кунем. Шумораи ташкилотҳо ва воҳидҳои онҳо (шахсони ҳуқуқӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои (2017-2022) дар ҷадвали 3.1.1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.1.1. – Шумораи соҳибкорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017–2022 (ҳаз.нафар).**

| Нишондиҳанда | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/ 2017 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ | 270,1 | 284,7 | 295,7 | 304,0 | 307,8 | 307,2 | 113,66 |

*Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2023. – С.238.*

[62] Хоҷаев П. Д. Таҳқиқи омилҳои асосии ба сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда / П.Д. Хоҷаев, Ш.Ф. Сулаймонзода, М.Н. Раҳимзода // Паёми политехникӣ. Бахши интеллект. Инвеститсия. Душанбе - 2022. № 3 (59) - 85-89. ISSN: 2520-2235

Аз маълумоти ҷадвали 3.1.1 бармеояд, ки шумораи соҳибкорон дар Тоҷикистон дар муддати солҳои 2017–2022 ба 13,66 % афзоиш ёфта, то ба 307,2 ҳазор нафар расонида шудааст.

Таҳлил нишон дод, ки дар солҳои 2017-2022 афзоиши шуъбаҳои аз ҷиҳати ҳудудӣ алоҳида дар вилоят нисбат ба ташкилотҳо 51,5 %-ро ташкил дода, сохтор нишон медиҳад, ки рушди мустақилият назарррас буда, соҳибкории шабакавӣ бо коҳиши теъдоди умумии ширкатҳои асосӣ, яъне субъектҳои соҳибкории минтақа афзоиш ёфтааст.

Фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ҳамоҳангии давлату тиҷорат талаб менамояд, ки хусусиятҳои ба ҳам монандро дар бар мегиранд:

- вобастагии ҷанбаҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ;
- маълумоти нокифояи объекти хост;
- хусусияти истифодаи захираҳои инноватсионӣ.

Дар баъзе кишварҳо бо сабаби гуногуни иқтисодӣ, маблағгузории гуногун ба назар мерасад. Масалан дар Австрия, Олмон, Корея ва ИМА сармоягузорӣ ба заминаи илмӣ-таҳқиқотӣ зиёд шудааст.

Дар баъзе кишварҳо баръакс паст шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҷараён номуътадил мебошад. Ин ҳолат ба баланд бардоштани самаранокии механизми рушди соҳибкории шабакавӣ таъсир менамояд.

Дар асоси он механизми мукаммалгардонидани ҳамкории давлат ва тиҷорат дар рушди соҳибкории шабакавӣ коркард шудааст.




Расми 3.1.1. – Механизми мукаммалгардонидани ҳамкории давлат ва тиҷорат дар соҳибкории шабакавии вилояти Суғд
*( таҳияи муаллиф)*

Ба фикри мо мазмуни мукаммалгардонидании ҳамкории давлат ва тиҷорат дар соҳибкории шабакавӣ таъсиси сохторҳои ташкилиро пешбинӣ менамояд.

Ҳамкории давлат ва тиҷорат дар рушди соҳибкории шабакавӣ ба гирифтани ҳам фоидаи иҷтимоӣ, ҳам иқтисодӣ аз маҳсулоти зеҳнии истеҳсолшуда имкон медиҳад, зеро давлат яке аз кафилҳои маҳсулотҳои имконпазири ҷамъиятии муҳити инноватсионӣ, мобилӣ, чандирнок ва тиҷоратӣ мебошад, ки барои ба ҳадди аксар расонидани маҳсулотҳои иқтисодии инноватсионӣ имкон медиҳад. Банақшагирии ҳамгироии

механизмҳои бозорӣ дар сохтори мушаххаси ташкилӣ, самти дурнамои рушди низоми инноватсионӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, такмил додани механизми ҳамкории давлат ва тиҷорат дар соҳибкории шабакавӣ, зарурияти ташкили низоми инноватсионии иқтисодиёти миллӣ, зиёд гардидани миқдори корхонаҳои саноатӣ, ки бо ширкати фаъолонаи давлат рушд менамояд ва тиҷорат басо пешқадаму комёб сурат мегирад.

Такмилу танзим сохтани механизми ташаккули соҳибкории шабакавӣ дар Ҷумҳурӣ дар низоми тиҷоратии ширкатҳои инноватсионӣ дар асоси ҳамкории иттилоотӣ, молиявӣ, ташкилӣ, ҳавасмандкунии инфиродӣ, ҳамгироӣ, иштироки муассисаҳои давлатии илмӣ-тадқиқотӣ намоён мешавад.

**Ҷадвали 3.1.2. – Динамикаи миқдори корхонаҳо ва шумораи кормандон**

| **Нишондиҳанда** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2022/ 2017%** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| Миқдори корхонаҳои саноатӣ (воҳид) | 597 | 633 | 657 | 693 | 733 | 860 | 144,7 |
| Тағйирёбӣ бо % | 98,8 | 106,0 | 103,7 | 105,5 | 105,8 | 117,3 | - |
| Шумораи солона ба ҳисоби миёнаи кормандони корхона (нафар) | 32068 | 28286 | 35091 | 33236 | 32486 | 32700 | 101,9 |
| Тағйирёбӣ бо % | 196,3 | 88,2 | 124 | 94,7 | 97,7 | 100,6 | - |
| Миқдори корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ (воҳид) | 63474 | 66180 | 66734 | 67302 | 67023 | 68116 | 107,3 |
| Тағйирёбӣ бо % | 106,4 | 104,2 | 121,1 | 100,8 | 99,6 | 101,7 | - |
| Шумораи корхонаҳои хадамоти маишӣ | 163 | 142 | 125 | 97 | 105 | 101 | 61 (-39) |
| Тағйирёбӣ бо % | 92,0 | 87,1 | 88,0 | 77,6 | 108,2 | 0,96 | - |
| Шумораи кормандони хизматрасониҳои маишӣ (нафар) | 724 | 559 | 547 | 665 | 761 | 767 | 105,9 |
| Тағйирёбӣ бо % | 94,2 | 77,2 | 97,8 | 121,6 | 114,4 | 100,7 | - |
| Миқдори корхонаҳои савдои чакана | 4871 | 4817 | 5282 | 5406 | 6338 | 4820 | 98,9 (-1,1) |
| Тағйирёбӣ бо % | 103,0 | 98,8 | 109,6 | 102, | 117,2 | 0,76 | - |

**Идомаи ҷадвали 3.1.2.**

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи фурӯшандагон ба ҳисоби миёна дар як рӯз, (ҳазор нафар) | 20,3 | 20,0 | 19,8 | 19,9 | 19,2 | 19,3 | 95 (-5) |
| Тағйирёбӣ бо % | 106,8 | 98,5 | 99,0 | 100,5 | 96,5 | 1,005 | - |

*Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд 2023. – С.179, 192, 349, 343.*

Такя бар маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, дар муддати солҳои 2017-2022 миқдори корхонаҳои саноатӣ 44,7 % афзудааст ва инчунин, дар ин давра шумораи кормандон 1,9% зиёд шудааст, ки рушди соҳибкории шабакавиро инъикос месозад.

Дар соҳаҳои иқтисодиёт тағйироти сохтори иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳаҷми иқтидори меҳнатӣ ин натиҷаи дигаргуниҳои институтсионалӣ маҳсуб мешавад, ки дар кишоварзӣ шумораи куллии корхонаю ташкилотҳо 7,3% зиёд шудааст. Бо сабабҳои маълумот иттилооти оморӣ мавҷуд набудан шумораи кормандони соҳаи кишоварзиро муайян кардан хеле мушкил буда, дар муассисаҳои хизмати маишӣ миқдори корхонаҳо 39 % коҳиш ёфта, шумораи коргарон 5,9% зиёд гаштааст.

Рушди соҳибкории шабакавӣ ва таъсири бозори меҳнат ба он дар асоси маълумоти омории ҷадвали 3.1.3 тасниф ва ҳисоб шуда, натиҷаи ҳар як нишондиҳандаи соҳибкорӣ низ дар поён нишон дода мешавад:

**Ҷадвали 3.1.3. – Пешгӯии нишондиҳандаҳои бозори меҳнат ва соҳибкории вилояти Суғд дар солҳои 2024-2026**

| Нишондиҳандаҳо | Давра ва нишондиҳандаҳои воқеӣ | | | | | | | Давра ва нишондиҳандаҳои пешгӯйишаванда | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 |
| Шумораи умумии шахсони қобили меҳнат (ҳазор нафар) | 807,2 | 815,8 | 829,0 | 852,9 | 890,6 | 892,1 | 920,6 | 941,1 | 961,4 | 981,8 |
| Шумораи бекорони расмӣ (нафар) | 9652 | 8118 | 8940 | 7906 | 7823 | 7050 | 6944 | 6559 | 6173 | 5787 |
| Миқдори корхонаҳои саноатӣ | 597 | 633 | 657 | 693 | 733 | 860 | 795 | 828 | 862 | 895 |

*Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – Душанбе, 2023. – С. 79, 91, 179. Арзёбии муаллиф дар асоси истифодаи модели интегралӣ*

Таҳлили ҷадвали 3.1.3 пешгӯйии нишондиҳандаҳои бозори меҳнат ва соҳибкории вилояти Суғд тағйирёбии сохтори иқтидори меҳнатӣ ва шуғли аҳолии минтақа аз 892,1 ҳазор нафар (с.2022) то 981,8 ҳазор нафар (с. 2026) дар асоси маълумоти оморӣ нишон медиҳад. Сохтори иқтидори меҳнатӣ ва шуғли аҳолии Тоҷикистон ва минтақаҳо дар асоси маълумотҳои оморӣ муайян мегардад, ки афзоиши ҳиссаи онҳое, ки дар соҳаи инноватсия ва хизматрасонӣ машғуланд, ба назар мерасад, ки ин ба рушди инфрасохтори соҳибкорӣ низ мусоидат менамояд ва дар соли 2022 сохтмони чунин иншоот ба итмом расидааст**:** 1382 корхонаи саноатӣ бо 15 ҳазор ҷойи корӣ; 2800 корхонаи саноатӣ бо 85 ҳазор ҷойи корӣ; беш аз 500 корхонаҳои истеҳсолӣ бо 6 ҳазор ҷойи нави корӣ; то 43 млрд сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ.

Олими шинохтаи ватанӣ Фақеров Ҳ.Н. қайд менамоянд, ки “раванди воридшавии шакли савдои инфросохтори шабакавӣ якбора шиддат ёфт”. [63]

Дар натиҷа маҳсулотҳо ё хизматрасониҳои саноатии якшакла, ҳатто дар ҳолати монандии пурраи онҳо аз тарафи сифат ва нарх, аз тарафи истеъмолкунандагон ҳамчун ивазкунанда қабул карда намешавад, балки ҳамчун аъло баррасӣ мешавад.

Дар заминаи андешаҳои болоӣ тағйирёбии ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат (СИС) ва соҳибкории истеҳсолӣ дар тиҷорат (ССТ) дар вилояти Суғд муайян ва муқаррар карда шуд.

---

[63] Фақеров Ҳ.Н. Рушди соҳибкории тиҷоратӣ дар савдои чакани шаҳри Душанбе: вазъияти муосир ва дурнамо / Ҳ.Н. Фақеров, Қ.Қ. Толибов / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе -2020. №4/1 (33). с- 204-112. ISSN 2308-054X.

**Ҷадвали 3.1.4. – Тағйирёбии ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Сари 2022 / 2017 ва 2020 %. | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2018 | 2021 |
| Шумораи корхонаҳо | 597 | 633 | 657 | 733 | 860 | 122 | 105,7 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархи соли 2020) млн. сомонӣ | 11860,8 | 12560,6 | 13967,4 | 16216,2 | 21064,8 | 129,8 | 129,8 |
| Шумораи миёнаи солонаи ҳайати истеҳсолии саноатӣ, нафар | 32068 | 28286 | 35091 | 33236 | 32486 | 101,3 | 97,7 (-3) |
| Шумораи коргарон | 27228 | 23525 | 24771 | 25539 | 27776 | 102,0 | 108,7 |
| Ҳаҷми махсулоти саноатӣ ба ҳар сари ҳайати истеҳсолии саноатӣ (сомонӣ) | 369864,0 | 444057,1 | 398033,6 | 487910,7 | 648427,0 | 175,3 | 132,8 |
| Ҳаҷми махсулоти саноатӣ сари ҳар коргар (сомонӣ) | 435610,4 | 533925,6 | 563861,0 | 634958,3 | 758381,3 | 174 | 119,4 |
| Шумораи ҳайати истеҳсолии саноатӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар як корхона | 54 | 45 | 53 | 48 | 44 | 81 (-19) | 91 (-9) |
| Шумораи коргарон ба ҳисоби миёна ба ҳар як корхона | 46 | 37 | 38 | 37 | 38 | 82 (-18) | 102,7 |

*Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон . Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – Душанбе, 2023. – С.11,23.67,235.*

Таҳлил барои муайян намудани нишондиҳандаи интизорӣ ва тағйирёбандаҳои омилӣ дар рушди ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғдро дод.

Ҷадвали 3.1.5. – **Нишондиҳандаҳои динамикии ҳаҷми маҳсулоти саноатии вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаи интизорӣ ва тағйирёбандаҳои омилӣ дар рушди ҳаҷми маҳсулоти саноатии вилояти Суғд | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Солҳо** | Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархҳои соли 2022) (млн.$) Y | Шумораи корхонаҳо X1 | Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, (нафар) X2 | Воридот (млн.$) X3 | Бакордарории фондҳои асосӣ аз рӯи шаклҳои моликият (млн.$) X4 | Ҳаҷми маблағи корхонаҳои саноатӣ (дар охири сол, млн.$) X5 |
| 2001 | 728,0784 | 237 | 31093 | 27,7164 | 2,0000 | 237 |
| 2002 | 667,7667 | 229 | 29837 | 10,5547 | 2,2667 | 229 |
| 2003 | 813,7663 | 220 | 28768 | 7,8741 | 1,7250 | 220 |
| 2004 | 845,2749 | 224 | 28581 | 19,4524 | 1,3171 | 224 |
| 2005 | 968,9148 | 217 | 26518 | 22,636 | 1,3128 | 217 |
| 2006 | 777,4697 | 219 | 24527 | 20,6287 | 1,8970 | 219 |
| 2007 | 828,047 | 228 | 23439 | 16,7466 | 3,4344 | 228 |
| 2008 | 805,4115 | 233 | 21059 | 31,5282 | 12,6018 | 233 |
| 2009 | 620,7962 | 464 | 18058 | 135,4041 | 8,1675 | 464 |
| 2010 | 853,6634 | 461 | 18895 | 97,2306 | 17,6921 | 461 |
| 2011 | 821,6875 | 470 | 26118 | 108,0733 | 12,9873 | 470 |
| 2012 | 964,2977 | 459 | 27270 | 287,293 | 29,6575 | 459 |
| 2013 | 1040,4978 | 550 | 26600 | 178,2711 | 10,0145 | 550 |
| 2014 | 1070,585 | 566 | 22500 | 122,3762 | 14,3909 | 566 |
| 2015 | 1043,3237 | 698 | 28746 | 178,7808 | 28,5308 | 698 |
| 2016 | 1252,8177 | 604 | 30156 | 171,9217 | 37,2251 | 604 |
| 2017 | 1471,3363 | 597 | 32068 | 163,1501 | 130,2653 | 597 |
| 2018 | 1457,2513 | 633 | 28286 | 111,5395 | 22,3566 | 633 |
| 2019 | 1577,3738 | 657 | 35091 | 67,7235 | 23,8626 | 657 |
| 2020 | 1569,9578 | 693 | 33236 | 87,4418 | 49,1525 | 693 |
| 2021 | 2039,3709 | 733 | 32486 | 74,9964 | 37,7091 | 733 |
| 2022 | 24326,3 | 860 | 32700 | 74,9964 | 37,7195 | 756 |

*Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – Душанбе, 2022. – С.11,23.67,235.,Вазъи иҷтимоию-иқтисодии Д,2022.-С-164, Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд 2023. – С.179*

Аз руйи пешгуфтаҳо тағйирёбии ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ ва нишондиҳандаи интизорӣ ва тағйирёбандаҳои омилӣ дар рушди ҳаҷми маҳсулоти саноатии вилояти Суғд, барои соли 2022 муодилаи регрессионии бисёромила рушди соҳибкории шабакавӣ сохта шудааст:

$$y = -18716{,}3 + 45{,}37 * x_1 + 0{,}407 * x_2 + 4{,}390 * x_3 + 0{,}007 * x_4 + 7{,}016 * x_5 \quad (3.1.1)$$

коэффитсиенти коррелятсия ба 0,9069
коэффитсиенти детерминатсия ба 0,8226

Ин ба афзоиши доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ оварда мерасонад. Дар оянда тамоюлҳои тараққии иқтисодиёти кишвар ва дигаргуниҳои дохили минтақаҳои ҷумҳуриро пешакӣ муайян мекунад.

Талаботҳои устувори истеъмолкунандагон, робитаҳои устувори "корхона - муштарӣ" ташаккул меёбад, ин ҳолат баромадани соҳибкорони соҳибкории шабакавиро ба бозорҳои нави номаълум мураккаб мегардонад.

Фарқи сифати маҳсулоту хизматрасонӣ, ҳамчунин беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон дар назди корхонаҳо масъалаи хеле муҳим, яъне муайян намудани меъёрҳои сифати маҳсулоти саноатиро пеш меорад.

Дар асл, дар ин ҷо ду равиш имконпазир аст:

- аз нуқтаи назари мизоҷон;
- аз нуқтаи назари корхонаҳо.

Механизми ҳамкории давлату тиҷорат ва ворид шудан ба иқтисодиёти шабакавии глобалӣ дар мисоли фаъолияти ширкати «Амид» аз ҷиҳати менеҷмент ва маркетинг арзёбӣ шудаанд.

Ҷараён ва усули арзёбии омилҳои ташкилии васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавии ширкати «Амид» дар поён нишон дода шудааст.

Системаи ҳисоботи дохилии корхонаи саноатӣ, бояд ба инъикоси пурраи раванди истеҳсолӣ, иттилоотии кории ҷорӣ дар бораи фаъолияти корхона, сатҳи кори дохилии он равона шавад. Дар байни сарчашмаҳои иттилооти дохилӣ бояд инҳо ҷудо карда шавад: ҳисоботи оморӣ, ҳисоботи муҳосибӣ,

натиҷаҳои таҳқиқотҳои дохилӣ, санадҳои тафтиш ва санҷишҳо, намудҳои гуногуни маълумот.

Маълумоти беруна ва системаи ҷамъоварии он перомуни рақибони сохтори шабакавӣ, ҷамъшавии маълумотҳои гуногун оиди вазъият дар ҳамаи бозорҳо, хусусан онҳое, ки дар он корхонаи мавриди назар амал карда, дар бораи ҳамаи субъектҳои муносибатҳои бозорӣ, яъне рақибони саноатии мавҷуда ва эҳтимолӣ, мизоҷон ва дигарҳо, ҳолати ташкилӣ-техникии баландбардории рақобатпазирӣ, омилҳои макромуҳитро низ пешбинӣ менамояд.

Маълумоти ибтидоии берунаро аз сарчашмаҳое ба мисли тадқиқи бозори фурӯши маҳсулоти саноатӣ, воситаҳои ахбори омма, шабакаи интернет, ҳисоботи солонаи нашргардида, ҳисоботи оморӣ, нашрияҳои даврӣ, маълумотномаҳо ва мисли инҳо ба даст овардан мумкин аст.

Мукаммалгардонидании ҳамкории давлат ва тиҷорат дар самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ дар ширкати «Амид» бо вазъи мушаххаси корхонаи шабакавӣ муайян карда мешавад.

Дар сурате, ки роҳбарияти сохтори шабакавӣ ба системаи ҳисоботи дохилӣ ва ҷамъоварии иттилооти беруна такя карда наметавонад, корхонаи саноатӣ хароҷоти молиявиро ба низоми таҳқиқотҳои маркетингӣ зиёд мекунад, ё ин ки одатан бо муаммои худ ба ташкилотҳои махсуси машваратӣ муроҷиат мекунад.

Ҳангоми ҳалли ин мушкилот, системаи меъёрҳои корхонаҳои шабакавӣ ҷои махсусро ишғол менамояд, ки вазоратҳои соҳавӣ ҳамчун замина дар бисёр усулҳо истифода мешавад:

- меъёри кифоягии сармояи корхонаи саноатӣ;
- меъёри бозоргирии молҳои корхонаи саноатӣ;
- меъёри андозаи ҳадди аксари авфи корхонаи саноатӣ.

Барои амалӣ намудани тартиби ягонаи чунин арзёбӣ дастур "Оид ба тартиби баҳодиҳии фаъолияти корхонаи саноатӣ" коркард шудааст, ки ба баҳодиҳии заминаи моддию-техникӣ асос ёфтааст. Ин система дар бисёр

соҳаҳо истифода мешавад ва дар соҳаи бонкӣ машҳур аст, вале онро барои баҳодиҳии рақобатпазирии соҳибкории шабакавӣ низ истифода бурда метавонем.

Дар шимоли кишвар, яъне вилояти Суғд, таъсири соҳибкорӣ бар соҳибкории шабакавӣ дар умури молӣ ва бонкӣ қобили таввачуҳ аст, дар анҷоми амалиётҳои мухталиф бо истифода аз фанноварии электронӣ бо муваффақият аз он истифода мешавад ва бояд гуфт ки шаклгирии бозори кортҳои пардохт бонкӣ дар қаламрави кишвари минтақаи Суғд яке аз шартҳои муҳим барои ҳали мушкилот буда, пардохтҳои ғайринақдӣ барои коҳиши ҳаҷми пардохти нақдӣ ва ба таври куллӣ дар соҳибкории шабака дар назар гирифта мешавад.

Аз ин сабаб, бонки миллии Тоҷикистон дар манотиқ ба ҳамроҳи созмонҳои эътибории молии иқдомоти хосиро барои ҳалли мушкилоти тавсеаи соҳибкории шабакавӣ, густариши истифода аз кортҳои пардохти бонкӣ дар савдои чакана ва қабули онҳо барои хизматрасонии пардохти молу маҳсулот чораҳои мушаххас роҳандозӣ кардаанд.

Мувофиқи ин низом таснифи ҳамаи молҳо ва хизматрасониҳои сохтори шабакавӣ ва таъсири омилҳои гуногун дар маҷмӯъ ба самаранокӣ сурат мегирад.

Мукаммалгардонидании ҳамкории давлат ва тиҷорат ва самаранокии амалии менеҷмент бо система зоҳир мешавад, ки дар рейтинг оид ба истеҳсоли номгӯйи маҳсулот ва татбиқи он дар соҳибкории шабакавии ширкати «Амид» асос ёфтааст, ки дар ҷадвали 3.1.6 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.1.6. – Рейтинги истеҳсоли номгӯйи маҳсулот СИС ширкати «Амид» ва татбиқи он**

| Ҳолати корхона | Рейтинг |
|---|---|
| Пойдор | аз 1 то 1,2 |
| Қаноатбахш | аз 1,21 то 1,49 |
| Миёнаҳол | аз 1,5 то 2,49 |
| Ниҳоӣ | аз 2, то 3,50 |
| Ғайриқаноатбахш | зиёда аз 3,5 |

*Маълумоти фаврии ширкати «Амид»*

Кофӣ будани сармояи корхонаи шабакавии ширкати «Амид» ҳамчун нишондиҳандаи миёнаи ду коэффисиентҳо ҳисоб карда мешавад:

а) кофӣ будани сармояи шартӣ, ки бо назардошти хавфи дороиҳо санҷида мешавад;

Ин нишондиҳанда ҳамчун таносуби сармояи шартии умумӣ ба дороиҳо ҳисоб карда мешавад, ки бо назардошти хавф санҷида мешавад. Таҳлили минбаъда нишон медиҳад, ки чӣ қадар хол барои ин ё он нишондиҳандаи ин коэффитсиент корхонаи шабакавии ширкати «Амид» ҳисоб карда мешавад.

б) кофӣ будани сармояи оинномавӣ.

Ин нишондиҳанда, ҳамчун таносуби сармояи шартии умумии сармояи зеҳнии шабакавии ширкати «Амид» ба дороиҳои умумӣ ҳисоб карда мешавад. Ҷадвали минбаъда нишон медиҳад, ки чӣ қадар хол барои ин ё он нишондиҳандаи ин коэффитсиент ҳисоб карда мешавад.

Ҳисоби кофӣ будани сармояи саноатӣ ва қисмҳои иқтидори саноатии вилояти Суғд бо назардоштӣ коэффитсиенти он дар мақолаи роҳбари илмии муаллиф Исмоилов М.М. нишон дода шудааст.[64] Бо истифодаи натиҷаи он мо коэффитсиенти кофӣ будани сармояи корхонаи саноатии ширкати «Амид» ҳисоб карда метавонем:

$$К_{к.с.} = К_o * 100/A_o \qquad (3.1.2)$$

ки дар ин ҷо:

$К_{к.с.}$– кофӣ будани сармояи корхонаи саноатӣ;

$A_o$– дороиҳои умумии корхонаи саноатӣ;

$К_o$ – сармояи умумии корхонаи саноатӣ.

Формулаи мазкур танҳо бо мақсади арзёбии рейтинги корхонаи саноатии ширкати «Амид» истифода мешавад.

Пас аз ҳисоби ҳар дуи ин нишондиҳанда тибқи ҷадвали холҳо ҳисоб карда мешавад.

Сифати дороиҳои корхонаи шабакавии ширкати «Амид» ҳамчун

[64] Исмоилов М.М. Анализ промышленного потенциала в экономике Согдийской области республики Таджикистан/ М. М. Исмоилов, Ш. М. Исмоилов, Д.И. Файзиева // Вестник Таджикского ггосударственного ууниверситета ккоммерции. Душанбе 2022. №3( 42)-С. 168-174. ISSN 2308-054X.

нишондиҳандаи миёнаи ду коэффисиентҳо ҳисоб карда мешавад:

а) таносуби фонди талафоти имконпазир аз истеҳсоли ғайристандартии моли ғайримеъёрӣ ба сармоя.

б) ҳаҷми молҳои ғайримеъёрӣ дар маҷмӯи молӣ.

Пас аз ҳисоб шудан ҳар дуи ин нишондиҳанда, тибқи ҷадвал холҳо ҳисоб мешаванд, нишондиҳандаи миёнаи онҳо бо роҳи тақсимот ба 2 (ду) суммаи ин хол ҳисоб карда мешавад.

Менеҷменти корхонаи шабакавии ширкати «Амид» ҳамчун нишондиҳандаи миёнаи ду коэффитсиентҳо ҳисоб карда мешавад:

а) коэффитсиенти хатогиҳо ба як бастаи мол.

Ин коэффитсиент ҳамчун таносуби микдори хатогиҳо ва вайронкуниҳои дар рафти тафтиши фаъолияти корхонаи шабакавии ширкати «Амид» ошкор шудаанд.

б) коэффитсиенти хатогиҳои ошкоршуда бо афзалиятҳои баланд ва миёнаи корхонаи шабакавии ширкати «Амид».

Мукаммалгардонидании ҳамкории давлат, тиҷорат, самаранокии менеҷмент дар рушди истеҳсолот ва ҳаҷми он дар соҳибкории шабакавӣ ширкати «Амид» инъикос шудааст.

Шароитҳои мукаммалгардонидании ҳамгироии соҳибкории шабакавӣ дар вилоят ва ҷумҳурӣ, ин шахсӣ-психологӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ташкилотӣ мебошад.

*Шароити шахсӣ-психологӣ* аз майли менеҷер-соҳибкор дар пурзӯргардонии потенсиали идоракунии худ; аз татбиқи ҳавасмандӣ ба тақсимоти масъулият; аз қобилияти назардошти ақидаҳои зарурӣ ва кори даставӣ иборат аст.

*Шароити иҷтимоӣ* бо ҳолати махсуси муҳити берунаи соҳибкорӣ алоқаманд аст: ниёз ба ҳимояи корхонаи шабакавӣ аз рақибон; ниёз ба ҳимоя аз ҷиноят; ниёз ба устувор нигоҳдории манфиатҳои худ дар назди мақомотҳои давлатӣ ва ғайра.

*Шароитҳои ташкилӣ* бо мавҷудияти ҳамкорони муносибу мувофиқ ва потенсиалӣ; бо имконниятҳои амалигардонии мубодилаи иттилоотӣ ва нақлиётӣ; бо мавқеи ҳудудӣ ва дастрасии объектҳо ва ғайраҳо алоқаманд аст.

*Шароити иқтисодӣ* бо пойдорӣ ва устувории молиявӣ, афзоиши иқтисодӣ, рақобат ва монанди инҳо алоқаманд аст:

Мукаммалгардонидании алоқамандии соҳибкории шабакавиро дар соҳибкорӣ, дар заминаи нуктаҳои зерин дида мешавад:

1. Интихоб ва таҳлили маълумотҳо оид ба шароити иҷтимоӣ-иқтисодии соҳиби корхонаи шабакавӣ;
2. Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот оид ба хатарҳои ба иҷтимоиёт нигаронидашудаи муҳити берунаи фаъолият гузаронидан мақсаднок аст.

Шартҳои пешакӣ андак заифтар бошанд, кӯшиши пурзӯршавӣ ба назар нарасад, ин нишонаи он аст, ки фаъолияти ҳадафнок барои ҳамгироии соҳибкории шабакавӣ мавҷуд нест, аммо шартҳои пешакӣ миёна ё пурқувват, ҳаракат ба пурзуршавӣ дошта бошанд, пас ҳадафнокии шиддатноки ҳамгироии соҳибкории шабакавӣ ба миён меояд.

Асоси пурраи муносибати дутарафа ваъзи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, зеро дарки мақсадҳои асосии тиҷорати шабакавӣ, ба монанди самаранокии иқтисодӣ, пойдорӣ ва рушд аз он вобаста мебошад. Бинобарон агар шароити иқтисодӣ ва (ё) иҷтимоӣ пурқувват ва (ё) ҳаракат ба пурзуршавӣ ба назар расад, пас аз назар гузаронидани вариантҳои ҳамгироии соҳибкории шабакавӣ бо коркарди иловагии маҷмӯи чорабиниҳо тибқи фаъол сохтани унсурҳои заифи маҷмӯи шароитҳои пойгоҳӣ мақсаднок ҳисобида мешавад.

Проблемаи мукаммалсозии алоқамандии соҳибкории шабакавӣ ва стратегияи он бояд чунин амалӣ карда шавад:

- Бизнес-нақшаи маҳаллии ҳамкори шабакавӣ;
- Соҳибкорӣ ва бизнес-нақшаи ҳамаҷонибаи он;
- ҳамаи бизнес-нақшаҳои маҳаллӣ ва муттаҳидсозӣ ва пайвастсозии он.

Асоси фоидаи умумӣ аз ҳамгироии соҳибкории шабакавӣ дар соҳибкорӣ инҳо ба ҳисоб мераванд:

- ташкил намудани фазои ягонаи иттилоотӣ;
- ташкил намудани фазои ягонаи технологӣ ва истеҳсолӣ;
- ташаккули сиёсати тиҷоратии умумӣ;
- сайқал додани сатҳи касбӣ ва ҳавасмандии коргарон мебошад.

Қобили қайдаст, ки дар солҳои 2017-2022 шумораи корхонаҳои саноатӣ ба 17,3 фисад ва шумораи коргарон 13,2 фоиз афзун шуда, онҳо асосан бо фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ширкат мекунанд ва муайянсозии шумори аниқи коркунони соҳаи кишоварзӣ аз сабаби дар маҷмуаҳои оморӣ мавҷуд набудани маълумотҳо мушкил буда, дар соҳаи хизмати маишӣ, дар соҳибкории шабакавӣ бештар мавриди истифода қарор мегирад, шумори корхонаҳо 31,4 фоиз шумораи коргарон 22,7 фоиз коҳиш ёфта, инчунин теъдоди тиҷорати чакана тавассути соҳибкории шабакавӣ 57,7 афзоиш ёфтааст, теъдоди савдогарон ба ҳисоби миёна дар як рӯз 1,04 фисад коҳиш ёфтааст.

Номутаносиб будани шумори корхонаҳо, теъдоди коргарон ба ташаккули иқтисоди минтақаи Суғд таъсир расонида, боиси номутавозуниву нобаробарӣ мегардад ва ба ин васила самараи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ дар рушди иқтисоди вилоят коҳиш меёбад.

Дар соҳибкории шабакавӣ субъектҳои хоҷагидорӣ аз захираҳои меҳнатии вилояти Суғд истифода мебаранд, ки имкони тағйири теъдоди миқдории онҳоро вобаста ба шароити бозор талабот ба тиҷорати электронӣ дошта, онҳо ба шароити доимо тағйирёбандаи бозори мол устуворанд, ки дар ҳолатҳои муайян имконияти воридшавӣ ба иқтисодиёти пинҳонӣ вуҷуд дорад ва бинобар он аҳаммияти иқтисодии соҳибкории шабакавӣ дар иқтисодиёти минтақа бештар ба захираҳои меҳнатӣ, шуғли аҳолӣ марбут мебошад.

Самараи иқтисодии ҳамгироии соҳибкории шабакавӣ дар соҳибкорӣ:

- кооператсияи саноатӣ, имкони истифодаи пойгоҳи моддӣ-техникии соҳибкории шабакавӣ;
- коҳиши хароҷот ва навсозии техника, технология;
- таъсиси шарикии дарозмуддат ва баланбардории самаранокии таъминоти манбавӣ дар консентратсияи корҳо;
- коҳиши хароҷот ва ғ.;
- баланбардории самаранокии вазифаҳои идоракунӣ аз ҳисоби тақсимоти меҳнат, хусусигардонӣ, ҷалби ташкилотҳои махсус, истифодаи таҷрибаи шарикон;
- баландбардории самаранокии фаъолият аз ҳисоби консентратсияи он ва тақсимоти меҳнат;
- баланбардории эътимоднокии иҷрои вазифа ҳам дар вақт ва ҳам дар фазо.

Дар асоси формулаи Асаул А.Н. [65] мукаммалгардонӣ аз ҳамгироии соҳибкории шабакавӣ (МҲСШ) ва мутобиқан самаранокии соҳибкориро (СС) дар шакли чунин пешниҳод менамоем:

$$МҲСШ = C^{си}{}_{сс} + C^{ск}{}_{сс} + C^{см}{}_{сс} + C^{си}{}_{сс} + C^{св}{}_{сс} + C^{сф}{}_{сс} \qquad (3.1.3)$$

ки дар ин ҷо:

$C^{си}{}_{сс}$ – натиҷаи истифодаи инноватсияҳо;

$C^{ск}{}_{сс}$ – натиҷаи истифодаи кооператсияшавӣ;

$C^{см}{}_{сс}$ – натиҷаи истифодаи манбаҳо;

$C^{си}{}_{сс}$ – натиҷаи идоракунӣ;

$C^{св}{}_{сс}$ – натиҷаи иҷрои вазифаҳо;

$C^{сф}{}_{сс}$ – натиҷаи фуруши мол.

Мукаммалгардонидании ҳамгироии соҳибкории шабакавӣ ба васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ва инкишофи соҳибкорӣ мусоидат мекунад, ки самаранокии онро дар вилоят ва ҶТ дар умум баланд мебардорад.

Ҳамин тавр, соли 2022 сиёсати молӣ ба фаъолона зиёдкунии

[65] Асаул А.Н. Методологические аспекты формирования и развития предпринимательских сетей/ Под ред. д. э. н., проф. А. Н. Асаула. — СПб.: «Гуманистика», 2004. -С. 195-196.

ҳосилнокии меҳнат ва истеҳсоли маҳсулот, нигоҳдорӣ ва зиёдкунии мизоҷон равона шуда буд, ки барои ворид шудан ба иқтисодиёти шабакавӣ-глобалӣ асос мебошад.

## 3.2. Васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ва танзими давлатии он

Васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ дар иқтисодиёти вилоят дар оянда тамоюлҳои тараққиёти иқтисодиёти кишвар ва дигаргуниҳои дохили минтақаҳои ҷумҳуриро пешакӣ муайян мекунад.

Вусъати доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ба принсипҳои дар поён овардашуда асос меёбад:

- технологияи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ва ба қадри имкон дар соҳаи савдо истифодабарии онҳо;

- фаъолияти воҳиди субъектҳои савдо, ки бо таҷрибаи ҷаҳонӣ мувофиқ бошад;

- интернет ва муносибати муқаррарӣ ва шароити истифодаи технологияи иттилоотӣ дар он;

- назорати савдо аз тарафи бозор, аз ҷониби давлат;

-шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар истифодаи шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ;

- самаранокии истифодаи технологияи иттилоотӣ ва гурӯҳбандии истеъмолкунандагон.

Пешгуйӣ ва васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории кишвар зери таъсири шаклҳои инноватсионии соҳибкорӣ дар соҳаи шабакавӣ ин ҷараёни таъминкунандаи рақобат дар бозори истеҳсоли маҳсулот ва шароити ба фурӯш баровардани мол дар шароити мусоид ва имкониятҳои ба даст овардани ҳиссаи ҳадди аққали бозор.

Пешгуйӣ ва вусъати доираи фаъолияти соҳибкории шабакавиро бо се равиш муайян кардан мумкин аст:

**Равиши якум**: рақобатпазирии соҳибкории шабакавӣ ҳамчун унсури механизми бозор муайян гардида, мувозинат, талабот ва пешниҳодро нигоҳ медорад. Чунин равиш барои назарияи иқтисодии классикӣ хос аст.

**Равиши дуюм**: рақобатпазирӣ ва механизми ташкилӣ-техникии баланд бардоштани рақобатпазирии соҳибкории шабакавӣ ҳамчун меъёре тавсиф карда мешавад, ки дар солҳои гуногун ва шакли он дар бозори соҳавӣ муайян карда мешавад. Равиши мазкур бо назардошти назарияи муосири морфологияи бозор бунёд ёфтааст.

**Равиши сеюм:** рақобатпазирии соҳибкории шабакавӣ ҳамчун мусобиқа, рақобати субъектони алоҳида пешбинӣ мешавад, ки дар самти расидан ба мақсадҳои якхела нигаронида шудаанд. Чунин равиш барои назарияи маркетингӣ хос аст.

Алгоритми пешгуйӣ васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ро дар кишвар муайян менамояд.




Расми 3.2.1.- Алгоритми пешгуйӣ ва васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ

*Таҳияи муаллиф*

Алгоритми пешгуйӣ ва васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ дар кишвар чунин ҷанбаҳои худро дорад:

1. Пешгуйӣ ва вусъати доираи фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамкории иттилоотӣ-таълимӣ:

- ҳамкорӣ намудан бо дигар мамлакатҳо оид ба мубодилаи технология;

- дастури махсуси пур кардани маълумот ва пешниҳод намудани иттилоот барои иштирокчиёни инноватсионӣ;

2. Пешгуйӣ кардан ва вусъат бахшидани фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи молия:

- маблағгузории буҷавии инноватсионии корхонаҳо, грантҳо, қарзҳои имтиёздор ва дигар барномаҳои молиявӣ;

- фаъолияти "инноватсионии" [66] корхонаҳо ва дастгирии молиявии он;

- андозҳои фаъолияти инноватсионии "СИС ва ССТ" [67] ва имтиёзҳо;

-мусоидат ба истифодаи технологияи инноватсионии корхонаҳои тиҷоратӣ;

-мусоидат ба фаъолияти миёнаравии муассисаҳои соҳибкории шабакавӣ ва асосгузорони технологияи инноватсионӣ.

3. Пешгуйӣ, вусъатёбии соҳаи фаъолияти соҳибкории ташкилӣ:

- ҳавасмандгардонии ташкили корхонаҳои муштараки шабакавӣ, институтҳо ва корхонаҳои илмӣ-тадқиқотӣ;

- дастгирӣ кардани паркҳои технологӣ ва инкубаторҳои технологӣ;

- коркард ва таҳия намудани стратегияи рушди инноватсионии мамлакат.

4. Пешгуйӣ намудан ва вусъат додани соҳаи фаъолияти соҳибкории инфиродии ҳамгироии кооперативӣ:

- аз ҷиҳати молия дастгирӣ намудани тиҷорати инфиродӣ;

[66] Дадоматов Д.Н. Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ: назария, методология ва амалия (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон): дис. ... д-ри илмҳои иқтисодӣ: 08.00.05 / Д.Н. Дадоматов. – Душанбе, 2022. – 42 с.

[67] Ҳабибов С.Ҳ. Рушди соҳибкории хурду миёнаи инноватсионӣ: зарурат, нақш ва аҳаммияти он / С.Ҳ. Ҳабибов, М.Ҷ. Ҷамшедов, Д.М. Аюбов / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе -2020. №4/1 (33). с- 12-20. ISSN 2308-054X.

- ба кормандони илмӣ-тадқиқотӣ оид ба ширкат дар фаъолияти рӯзҳои кории нопурра, саҳмияҳои шахсӣ роҳ додан.

5. Ширкат намудани муассисаҳои давлатии илмӣ-тадқиқотӣ ба раванди тиҷоратии ширкатҳои инноватсионӣ.

Омилҳои асосии васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ, ба ғайр аз омилҳои молиявӣ ва меҳнатӣ, боз механизми ташкилӣ ва техникӣ мебошанд.

Ба онҳо тааллуқ доранд:

*1.Механизми пешгуйӣ ва васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории кишвар зери таъсири шаклҳои инноватсионии соҳибкории шабакавӣ:*

- ҷамъоварӣ, таҳлил ва коркарди иттилоот оиди  фаъолияти истеҳсолӣ ва маркетингии онҳо;

-самаранокӣ ва фаврияти идоракунӣ;

-қобилияти фаврӣ ҳал кардани масъалаҳои ҷории ташкилӣ;

-"зичӣ"-и  корхонаҳои истеҳсолӣ;

-маркетинг.

*2. Механизми техникии тавсеаи доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ :*

-сатҳи истифодаи технология (боздиҳии фондҳо);

-ивази технологии таҷҳизот;

-ҷиҳозонидани техникии корхонаҳои саноатӣ;

-раванди самаранок ва оқилонаи фаъолияти истеҳсолӣ;

-навсозии мунтазами техника ва технология;

-истифодаи технологияи нави истеҳсоли мол.

*3. Механизми молиявии тавсеаи доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ:*

- арзиши аслии молро паст менамояд;
- моли сифатнок истеҳсол мекунад;
- сатҳи баланди нарх ва даромаднокии корхонаҳои саноатӣ.

Омилҳои васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ, ки рақобатпазирии иқтисодиёти кишварро таъмин менамоянд дар расми 3.2.2 нишон дода шудааст:

Ҳаҷми сармоягузорӣ ба технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ

Сифати муҳити компютер

Сатҳи маълумот, тахассуси шабакавӣ ва дониши компютерии ҷомеа

Шумораи истифодабарандагони дорои дастрасӣ ба Интернет ва захираҳои шабакавӣ

Расми 3.2.2. – Омилҳои васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ
*Таҳияи муаллиф*

Барои васеъшавиии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавии вилояти Суғд бояд муқаррароти зерин ба эътибор гирифта шавад:

- зарурати арзёбии миқдории рақобати муосир;
- муайян намудани мафҳуми умумии рақобати саноатӣ;
- хусусиятҳои хос ва асосии рақобати саноатӣ, аз ҷумла нисбӣ ва мушаххас;
- бо роҳи истифодаи натиҷаҳои муқоисаи хусусиятҳои маҳсулот ва хизматрасониҳои муайяни корхона рақобати саноатиро амалӣ намудан.

Вусъати фаъолияти соҳибкории шабакавӣ, мувофиқати хизматрасонӣ бо ҳтиёҷи гурӯҳҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон ва мизоҷони корхонаро пешбинӣ менамояд.

Дар раванди васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ истеҳсол ва пардохти музди меҳнат таъсир мерасонад.

Ин самаранокии соҳибкорӣ дар соҳибкории шабакавиро нишон медиҳад.

Ба ҳадафи гузошташуда ҳангоми мавҷуд будани методикаи фаврӣ ва объективии арзёбии омилҳои ташкилӣ-техникии афзоиши доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ноил шудан мумкин аст ва дар мисоли ширкати «Амид» методҳои зерин мавҷуданд:

- системаи дохилӣ ва ҳисоботи корхонаи саноатӣ;
- маълумот оид ба рақибон ва системаи ҷамъоварии он;
- таҳлили иттилоотӣ дар корхонаи саноатӣ;
- таҳқиқотҳои маркетингӣ оид ба вусъати бозори фурӯши маҳсулоти корхонаи саноатӣ ва системанокии он.

Муаммоҳои васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкорӣ дар корхонаҳо ин маҳдудиятҳои нигоҳдошташавандаи манбаъҳои сармоягузорӣ ва дифференсиатсияи муҳити рақобат мебошад.

Ин ба афзоиши миқдори корхонаҳои миёна ва хурд, шиддати муносибатҳои рақобатии байни ташкилотҳои калон ва афзоиши талабот дар бозорҳо алоқаманд аст.

Ғайр аз ин, афзоиши алоқамандии байни соҳибкории шабакавӣ фаъол ва хадамотҳои давлатӣ координатсияи онҳоро талаб мекунад.

Аз ин сабаб, васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкорӣ дар корхонаҳо ва соҳибкорӣ дар вилоят ва ҶТ ба ҳамгироии соҳибкории шабакавӣ мусоид мебошад.

Барои ин ошкорсозии мавҷудияти шароит ба фаъолияти муштараки якчанд корхонаҳо, табдилсозии онҳо ба бизнес-ҳамкорҳои шабакавӣ зарур аст.

Шароит, яъне шартҳои пешакии ҳамгироии соҳибкории шабакавии вилоят ва ҷумҳурӣ дар умум, зери таъсири муҳити дохила ва беруна дар раванди эволютсияи нуқтаҳои назар, муносибатҳо, мақсадҳо ва низоми арзишҳои одам ташаккул ёфтааст.

Ҳамзамон бо зиёд шудани ҳаҷми маҳсулот дар давоми соли 2019 корхона бештар ба беҳтар намудани сифат ва беҳсозии сохтори идоракунӣ ва техникии вазъи истеҳсолот диққат додааст.

Дар соли ҳисоботӣ ба мизоҷон чунин шакли маҳсулот пешкаш карда мешуд, ба монанди шаклҳои гуногуни тахтасанг ва елим, ки моли истеъмолии дархостӣ мебошад.

Афзоиши миқдори мол, ки дар давоми соли 2021 ба 0,036 млн. сомонӣ

ба қайд гирифта шудааст, дар охири сол ба 0,138 млн. сомониро бо назардошти тағйироти қурби асъор ташкил додааст. Инчунин шумораи афзоиши муштариён ба 6 ҳазор нафар расидааст. Ин хол дар соли 2022 низ давом дорад.

Аз рӯи афзоиши миқдори мол ширкати «Амид» мунтазам ба ҳайати се корхонаҳои беҳтарини соҳа ва иқтисодиёти миллӣ дохил мешавад. Аз рӯи амалиёти молӣ дар соли 2022 корхона 0,1 млн. сомонӣ фоизи даромад гирифтааст, ки 28% зиёдтар нисбат ба ҳамин нишондиҳанда дар соли 2018 мебошад.

Умуман, сифати маҳсулот дар муқоиса бо нишондиҳандаи нақшавӣ аз ҳисоби барзиёд иҷро кардани нақшаи ҳаҷми истеҳсоли мол такмил ёфтааст. Афзоиши миқдори истеҳсоли мол ва сифат бо омилҳои ташкилӣ-техникии васеъшавии доираи фаъолияти сармояи зеҳнии шабакавии инноватсионии ширкати «Амид» алоқаманд аст, ё ба таври дигар гӯем, зери таъсири ин омилҳо афзоиши истеҳсол ва фоида ба миён омадааст. Албатта, афзоиши музди меҳнат ба мушоҳида мерасад, вале нокифоя аст.

Дар охир бояд зикр кард, ки вусъатёбии фаъолияти корхонаҳои соҳибкории шабакавии ширкати «Амид» аз ду чиз вобастагӣ дорад, якум, аз самаранокии фаъолияти давраи истеҳсолӣ (фаъолнокии омилҳои ташкилӣ-техникӣ, баланд бардоштани рақобатнокии молҳои корхонаи саноатӣ) ва дум, аз молҳое, ки онҳоро бояд дуруст намуд.

**Ҷадвали 3.2.1. – Барориши маҳсулот ва музди меҳнат дар корхонаи шабакавии «Амид» дар соли 2022**

| **Номгӯй** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсолот бо донабайъ | 9000 | 12000 | 12000 | 15000 | 10000 | 12500 |
| Номгӯйи маҳсулот | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 6 |
| Музди меҳнати кормандон (бо сомонӣ) | 350 | 700 | 700 | 875 | 1166 | 1245 |
| Бо доллар (ИМА) | 44,35 | 88,71 | 88,71 | 110,89 | 107,78 | 101 |

*Манбаъ: дар асоси маълумотҳои ширкати «Амид» тартиб дода шудааст*

Аз таҳлили ҷадвал мусаллам аст, ки истеҳсоли маҳсулот, такмил додани сифати он, музди меҳнат раванди динамикаро доро аст ва дар мутобиқат ба

болоравии музди меҳнат комилан қарор дорад ва ин нишонаи мусбати тағйирот аст ва, аз ин рӯ, зикр кардан бамаврид аст, ки дар ширкат нақша ё пурсиши стратегии рушди сармоя вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, динамикаи афзоиши истеҳсоли маҳсулот, афзоиши музди меҳнат ё васеъ кардани истеҳсолот ба чашм намерасад. Ин дар асл барои тамоми иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таназзули истеҳсолот таалluқ дорад.

Ширкати «Амид» бомуваффақият кор намуда, дар соҳаи молиявӣ-маҳсулотӣ ҳамкорӣ мекунад ва ба таҳкими иқтисоди Тоҷикистон мусоидат менамояд, корхона ба ҳалли масъалаҳои мушаххас ва рушди маданияти аҳолӣ аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад.

Рушди суръатноки корхонаҳои ширкати «Амид» бо рейтингҳои гуногун тасдиқ карда мешавад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии молиявии ширкати «Амид»

**Ҷадвали 3.2.2. – Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии молиявии ССТ ширкати «Амид» дар солҳои 2021-2022**

| **Натиҷаҳои молиявӣ** | **2021** | **2022** | **Суръати афзоиш %** |
|---|---|---|---|
| Дороиҳо (ҳаз.сомонӣ) | 899,4 | 1321,2 | 146,89% |
| Қарздиҳӣ ба мизоҷон | 1022,6 | 1384,2 | 135,36% |
| Сармояи хусусӣ | 145,8 | 255,7 | 175,37% |
| Фоида (зарар) | 47,9 | 66,8 | 139,46% |
| Даромади фоизии соф | 81 | 104,1 | 128,50% |
| Даромади ғайрифоизии соф | 97 | 162 | 167% |
| Манфиатнокии даромад | 31,92 | 33,94 | 106,3 |
| Манфиатнокии сармоя | 33,56 | 26,12 | 0,77 |
| Бозоргирӣ | 116 | 119 | 102,5 |

*Манбаъ: Маълумотҳои фаврии ширкати «Амид»*

Чунон ки аз маълумотҳои ҷадвали 3.2.2 маълум мегардад, дороиҳои корхонаи шабакавии ширкати «Амид» дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта, вақте ки ин нишондиҳанда 8,9 млн. сомониро ташкил медод, 46,89% зиёд шуда дар охири соли 2022 13,2 млн. сомониро ташкил додааст.

Сармояи корхонаи шабакавии ширкати «Амид» дар муқоиса бо соли гузашта, ба 75,37% афзуда, 0,7 млн. сомониро ташкил додааст.

Нишондиҳандаҳои ҳисобот оид ба фоида ва ҳам талафот дар буҷетро таҳлилу муқоиса намуда, метавон гуфт, ки даромад ҳамаи интизориҳоро қонеъ сохта, дигаргуниҳо дар ҳамаи самтҳо, аз ҷумла оид ба дуруст таъмини кардани андозаи сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, такмил додани самаранокии истифодаи моликияти давлатӣ, ҳамчунин дастрасӣ ба бозорҳои молӣ ва сармоягузориро ҳам ташкил додааст.

Бояд гуфт, ки дар муддати 20 соли охир дар кишвар беш аз 152 млрд. сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз он ҷумла 60 млрд. сомонӣ сармояи мустақим аз он 36 млрд. сомонӣ барои рушди саноат ҷалб шудааст.

Дар панҷ соли охир 15 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ, то соли 2025 беш аз 200 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ, яъне зиёда аз 82 миллиард сомонӣ истифода шудааст.

Яке аз нишондиҳандаи фаъолияти ширкати «Амид» фоидаи соф мебошад, ки дар давраи ҳисоботӣ 0,8 млн. сомониро ташкил дода 9,46 % зиёдтар аз давраи соли гузашта мебошад.

**Ҷадвали 3.2.3. – Динамикаи нишондиҳандаи асосии ширкати «Амид» дар соли 2021-2022**

| Нишондиҳанда | Воҳиди ченак. | 2021 | 2022 | Афзоиш, бо % |
|---|---|---|---|---|
| Дороиҳо | млн. сом. | 899,4 | 1321,2 | 46,89 |
| Маҳсулот ба шасони ҳуқуқӣ | млн. сом. | 379 | 459,8 | 21,31 |
| Маҳсулот ба мизоҷони хусусӣ | млн. сом. | 643,6 | 924,4 | 43,63 |
| Сармояи хусусӣ | млн. сом. | 145,8 | 255,7 | 75,37 |
| Амонатҳо бо асъори миллӣ | млн. сом. | 872,72 | 817,3 | -6,35 |
| Амонатҳо бо асъори хориҷи кишвар | млн. сом | 244,2 | 333,1 | 36,4 |
| Фоидаи соф | млн. сом. | 47,9 | 66,8 | 39,45 |
| Шумораи миёнаи кормандон | нафар | 1600 | 2861 | 78,81 |
| Манфиатнокии сармоя(ROE) | % | 33,56 | 26,12 | -22,16 |
| Манфиатнокии дороиҳо (ROA) | % | 5,32 | 6,63 | 24,62 |
| Кофигии сармоя | % | 15,63 | 19,09 | 22,13 |

*Манбаъ: маълумотҳои фаврии соҳибкории дар соҳибкории шабакавии ширкати «Амид»*

Муносибати хуб ба кормандон, афзалияти муҳимтарини рақобати саноатии корхонаи шабакавии ширкати «Амид» мебошад.

Аз маълумотҳои фаврии соҳибкории дар соҳибкории шабакавии ширкати «Амид» маълум шуд,ки шумораи кормандон, ки дар хориҷа таҳсил намудаанд дар соли 2022 20 нафар буд, 2 нафари онҳо аз ҷумлаи ҳайати роҳбарикунанда мебошанд.

Ширкати «Амид» ба масъалаи ташкилӣ-иқтисодӣ, баландбардории рақобатнокӣ диққати ҷиддӣ медиҳад ва мониторинги самаранокии корхона амалӣ карда мешавад. Шӯъбаи молӣ самаранокии таъсири ин омилҳоро ба фурӯши маҳсулот нишон дода, амалиётҳои молӣ нишондиҳандаи меҳварӣ дар фаъолияти ҳар як корхонаи саноатӣ мебошад, ки аҳаммияти онҳоро дар даромаднокӣ арзёбӣ кардан душвор аст.

Ҳамин тариқ, саривақт ба роҳ мондани чорабиниҳои гуногун бо факторҳои ташкилӣ-техникӣ пайвандӣ дошта, ба зиёдшавии амалиётҳои молӣ мусоидат мекунад ва дар кори умумии корхона нақши бориз дорад.

Шӯъбаи молии соҳибкории шабакавии ширкати «Амид» ба ду намуд тақсим мешавад:

- микромаҳсулот (то 20 000 сомон);
- молҳои хурд (то 300 000 сомон).

Таҳлили муфассали фаъолияти истеҳсолӣ ва танзими омилҳои ташкилӣ-техникии васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавии ширкати «Амид», имкон медиҳад, ки механизми зерин ҷудо карда шавад, ки таъсири ҳалкунанда ба самаранокии кор ва рақобатнокии саноатии корхона дорад.

Таъсири омилҳои ташкилӣ-техникӣ ба васеъшавии доираи фаъолияти ширкати «Амид» ба таври зерин зоҳир шудааст:

*1. Кофӣ будани сармоя;*

*2. Рейтинги умумӣ оид ба боэътимодӣ;*

*3. Сарфаҷӯӣ, ки бо афзоиши миқёси истеҳсолот рост омадааст.* Маблағҷудокунии калони ибтидоӣ ва хароҷоти зиёди истеҳсолӣ барои дастгирии омилҳои техникӣ ва инфрасохтори технологияи иттилоотӣ,

инчунин ба ҷустуҷӯи роҳҳои алтернативии фурӯш хароҷотҳоро зиёд мекунад;

*4. Сарфаҷӯӣ, ки бо доираи васеи хизматрасонӣ ба миён омадааст.* Маҷмааи афзалиятҳо ва самараҳоро ҳангоми тағйирёбии коркарди паиҳам, истифодаи иттилоот доир ба бозор ва мизоҷон маълумот гирифтан мумкин аст. Тавассути таҳия ва коркарди чорабиниҳои махсус самаранокии омилҳои ташкилӣ-техникӣ ва идоракуниро такмил додан мумкин аст;

*5. Таҳлил ва ташхиси бозор, соҳаҳо ва маҳсулот;*

*6. Эътибори (шаъну шараф) корхона;*

*7. Қарзгирӣ дар бозори байналхалқии сармоя;*

*8. Ҳадафҳои стратегии корхона.*

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии соҳибкории шабакавии ширкати «Амид» се амалиётҳои алтернативӣ имконпазир аст:

А) азнавташкилдиҳӣ;

Б) дезинвеститсия (ақибнишинӣ);

В) рушд, ё афзоиши шиддатнокии иштирок дар самтҳои фаъолияти интихобшуда дар асоси мустаҳкамкунии баланд бардоштани рақобатпазирӣ.

Таъсири омилҳои ташкилӣ-техникии васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва пардохти дахлдори он мусоидат менамояд.

Васоити асосии ҳавасмандгардонии моддии соҳибкории шабакавии ширкати «Амид» мисли аксар корхонаҳо ба таври зерин аст:

• назар ба дигар корхонаҳои ҷумҳурӣ сатҳи баланди музди меҳнат, аз ҷумла тахминан 2-2,5 маротиба;

• ҷобаҷогузории кормандон ва мутахассисонро пайваста таҷдиди назар кардан;

• барои меҳнати босамар, то 100 % аз музди меҳнат мукофотпулӣ таъин намудан;

• молҳои воридотӣ, ки аз ҳисоби корхона харидорӣ гаштааст, ба савдо баровардан;

• бо ҷой ва манзили истиқоматӣ таъмин намудан;

• ба кормандони ширкат аз ҳисоби корхона харидорӣ кардани манзил;

• саривақт барои солимгардонии кормандон ташкил намудани истироҳат ва ҳам табобат;

• барои фарзандони кормандон дар муассисаҳои кӯдакона ташкил намудани лагерҳои тобистона;

• ҳифзу ҳимояи иҷтимоӣ;;

• то ҳаддал имкон таъмин кардани кормандон бо масолеҳи сохтмонӣ;

• дар шакли аслӣ (натуралӣ) қисман пардохт кардан;

• вазъи истеҳсолӣ ва оқилона ташкил кардани он;

• ғамхории самарабахш ба кормандони нафақахӯр;

• Тайёр намудани мутахассисон барои корхонаи кишварҳои пешрафтаи хориҷа ва дар кишварҳои дӯсту шарик;

• ташкил намудани аттестатсияи кормандон ва баланд бардоштани музди меҳнат онҳо то 10-15%;

• соле як маротиба ба мукофот пешниҳод намудан ва аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти корхона пардохт;

Ин ҷо, барои такмили ҳавасмандгардонии моддӣ дар ССТ нуктаҳои зеринро мо пешниҳод менамоем:

• Такомули механизми таносуби ҳиссаи корхона ва ҳиссаи давлат ҳангоми тақсим намудани фоидаи асъор;

• пеш аз мӯҳлат муайян намудани ҳиссаи корхона ва ҳиссаи давлат дар вақти тақсимоти фоида;

• аз ҷониби корхона мавриди истифода қарор додани қисми фоидаи асъор бо мақсади ҳавасмандгардонии моддӣ;

• барои фаъолияти тиҷоратӣ таъсис додани шабакаи бонкҳои маълумоти муайян ва комил;

• барои ҳавасмандгардонии кормандон ташкил кардани имтиёзҳои иловагӣ;

• вусъати ҳавасмандгардонии кормандон дар шакли иловагии музди меҳнат.

Васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ механизми танзими давлатиро талаб менамояд.

<table>
<tr><th colspan="11">Танзими давлатии рушди соҳибкорӣ</th></tr>
<tr><th colspan="11">Объекти танзим: соҳибкорӣ</th></tr>
<tr><th colspan="11">Сатҳҳои танзим: СИС ва ССТ, минтақа ва миллӣ</th></tr>
<tr><th colspan="3">Микроиқтисод</th><th colspan="4">мезоиқтисод</th><th colspan="4">макроиқтисод</th></tr>
<tr><td colspan="3">Субъектҳо: давлат, СИС ва ССТ</td><td colspan="4">Субъектҳо: мақомоти давлатӣ, СИС ва ССТ</td><td colspan="4">Субъектҳо: давлат, иттифоқҳои касаба,</td></tr>
<tr><td colspan="3">Мақсадҳо: баланд бардоштани самаранокӣ ва хосилнокии меҳнат дар корхона</td><td colspan="4">Мақсадҳо:таъмин шудани корхонаҳо бо қувваи корӣ дар минтақа</td><td colspan="4">Мақсад: зиёд шудани ҳисса дар ММM</td></tr>
<tr><th colspan="3">Воситаҳо</th><th colspan="4">Воситаҳо</th><th colspan="4">Воситаҳо</th></tr>
<tr><td>Танзими ташкили кор ва шароити корӣ</td><td>Таъсиси ҷойҳои корӣ бо воситаҳои муосир</td><td>Ҳавасмандгардонии моддӣ</td><td>Дастгирии ҳуқуқӣ</td><td>Танзими низоми андозбандӣ</td><td>зиёд намудани музди меҳнат</td><td>Ҳимояи ҳуқуқӣ</td><td>Дастгирии меъёрӣ-ҳуқуқӣ</td><td>Танзими талабоот ва пешниҳоди меҳнат</td><td>Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти зеҳнӣ</td><td>кафолати давлатӣ барои корношоямӣ</td></tr>
</table>

Расми 3.2.3. – Механизми танзими давлатии рушди соҳибкории шабакавӣ
*Таҳияи муаллиф*

Механизми танзими давлатии рушди соҳибкории шабакавӣ дар шароити муосир асосан тавассути санадҳои қонунгузории танзимкунандаи идоракунии инфрасохтори иқтисодиёт ва бозор амалӣ карда мешавад.

Хусусан, дар соли 2022 1382 корхонаи саноатӣ бо 15 ҳазор ҷойи корӣ, 1382 корхонаи саноатӣ бо 15 ҳазор ҷойи корӣ, 2800 корхонаи саноатӣ бо 85 ҳазор ҷойи корӣ, ки то ба 43 млрд сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд.[68]

[68]Ҳисоби муаллиф дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022

Давлат ҳадди ақалли музди меҳнатро дар раванди танзими давлатии рушди соҳибкории шабакавӣ дар замони муосирро ба роҳ мемонад ва бо ин восита нақши субъекти асосиро мебозад ва бо ном «қоидаҳои бозӣ»-ро дар соҳибкорӣ муайян месозад.

Ҳамин тавр, пешгуйӣ ва васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории кишвар зери таъсири шаклҳои инноватсионии соҳибкории шабакавӣ дар ширкати «Амид» ба пардохт ва ҳавасмандкунии меҳнат ҳамчун яке аз шаклҳои ҳавасмандгардонии меҳнат таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мешавад.

Дар доираи кор мо механизми дохилиро мушоҳида мекунем, ки ба рақобатпазирии соҳибкории шабакавии ширкати «Амид» дар шакли неруи хусусӣ (маркетинг, иттилоот, кормандон ва ғайра) аз чор ҷиҳат бунёд гардидааст: муносибат бо истеъмолкунандагон, такмили тиҷорат-равандҳои дохилӣ, менеҷменти молиявӣ, омӯзиш ва рушди кормандон.

Васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ зери таъсири шаклҳои инноватсионӣ ба амал меояд.




Расми 3.2.4. – Васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ зери таъсири шаклҳои инноватсионии соҳибкорӣ
*Таҳияи муаллиф*

Ҳамин тавр, васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкорӣ дар корхонаҳо ва рақобатпазирии онҳо, пешгуйӣ зери таъсири шаклҳои инноватсионии соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ омили сатҳи баланди ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад.

## 3.3.Ҷойгиркунӣ ва рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд

Баланд бардоштани самарабахшии ҳамкории давлат ва тиҷорат дар рушди соҳибкории шабакавӣ бояд дар худ равияҳои иқтисодиёти муосирро, аз қабили муносибати инфиродӣ ба харидори соҳибхтисос, ба миён омадани рақобати солими глобалӣ, ки дар он сифати маҳсулот, сатҳи хизматрасонӣ ва мисли инҳоро дохил намуд ва мавҷуд будани миёнаравҳои иттилоотӣ, поён рафтани арзиши муомилот, хароҷоти маркетинг ва реклама, хизматрасонӣ ва ниҳоят нархи маҳсулот, тағйири сохтори корхонаю ширкатҳои мавҷуда, автоматикунонии равандҳои тиҷоратиро бояд ба назар гирад.

Такмили механизми рушди соҳибкорӣ вилояти Суғд ба фикри мо аз 2 самт иборат мебошад:

-ҷойгиркунӣ ва рушди соҳибкории шабакавӣ;

- моделсозии фаъолияти соҳибкории шабакавӣ

Яке аз самтҳои асосии рушди соҳибкории шабакавӣ ҷойгиркунӣ ва амалкунии рушди он мебошад.

Барои ҷойгиркунӣ ва амаликунии соҳибкории шабакавӣ муайян намудани талаботи комплекси саноатӣ лозим мебошад, ки аз инҳо иборат мебошад:

- стратегияи рушд ва вусъати доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ дар ширкати «Амид»;
- қувваҳои истеҳсолӣ ва паҳншавии он;
- амалсозӣ, ҷойгиркунии соҳибкории шабакавӣ дар ҳудуди мушаххаси иқтисодиёти миллӣ ва ҳам вилоят.

- Варианти ҷойгиркунӣ  СИС ва ССТ дар иқтисодиёти миллӣ бо нишондоди иқтидори истеҳсолии онҳо
- Таснифоти соҳаҳои таҳқиқӣ-саноатӣ
- Гурӯҳбандии СИС ва ССТ ба ҳамдигар наздик
- Ошкор намудани талабот ба тахассуси касбии мутахассисон
- Баҳисобгирии тахассуси касбии мутахассисон бо маълумоти онҳо
- Вариантҳои эҳтиёҷоти умумии маҷмӯи иқтисодиёти шабакавӣ

Расми 3.3.1. – Алгоритми  ҷойгиркунӣ ва амалкунии соҳибкории шабакавии вилоят

*Таҳияи муаллиф*

Афзудани ҳаҷми соҳибкории шабакавӣ, таносуби зарурату эҳтиёҷот ва пешниҳодро дар бозори меҳнат вайрон карда, “номувозинатӣ”[69] ва “зиддияти”[70] талаботу пешниҳодро бармеангезад, ки тезутунд гаштани он метавонад ба бухрони бозор асос шавад ва амаликунии соҳибкории шабакавӣ дар шароити имрӯза бо вазъи иқтисодии Тоҷикистон, соҳибкории шабакавии ширкати «Амид» мувофиқ буда, инҳоро ба назар мегирад:

-такмили ҷараёни менеҷмент;

- маркетинги маҳсулот.

Ташаккули соҳибкории шабакавӣ доимо дастрас будани маълумоти муҳим, қобилияти таҳлил кардан ва арзёбии иттилооти бадастомада ва пайдоиши харидорро бояд таъмин кунад.

Дар раванди ташаккули соҳибкории шабакавӣ густариши доираи фаъолияти он, мутобиқшавии ҷараёни рушди соҳибкории шабакавӣ ба

---

[69] Джурабоев Г. Объективная необходимость формирования эффективного развития предпринимательства в современной экономике / Г. Джурабаев, Г.Х. Сохибназаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. Душанбе. – 2019. №3-2. -с.78-81. ISSN 2413-5151

[70] Ахмедов Ф. В. Соҳибкории хурд ҳамчун омили рушди устувори иқтисодиёти минтақа / Ф. В. Ахмедов / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахши илмҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе – 2020. №4. -35-41. ISSN 2413-5151

ҷаҳонишавӣ бо назардошти хусусиятҳои аҳолӣ, ҳуввияти онҳо, инкишофи таърихӣ ва амсоли он намоён мешавад.

Ҷойгиркунии рушди соҳибкории шабакавӣ ба иқтисодиёти миллӣ таъсир менамояд. Тибқи ҷойгиркунии рушди соҳибкории шабакавӣ, заминаи стратегияи рушд ва паҳн кардани қувваҳои истеҳсолӣ, яъне ҷойгиркунии соҳибкории шабакавӣ дар ҳудуди иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда ҳангоми мавҷуд будани методикаи фаврӣ ва объективии васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ дар ширкати «Амид» дорои имконият аст ва аз низоми ҳисоботи дохилии корхонаи саноатӣ, иттилооти беруна оид ба рақибон ва низоми ҷамъоварии он, таҳлили иттилооти корхонаи саноатӣ ва низоми он, тадқиқотҳои маркетингӣ оид ба васеъ намудани бозори фурӯши маҳсулоти корхонаи саноатӣ ва низоми он иборат мебошад.

Дар натиҷаи методҳои баҳогузории усулҳои зикршуда ҷойгиркунӣ ва амалишавии соҳибкории шабакавӣ арзёбӣ карда мешавад..

Бо истифода аз таҳлили нишондиҳандаҳо мо метавонем дар бораи самаранокии соҳибкории шабакавӣ хулоса барорем, ки фаъолияти соҳибкории шабакавӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин чунин модел карда шаванд. Барои муайян намудани зичии шабака бо субъектони соҳибкорӣ аз формулаи Мезентсев Е. М. [71] истифода бурда, дар чунин шакл пешниҳод менамоем:

1. *Зичии шабака миқдори субъектони СШ ва мувозинати онҳо*:

$$З = Х_а / Х_в \qquad (3.3.1)$$

дар ин ҷо:

$Х_а$ – миқдори шабака;

$Х_в$ – миқдори ҳамкориҳо.

2. *Дараҷаи мувозинатии шабака:*

$$Д = У_а / У_в \qquad (3.3.2)$$

[71] Мезенцев Е.М. Развитие системы сетевых взаимодействий субъектов предпринимательства: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / Мезенцев Е.М. –Екатеринбург, 2020. С.145-147.

ки дар он ҷо $У_а$– миқдори маркази ҳамкорӣ;

$У_в$– миқдори сохтор дар ҳар яке он.

$$Д_2 = Ч_а/Ч_в \qquad (3.3.3)$$

ки дар он ҷо $Ч_а$ – миқдори шуъбаҳо;

$Ч_в$ – миқдори коргарон.

$$Д_3 = М_а/М_в \qquad (3.3.4)$$

дар он ҷо $М_а$ – кори як марказ;

$М_в$– кори умумии корхона.

3. *Монандии алоқаҳои тиҷоратӣ*:

$$T = Ф_а/Ф_в \qquad (3.3.5)$$

ки дар он ҷо $Ф_а$– миқдори шарикони доимӣ;

$Ф_в$ – миқдори амалиётҳо.

4. *Иқтидори алоқаҳои тиҷоратӣ:*

$$И = В_а/В_в \qquad (3.3.6)$$

ки дар он ҷо $В_а$ – миқдори пайвасти базавӣ.

$В_в$– миқдори пайвастҳои навбати.

5. *Доимии алоқаҳои тиҷоратӣ*:

$$З = Л_а/Л_в \qquad (3.3.7)$$

ки дар он ҷо $Л_а$ – миқдори дарозмуддатии шабакавии сари соли.

$Л_в$– миқдори пайвастҳои навбати дар охири сол.

6. *Баробаршавии сохторӣ*:

$$Ч = ЕЛ_а/ЕЛ_в \qquad (3.3.8)$$

ки дар он ҷо $ЕЛ_а$ – миқдори алоқаҳои беруна;

$ЕЛ_в$ – миқдори таъсири беруна.

7. Алоқаҳои ғайрирасмии СШ чун ШДХ шарикии давлатию-хусусӣ инъикос менамояд:

$$Ф = А_а/А_1 \qquad (3.3.9)$$

ки дар он ҷо $А_а$– ин миқдори алоқаи расмӣ мебошад.

Чунин нишондиҳандаҳо имкон медиҳанд, ки таъсири синергетикии моделсозии иқтисодӣ ва математикии рушди соҳибкории шабакавӣ,

қобилиятнокӣ ва идорашавандагии онҳо дар маҷмӯъ дар иқтисодиёт арзёбӣ карда шаванд.

Баҳодиҳии рушди СШ-ро бо формулаи зерин истифода менамоем:

1) Мақсаднокии сохтори идоракунии СШ:

$$М_{сш} = Ш_а / Ш_в \qquad (3.3.10)$$

ки дар он ҷо $Ш_а$ – миқдори коргарони идоракунӣ;

$Ш_в$ – миқдори умумии коргарони идоракунӣ;

2) Самаранокии идоракунии СШ:

$$С_{ав} = 1 - Э_а / Э_в \qquad (3.3.11)$$

ки дар он ҷо $Э_а$ – миқдори қарорҳо;

$Э_в$ – ин миқдори умумии қарорҳои СШ.

Ҷараён ва усули арзёбии омилҳои ташкилии баланд бардоштани рақобатпазирии ширкати «Амид» гузаронида шудааст.

Дар ширкати «Амид» ҷойгиркунӣ ва амаликунии соҳибкории шабакавӣ аз намудҳои таъсиррасонӣ иборат буда, ба таври зерин тасниф мегардад:

1) ташкил намудани муҳити мусоиди маънавӣ-психологӣ дар корхона ва муносибатҳои боварибахш байни роҳбар ва корманд;

2) шароити рушд ва ба роҳ мондани қобилиятҳои шахсии кормандон, ки ба баландшавии қаноатмандӣ, самаранокии фаъолияти коргарон, корхона боис мешавад.

Ҳамаи усулҳои ҷойгиркунӣ ва амалкунии соҳибкории шабакавӣ дар ширкати «Амид» муқоиса карда намешаванд, зеро ширкат танҳо ҳангоми ҳамкории онҳо ба натиҷаи назаррас ноил мегардад.

Агар дурнамои маркетинги маҳсулоти ширкати «Амид» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намоем, пас онҳо манфиатнок мебошанд. Коршиносон афзоиши ҳарсолаи ҳаҷми бозорро то 10-15% пешгӯӣ мекунанд.

Тахмин кардан мумкин аст, ки рушди соҳаи рекламавӣ дар муддати дароз ва афзоиши умумииқтисодӣ дар пеш аст.

Маркетинги маҳсулоти ширкати «Амид» дар самти мазкур тамоюли мусбӣ дорад.

Усули назорат дар маркетинги маҳсулоти соҳибкории шабакавии ширкати «Амид» ҳангоми таҳқиқот, таъсири истеъмолкунандагони воситаҳои алоҳидаи рекламавӣ татбиқ карда мешавад.

Рушди соҳибкории шабакавӣ ба ҷалби фаъолона ва истифодаи иктишофии ҷомеаи шабакавӣ нигаронида шудааст, ки ҳамгироии он, аз ҷумла дар асоси ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди дороиҳои калон ба амал меояд, ки самараи синергетикиро зиёд мекунад.

Ҷойгиркунӣ ва амалкунии соҳибкории шабакавӣ самараи синергетикии чунин дорад:

- нахуст, иттилоотонии глобалии равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ба пайдоиши шаклҳои инноватсионии ҳамкории субъектҳо мусоидат намуда, ба импулсҳои қабулшуда сари вақт вокуниш нишон медиҳад;

- дуюм,суръат бахшидан ба раванди табодули иттилоот ба зуҳури шакли фаъолияти инноватсионӣ бо назардошти ҳамаи сатҳҳои он (ташкили шабака) оварда мерасонад.

- сеюм, суръати рушду такомули соҳибкории шабакавӣ истеҳсолотро мавриди навсозӣ қарор медиҳад, ҳамкории онро бо интернет ғайримустақим шарҳу эзоҳ медиҳад.

Ҳамин тавр, рушди иқтисодӣ ва рушди соҳибкории шабакавӣ алокаманд мебошад. Ин дараҷаи ҷалби диққати харидорон ба маркетинги беруна, яъне реклама аст. Барои рекламаи маҳсулоти ширкати «Амид» аз формулаи зерин истифода бурдан мумкин аст:

$$В = \frac{О}{Л} \qquad (3.3.12)$$

ки дар ин ҷо, В – дараҷаи диққатҷалбкунии раҳгузарон; О – шумораи нафароне, ки ба рекламаи беруна дар давоми давраи муайян диққат додаанд; л - шумораи умуми нафароне, ки аз пеши лавҳа гузашта рафтанд.

Дараҷаи таъсирбахшии чопи эълонҳои реклама дар бораи маҳсулоти соҳибкории шабакавии ширкати «Амид» дар воситаҳои ахбори омма шартан дар мағозаи мушаххас аз рӯи формулаи зайл ҳисоб кардан мумкин аст:

$$D = \frac{К}{C} \qquad (3.3.13)$$

ки дар он D – дараҷаи таъсирбахшии эълонҳои реклама; К – шумораи ташрифовардагон, ки маҳсулоти рекламашудаи ширкати «Амид»-ро харидорӣ намудаанд; С – шумораи умумии харидорон, ки дар мағоза ҳар гуна харид кардаанд.

Ҷойгиркунӣ ва амаликунии соҳибкории шабакавӣ дар ширкати «Амид» чунин бояд шаванд:

С– вазифаи мақсадноки пайдарҳамии тиҷорат (тиҷорат-занҷир);

R – захираҳои идоракунӣ;

М – маводҳо ва маҷмӯаҳо;

ОТ– таҷҳизот ва технология.

Бо назардошти ҷойгиркунӣ ва амаликунии соҳибкории шабакавӣ дар ширкати «Амид» бисёр пайдарҳамии тиҷорат тасвир карда мешаваанд, ки ҳар яки онҳо, дар навбати худ, бо маҷмӯи параметрҳои системавӣ-технологӣ тасвир карда мешаванд.

$$\mathrm{ES} = \bigcup_{j=1}^{N} BC_j = \bigcup_{j=1}^{N} \bigcap_{k=1}^{M} ( C_{jk}; A_{jk}; I_{jk}; B_{jk}; S_{jk}; T_{jk}; P_{jk}; D_{jk}; F_{jk}; R_{jk}; M_{jk} OT_{jk}$$

Қабул мекунем, ки дар ширкати «Амид» корхонаи базавӣ (асосӣ) (Y0) мавҷуд аст, ки бо ташаббуси он якчанд (m) филиалҳое B ⊆{B1,B2,...,Bm} таъсис дода мешаванд, ки арзиши истеъмолкунандаро Z, Z^2⊆{Z_1^k,Z_2^k,....,Z_n^k} барои ҳар як k-занҷир таъсис медиҳанд, ки дар он *n* иштирокчиён аз ҳайати корхонаи асосӣ ширкат меварзанд. [72]

Дар ин маврид, қисми унсурҳо (филиалҳо) мансубияти соҳавиро ба қисми минтақавии СИС инъикос мекунанд.

Худи ҷойгиркунӣ ва амаликунии соҳибкории шабакавӣ дар ширкати «Амид» метавонад самти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ дошта бошад, хизматрасонӣ пайдо кунад ё якчанд намудҳои арзишҳоро муттаҳид намояд.

---

[72] Афоничкин А.И. Управление развитием бизнес -цепочек в интегрированных экономических с истема. Учебник / А.И. Афоничкин, Д.Г. Михаленко, Е.А. Афоничкина. –Germany, Saarbrucken: Lambert Academic Publisching, 2011. – 456 с.

Моделиронии рушди СИС ва ССТ дар вилояти Суғд ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе шартҳо ва маҳдудиятҳо доранд:

- доштани навъҳои лозимии захираҳо барои иштирок ва рушди *j*-корхонаи асосӣ;

- доштани салоҳияти зарурӣ барои иштирок дар *j*-корхонаи асосӣ;

- дорои имконияти ҳосилкунии синергия будан, барои рушди филиал ва СИС ва ССТ дар маҷмӯъ;

- "таъмини рушди устувори"[73] СИС ва ССТ;

- доштани маҳсулотҳои муттафиқона барои иштирок дар фаъолияти тиҷоратӣ;

- қонеъ гардонидани талаботи баҳодиҳии бозорӣ оид ба сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, иҷрои кор ва расонидани хидматҳо дар ҳайати корхонаи асосӣ дар маҷмӯъ.

Вазъи мақсадноки оптималӣ ($S_{СШИ}$) филиалҳоро *(BS)* ташаккул медиҳанд, ки аз маҷмӯи пайдарҳамии тиҷорат иборатанд, ки дар он унсурҳои СИС ва ССТ ширкат меварзанд.

Илова бар ин, ҳар як раванд дорои *вектори мақсадноки* $z_k$ *идоракунӣ* мебошад, ки инчунин имкони таъминоти комёбшавӣ ба мақсадҳои умумисистемавиро $z^{\Omega}$ медиҳад, ки маҳсулотҳои муттафиқонаи рушди СИС ва ССТ-ро муттаҳид месозад.

Ҳисобкуниҳо бо истифодаи ин усул рушди соҳибкории дар соҳибкории шабакавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон доданд: 2017 – 13,9,%, 2019 - 18,6%, 2020 – 24,3%, 2021 -32,1% ва дар соли 2022 .- 35,8% муайян карда шуд.

Ҳамин тариқ, ҷобаҷокунӣ ва амалӣ намудани робитаи рушду инкишофи иқтисодӣ ва такмили соҳибкории шабакавӣ дар ширкати «Амид» дар асоси низоми иқтисодии соҳибкории шабакавӣ, моделикунонии рушди СИС ва ССТ дар шакли вектори гуногунбахш, ки аз маҷмуи параметрҳои

[73] Комилов С.Дж.Формирование адаптивного механизма управления устойчивого развития предприятий сферы услуг в регионах / С.Дж. Комилов, З.Дж. Раджабова / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе- 2022. №1. с- 106-110. ISSN 2413-5151.

муайянкунандаи самтҳои афзалиятноки фаъолияти соҳибкории шабакавӣ иборат мебошад, бунёд гардидааст.

Ҷойгиркунӣ ва амалкунии соҳибкории шабакавӣ дар ширкати «Амид»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баланд бардоштани самаранокии механизми рушди соҳибкории шабакавӣ ва зиёдшавии маблағгузории онҳо ба ММД ва МММ мусоидат менамояд.

Ширкати «Амид» ба роҳ мондани соҳибкории шабакавиро дар доираи мушкилоти иқтисодиёт, бесалоҳиятии касбии кормандон, аз ҷумла мақомоти идоракунӣ, ба мисли таҷрибаи нокифоя дар соҳаи фаъолият, бахусус тиҷорат, молия, муносибати корӣ дар бозор, таҳвил, истеҳсолот ва монанди инҳо ба назар мерасад, ки барои татбиқи самарабахши онҳо дар корхона баландбардории вазъи салоҳиятнокии касбии кормандони роҳбарикунанда муҳим мебошад, зеро соҳибихтисосии соҳибкорон ба пешбурди корҳои бомуваффақияти онҳо мусоид буда, дар ширкати «Амид» амаликунии соҳибкории шабакавӣ, рушди ширкат дар иқтисоди бозаргонӣ, неруи он аз ташаккули маданияти истифодаи замин, инкишофи ҳунармандӣ, ҳунарҳои мардумӣ, феҳристи гуногуни молҳо ва хизматрасонӣ ва монанди ин алоқаманд аст.

Ҷойгиркунӣ ва амалкунии соҳибкории шабакавӣ имконияти муайян намудани хусусиятҳои онро медиҳад.

**Хусусиятҳои соҳибкории шабакавӣ**

1. Шароити нави иттилоотии тиҷорат ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодиро (аз истеҳсол ба фурӯш) ба муҳити нави шабакавӣ интиқол медиҳад.

2. Бар хилофи иқтисодиёти саноатӣ, ки хусусияти миллӣ дорад, иқтисодиёти шабакавӣ хусусияти ҷаҳонӣ дорад.

3. Баръакси бозори анъанавӣ бо робитаҳои воқеии иқтисодӣ, иқтисодиёти шабакавӣ муносибатҳои виртуалӣ эҷод мекунад.

4. Тиҷорати электронӣ шакли асосии фаъолияти иқтисодӣ мегардад

Расми 3.3.2. – Хусусиятҳои соҳибкории шабакавӣ
*Таҳияи муаллиф*

Ҳарчанд, барномаҳои соҳаҳои гуногун, маҷмуӣ оид ба ҷойгирнамоӣ ва амалкунии соҳибкории шабакавӣ дар иқтисодиёт имрӯҳо вуҷуд надоранд, таҳлили афкори илмии соҳаи соҳибкории шабакавӣ –инноватсионӣ нишон медиҳад, ки асосҳои назария ва тадқиқотҳо дар ин соҳа ба таври фаъол сурат гирифта истодааст, чунки тарзи технологии истеҳсолот хусусияти муттаҳидкунандаи ҳамаи компонентҳои неруи истеҳсолкунанда маҳсуб меёбад. Ҳар як усули технологии истеҳсолот сохтори неруи истеҳсолкунандаи худро доро мебошад. Барои ҷомеаи баъдисаноатӣ таркибҳои асосии сохторҳои усули технологии истеҳсолоти зеҳнии инсон, иттилоот ва ҷойгоҳ ва амалкунии соҳибкории шабакавӣ мавриди омӯзиш қарор доранд. Дар давраҳои гуногуни рушди иқтисодиёти минтақаҳо ва миллӣ соҳибкории шабакавӣ дар шаклҳои гуногун зуҳур ётфааст. Мутаносибан, соҳибкории шабакавӣ дар давраи гузариш шакли дигарро дорад.

Таҷрибаҳои иқтисодии даҳсолаи охир нишон медиҳад, ки стратегияи мамлакатҳои бо роҳи рушди саноатӣ рафта истода самарнок мебошад. Ӯ кандашавӣ байни ахбори кӯҳна ва нави саноатӣ, соҳибкории шабакавӣ ва баъзе омилҳои боздошти онро нишон медиҳад.

Яке аз омилҳои асосии боздошти рушди соҳибкории шабакавӣ маблағгузорӣ мебошад.

Боздошти рушди соҳибкории шабакавӣ дар иқтисодиёти миллӣ вайронкуниҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, истеҳсоли озоди маҳсулоти зеҳнӣ дар шабака, маблағгузорӣ ва интернет-роҳзан (хакер) ба маълумотҳои корхона мебошад.

Дур сохтани чунин вазъият масъалаи муҳими сиёсати молиявӣ, шарти асосии босуботи иқтисодиёти миллӣ ва ташаккули ояндаи он ба шумор меравад.

Соҳибкории шабакавии минтақа ва рушду такомули он аз миқёси фаъолияти он вобаста буда, ба инкишофи дохилӣ равона гардида, ҳамчунин талаботи аҳолии вилоят, минтақа ва мамлакатҳои хориҷиро қонеъ менамояд.

Ҳангоми баррасии рушд ва сохтори соҳибкории шабакавии вилояти Суғд оиди нокифои талаботи аҳолии вилоят ва имкониятҳои соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфтан мумкин аст.

Дар рафти таҳқиқот афзалиятноки ва норасоиҳои иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ муайян карда шуд.

Афзалиятнокии иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ аз инҳо иборатанд:

- мутобиқшудани ширкатҳо ба шароити тағйирёбанда, вокуниши фаврӣ ба тағйироти шароити бозор;
- марказӣ кунонидани фаъолияти ширкат ба равандҳои беназир ва самтҳои афзалиятноки тахассусӣ;
- ба роҳ мондани сохтор оид ба кам кардани хароҷот, зиёд шудани даромад; кам кардани миқдори шуғли бесамари коргарон, истисно истифодаи такрории меҳнати тахассусмандон;
- имконияти гузаронидани чорабиниҳои муштарак дар доираи шабака бо шарикони беҳтарин ба истиснои ҳамкорӣ бо иҷрогарони дараҷаи дуюм;
- принсипи ихтиёрии контрагентҳо, ки ба натиҷаҳои мушаххас ва ҳисобу китоб дақиқ ноил мегардонад.

*Нокифоя будани иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ:*

- барои рушду ташаккул додани соҳибкории шабакавӣ дар асоси салоҳиятҳои асосӣ ихтисос пайдо кардан ва марказӣ кунондан зарур аст;
- тамоюли ҳозираи тараққии корхонаҳо зарурияти таваҷҷӯҳ ба тахассуси умумиро бо миён меорад;
- бо таъсири аз ҳад зиёди вобастагии натиҷаҳои иҷрои кор аз ҳайати кадрҳо, афзоиши хавфҳои вобаста ба ивазшавӣ, ки ин нуктаро дар ҷараёни баҳодиҳии соҳибкории корхонаҳо ба назар гирифтан лозим мебошад.

Ташаккули соҳибкории шабакавӣ ва сармояи он аз муҳимтарин нуктаи ташаккули иқтисодиёт буда, устувории инкишофаш афзоишу камшавии теъдоди корхонаҳои вилояти Суғд мебошад.

Ин боиси қатъ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ гардид, ки дар навбати худ ба андозаи зиёд боиси коҳиши сармояи соҳибкории шабакавӣ гардид.

Солҳои минбаъда бошад дар як қатор соҳаҳои саноат сармояи соҳибкории шабакавӣ меафзояд ва дар дигар соҳаҳо баръакс паст мешавад.

Дар вилояти Суғд фаъолияти соҳибкории шабакавӣ дар соҳаҳои истихроҷи маъдан ва энергетика, соҳаи хизматрасонӣ назаррас афзуда, боиси зиёдшавии шуғли аҳолӣ дар иқтисодиёт мебошад.

Теъдои коргароне, ки дар кишоварзӣ, коркарди маҳсулот, сохтмон дар вилояти Суғд кор мекунанд, баръакс кам мешавад.

Хусусан, сармояи соҳибкории шабакавӣ «доимӣ» нест.

Масалан, дар соли 2000-ум 52,3 % шумораи умумии аҳолии вилоятро ташкил дода бошад, пас дар соли 2011 ин нишондиҳанда 29,65 % ва соли 2022 26,9 % ташкил дод. Ва хуруҷи сармояи соҳибкорӣ ба хориҷа дар баробари муҳоҷирати меҳнатӣ афзоиш меёбад.

Дар баробари ин, дар дохили ҷумҳурӣ хусусан дар соҳибкории шабакавӣ ва сектори соҳибкории иқтисодиёт, чунон ки дар зер нишон дода шудааст, норасоии захираҳои меҳнатӣ мушоҳида карда мешавад.

Сармояи соҳибкории шабакавӣ дар баъзе бахшҳои иқтисодиёти вилоят, бахусус дар соҳаи кишоварзӣ дар ин марҳилаи рушди минтақа ба қадри кофӣ муассир нест.

